ISSN 3107-247X

СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

АХБОРИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ)

ВЕСТНИК КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
(научно-информационный журнал)

BULLETIN CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
(scientific-information journal)

№ 4 (63), 2025

СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

АХБОРИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ)

ВЕСТНИК КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

(научно-информационный журнал)

BULLETIN CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

(scientific-information journal)

№ 4 (63), 2025

ДУШАНБЕ – 2025

ИНДЕКСИ ОБУНА: 77818
ТДУ: 342.64(575.3)
ТКБ: 67.99(2Т)01
ISSN 3107-247X

Муассиси маҷалла: Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст (шаҳодатномаи бақайдгирӣ аз 31 марти соли 2023, №280/МҶ-97).

Дар маҷалла мақолаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.

Нишонии маҷалла: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48; тел: (+992 37) 221-61-96; веб-сомона: www.akhborsud.tj, факс: (+992 37) 221-29-28; e-mail: tojidinov_9898@mail.ru.

Котиби масъул: Қодиров Ҷурабек Шарифович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

САРМУҲАРРИР:
Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ – судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Диноршоҳ Азиз Мусо – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

ШУРОИ МАШВАРАТӢ:
Ашурзода Абдулҳафиз Абду – Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Мирзозода Рустам Пираҳмад – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Абдуллозода Зебонисо Файзулло – Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Ализода Зариф – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Идизода Файзалӣ Фузайлшо – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;
Маҳмудзода Маҳкам Азам – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Авакиян Сурен Адибекович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Ғаюрзода Шукрулло Карроматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Шарофзода Рустам Шароф – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Искандаров Зайниддин Ҳамидович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Зоир Ҷурахон Маҷидзода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Раҳмон Дилшод Сафарбек – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Қурбонализода Нурулло Шамсулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Сафарзода Анвар – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Маъруфӣ Расул Нурмуҳаммад – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;
Камолзода Илҳом Икром – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;
Каримзода Карим Мазиё – номзади илмҳои сиёсӣ;
Ҳошимзода Даврон Додоҷон – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;
Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

МУҲАРРИРОН:
Одиназода Ш.Х., Тоҷидинов М.А., Утикеева В.Н.

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист. Хулосаю андешаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Суди конститутсиониро ифода наменамоянд.

© Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.
© Гурӯҳи муаллифон, 2025.

ПОДПИСНОЙ ИНДЕКС: 77818
УДК: 342.64(575.3)
ББК: 67.99(2Т)01
ISSN 3107-247X

Учредитель журнала: Конституционный суд Республики Таджикистан.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан (свидетельство о регистрации от 31 марта 2023 года, №280/МЖ-97).
Статьи публикуются на таджикском, русском и английском языках.
Адрес журнала: 734025, г. Душанбе, ул. Бохтар, 48; тел.: (+992 37) 221-61-96; веб-сайт: www.akhborsud.tj, факс: (+992 37) 221-29-28; e-mail: tojidinov_9898@mail.ru.
Исполнительный секретарь: Кодиров Джурабек Шарифович – кандидат юридических наук, доцент.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:
Сохибзода Мухаммадджон Махмадали – судья-секретарь Конституционного суда Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Диноршох Азиз Мусо – доктор юридических наук, профессор

КОНСУЛЬТАТИВНЫЙ СОВЕТ:
Ашурзода Абдулхафиз Абду – Председатель Конституционного суда Республики Таджикистан;
Мирзозода Рустам Пирахмад – Председатель Верховного суда Республики Таджикистан;
Абдуллозода Зебонисо Файзулло – Председатель Верховного экономического суда Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:
Ализода Зариф – доктор юридических наук, профессор;
Идизода Файзали Фузайлшо – кандидат юридических наук, доцент;
Махмудзода Махкам Азам – академик Национальной Академии наук Таджикистана;
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин – доктор юридических наук, профессор;
Авакьян Сурен Адибекович – доктор юридических наук, профессор;
Гаюрзода Шукрулло Карокматулло – доктор юридических наук, профессор;
Шарофзода Рустам Шароф – доктор юридических наук, профессор;
Искандаров Зайниддин Хамидович – доктор юридических наук, профессор;
Маджидзода Джурахон Зохир – доктор юридических наук, профессор;
Рахмон Дилшод Сафарбек – доктор юридических наук, профессор;
Курбонализода Нурулло Шамсулло – доктор юридических наук, профессор;
Сафарзода Анвар – доктор юридических наук, профессор;
Соибов Зайниддин Махмадшарифович – доктор юридических наук, профессор;
Маъруфи Расул Нурмухаммад – доктор юридических наук;
Камолзода Илхом Икром – доктор юридических наук;
Каримзода Карим Мазиё – кандидат политических наук;
Хошимзода Даврон Дододжон – кандидат юридических наук;
Саидзода Иззатулло Хабибулло – кандидат юридических наук.

РЕДАКТОРЫ:
Одиназода Ш.Х., Тоджидинов М.А., Утикеева В.Н.

Приверженность журнала принципу разнообразия не подразумевает согласия редакционной коллегии с авторами. Ответственность за подбор и точность доказательств и цитат несут авторы. При использовании материалов журнала ссылка на источник обязательна. Выводы, мнения и толкования, высказанные в данной публикации, принадлежат авторам и не отражают позицию Конституционного суда.

© Конституционный суд Республики Таджикистан, 2025.
© Коллектив авторов, 2025.

SUBSCRIPTION INDEX: 77818
UDC: 342.64(575.3)
LBC: 67.99(2T)01
ISSN 3107-247X

The journal's founder: Constitutional Court of the Republic of Tajikistan.
The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan (registration certificate dated March 31, 2023, №280/МЖ-97).
Articles are published in Tajik, Russian and English.
The journal's address: 734025, Dushanbe, Bokhtar Street 48; tel.: (+992 37) 221-61-96; website: www.akhborsud.tj, fax: (+992 37) 221-29-28; e-mail: tojidinov_9898@mail.ru.
Executive Secretary: Kodirov Jurabek Sharifovich – candidate of legal sciences, associate professor.

CHIEF EDITOR:
Sohibzoda Muhammadjon Mahmadali – Judge-Secretary of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Dinorshoh Aziz Muso – doctor of law, professor

ADVISORY BOARD:
Ashurzoda Abdulhafiz Abdu – Chairman of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan;
Mirzozoda Rustam Pirahmad – Chairman of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan;
Abdullozoda Zeboniso Fayzullo – Chairman of the Supreme Economic Court of the Republic of Tajikistan, PhD in Law.

MEMBERS OF THE EDITORIAL TEAM:
Alizoda Zarif – doctor of law, professor;
Idizoda Faizali Fuzailsho – Candidate of Legal Sciences, Associate Professor;
Mahmudzoda Mahkam Azam – academician of the National academy of sciences of Tajikistan;
Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin – doctor of law, professor;
Avakyan Suren Adibekovich – Doctor of Law, Professor;
Gayurzoda Shukrullo Karomatullo – doctor of law, professor;
Sharofzoda Rustam Sharof – doctor of law, professor;
Iskandarov Zayniddin Hamidovich – doctor of law, professor;
Majidzoda Jurahon Zohir – doctor of law, professor;
Rahmon Dilshod Safarbek – doctor of law, professor;
Qurbonalizoda Nurullo Shamsullo – doctor of law, professor;
Safarzoda Anvar Saidislom – doctor of law, professor;
Soibov Zainiddin Makhmadsharifovich – doctor of law, professor;
Marufi Rasul Nurmuhammad – doctor of law;
Kamolzoda Ilhom Ikrom – doctor of law;
Karimzoda Karim Maziyo – candidate of political sciences;
Hoshimzoda Davron Dodojon – candidate of legal sciences;
Saidzoda Izzatullo Habibullo – candidate of legal sciences.

EDITORS:
Odinazoda Sh.Kh., Tojidinov M.A., Utikeeva V.N.

The journal's commitment to diversity does not imply agreement between the editorial board and the authors. Authors are responsible for the selection and accuracy of evidence and citations. Manuscripts submitted for publication are not peer-reviewed and will not be returned. The conclusions, opinions, and interpretations expressed in this publication are those of the authors and do not reflect the position of the Constitutional Court.

© Constitutional Court of the Republic of Tajikistan, 2025.
© Collective of authors, 2025.

МУНДАРИҶА

I. ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5.1.1)

Ализода З. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол**.....11-18**

Абдураҳимзода Д.Р. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кафили таъмини волоияти Конститутсия**.....19-26**

Соҳибзода М.М. Таҷассуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....27-33**

II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5.1.2)

Раҳмон Д.С., Шарифзода Л.Ш. Конститутсия, ислоҳоти конститутсионӣ ва аҳаммияти он дар ташаккул ва рушди раванди демократӣ дар Тоҷикистон**.....34-44**

Имомов А.И. Давлати ҳуқуқбунёд ва назорати конститутсионӣ**.....45-52**

Каримзода К.М. Конститутсионализм, идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ**.....53-63**

Диноршоҳ А.М. Нақши Суди конститутсионӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....64-69**

Султонзода А.А., Раҷабиён Б.О. Конститутсия ва рушди мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....70-77**

Каримзода У.К. Нақш ва вазифаҳои Конститутсия дар давлати муосир**.....78-82**

Ҷамшедзода К.Ҷ., Одиназода И.Ҷ. Меъёрҳои Конститутсия – сарчашмаи бевоситаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....83-92**

Абдалиев А.А. Ҷанбаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии механизми таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....93-100**

Муродзода У.У. Нақши Суди конститутсионӣ дар ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар давлати ҳуқуқбунёд**.....101-106**

Каримзода М.Ф. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди парламентаризм**.....107-112**

Шарипов М.М. Объекти ришвадиҳии тиҷоратӣ ҳамчун унсури таркиби ҷиноят**.....113-122**

III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5.1.3)

Қурбонализода Н.Ш., Раҳмон С.С. Эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ**.....123-130**

Иброҳимзода И.А. Мафҳум, хусусият ва шаклҳои танзими иҷора**...131-138**

Раҳим З.Ҳ. Экспертизаи давлатии судӣ-экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....139-145**

САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....146-156

ОГЛАВЛЕНИЕ

I. ТЕОРЕТИКО-ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.1)

Ализода З. Роль Эмомали Рахмона – в разработке и принятии Конституции независимого Таджикистана**.....11-18**

Абдурахимзода Д.Р. Конституционный суд Республики Таджикистан – гарант обеспечения верховенства Конституции**.....19-26**

Сохибзода М.М. Воплощение «правового просвещения» в Конституции Республики Таджикистан**.....27-33**

II. ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.2)

Рахмон Д.С., Шарифзода Л.Ш. Конституция, конституционная реформа и ее значение в становлении и развитии демократического процесса в Таджикистане**.....34-44**

Имомов А.И. Правовое государство и конституционный контроль**..45-52**

Каримзода К.М. Конституционализм, государственное управление и государственная служба**.....53-63**

Диноршох А.М. Роль Конституционного суда в защите социально-экономических и культурных прав человека в Республике Таджикистан**...64-69**

Султонзода А.А., Раджабиён Б.О. Конституция и развитие органов прокуратуры в Республике Таджикистан**.....70-77**

Каримзода У.К. Роль и задачи конституции в современном государстве**.....78-82**

Джамшедзода К.Дж., Одиназода И.Дж. Конституционные нормы - непосредственный источник законодательной системы Республики Таджикистан**.....83-92**

Абдалиев А.А. Конституционно-правовые аспекты механизма обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан**.....93-100**

Муродзода У.У. Роль Конституционного суда в разрешении конституционно-правовых споров в правовом государстве**.....101-106**

Каримзода М.Ф. Роль Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в разработке и принятии Конституции Республики Таджикистан и развитии парламентаризма**.....107-112**

Шарипов М.М. Объект коммерческого подкупа как составной элемент преступления**.....113-122**

III. ЧАСТНО-ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.3)

Курбонализода Н.Ш., Рахмон С.С. Признание прав один из способов защиты гражданских прав**.....123-130**

Иброхимзода И.А. Понятие, особенности и формы регулирования аренды**.....131-138**

Рахим З.Х. Государственная судебно-экологическая экспертиза в Республике Таджикистан**.....139-145**

АКТЫ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН.....146-156

CONTENTS

I. THEORETICAL AND HISTORICAL LEGAL SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.1)

Alizoda Z. The role of Emomali Rahmon in the development and adoption of the Constitution of independent Tajikistan**.....11-18**

Abdurahimzoda D.R. The Constitutional court of the Republic of Tajikistan is the guarantor of the supremacy of the Constitution**.....19-26**

Sohibzoda M.M. The embodiment of «legal education» in the Constitution of the Republic of Tajikistan**.....27-33**

II. PUBLIC LAW (STATE LAW) SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.2)

Rahmon D.S., Sharifzoda L.Sh. The constitution, constitutional reform and its importance in the formation and development of the democratic process in Tajikistan**.....34-44**

Imomov A.I. Rule of law and constitutional control**.....45-52**

Karimzoda K.M. Constitutionalism, public administration and public service**.....53-63**

Dinorshoh A.M. The role of the Constitutional court in protecting social, economic and cultural human rights in the Republic of Tajikistan**.....64-69**

Sultonzoda A.A., Rajabiyon B.O. The Constitution and the development of the prosecutor's office in the Republic of Tajikistan**.....70-77**

Karimzoda U.K. The role and objectives of the constitution in a modern state**.....78-82**

Jamshedzoda K.J., Odinazoda I.J. Constitutional provisions as the direct source of the legislative system of the Republic of Tajikistan**.....83-92**

Abdaliev A.A. Constitutional and leqal aspects of the mechanism for ensurinq national security of the Republic of Tajikistan**.....93-100**

Murodzoda U.U. The role of the Constitutional court in resolving constitutional-legal disputes in a rule-of-law state**.....100-106**

Karimzoda M.F. The role of the Founder of peace and national unity – Leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan, honorable Emomali Rahmon in the prepare and adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan and the development of parliamentarism**.....107-112**

Sharipov M.M. The object of commercial bribery es a constituent element of a crime**.....113-122**

III. PRIVATE LAW (CIVIL) SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.3)

Qurbonalizoda N.Sh., Rahmon S.S. Recognition of rights is one of the ways to protect civil rights.....**123-130**

Ibrohimzoda I.A. The concept, characteristics and forms of rent regulation.....**131-138**

Rahim Z.H. State forensic-ecological expertise in the Republic of Tajikistan.....**139-145**

ACTS OF THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.....146-156

I. ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5.1.1); ТЕОРЕТИКО-ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.1); THEORETICAL AND HISTORICAL LEGAL SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.1)

ЗАРИФ Ализода,
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

ТДУ: 342.51

НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Калидвожаҳо: Конститутсия; Истиқлолияти давлатӣ; Қонуни асосӣ; меъёрҳои конститутсионӣ; ҳадафҳои стратегӣ; давлати ҳуқуқбунёду демократӣ.

Аннотатсия: Мақолаи мазкур ба нақши муассири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст. Ҳамзамон, дар мақола ҷараёни таҳияи Конститутсия ва тадбирандешиҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қабул гардидани он ишора мегардад.

Воқеан Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсули талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат мебошанд ва бо дарназардошти мавқеи калидӣ доштани онҳо дар омоданамоӣ, инчунин қабули ин санади кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хулоса мегардад, ки бешак муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосгузори Конститутсияи Тоҷикистони муосир мебошанд.

Давлатдории имрӯзаро бе Конститутсия тасаввур кардан номумкин аст, зеро масъалаҳои асосӣ, бунёдӣ ва калидии ҷомеа дар ин санад муқаррар карда мешаванд. Аз ин ҷо Конститутсияро ҳамчун Қонуни асосӣ низ ном мебаранд.

Аз дигар тараф, муқаррар намудани масоили асосии ҷомеа ва давлат дар Конститутсия имкон медиҳад, ки тибқи меъёрҳои ин санад масъалаҳои дигар дар қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ муайян ва танзим карда шаванд.

Дар Тоҷикистон то эълони истиқлолияти давлатӣ панҷ маротиба Конститутсия қабул шудааст – 1929, 1931, 1935, 1937 ва 1978. Ин конститутсияҳо дар давраи Шуравӣ қабул шудаанд ва моҳияту мақсаду

мароми ин сохти ҷамъиятиро инъикос карда, Тоҷикистонро ҳамчун узви федератсияи Шуравӣ ба сифати ҷумҳурии иттифоқӣ муайян карда буданд.

Баъд аз эълони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 9 сентябри соли 1991 зарур буд, ки Конститутсияи давлати нави мустақили бавуҷудомада, таҳия ва қабул карда шавад. Аммо кашмакашиҳои сиёсӣ ва баъдан ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ имкон надоданд, ки ин санади муҳиму зарурӣ ва муайянкунандаи шоҳроҳи минбаъдаи рушди Тоҷикистон омода ва қабул карда шавад.

Амалан ин масъала аз Иҷлосияи шонздаҳуми таърихии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби Роҳбари нави Тоҷикистон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз мегардад. Баъди Сарвари давлат интихоб шудан, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври қатъӣ иброз намуданд, ки мақсади мо бунёди давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Ин роҳи мост ва мо ҳеҷ вақт аз ин роҳ намегардем[1].

Ин изҳороти роҳбари ҷавон ва тозаинтихоби Тоҷикистон ба дили мардуми кишвар шӯълаи умедро бедор кард, онҳо ба ояндаи Тоҷикистони озоду демократӣ, дунявию ҳуқуқбунёд ва ободу пешрафта боварӣ ҳосил карданд ва он халқи «роҳгумкарда»-и мамлакатро дар атрофи Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид кард.

Бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ яке аз аркони асосӣ, муҳим ва зарурии Конститутсия мебошад. Дар пояи ин арзиш дигар принсипу меъёрҳои конститутсионӣ ташаккул меёбанд. Бинобар ин, арзиши номбурда дар моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин ифодаи худро ёфтааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад»[2].

Ҳамчунон бояд қайд намоем, ки ин меъёри бунёдии Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар асоси изҳороти Сарвари давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, дастоварди бузурги Халқи Тоҷикистон мебошад, чунки ин шоҳроҳест, ки давлатҳои муосиру мутамаддини ҷаҳон бо ин роҳ пеш мераванд.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи стратегие, ки дар Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор гардид, яъне барпо кардани давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ва дар ин замина дар сатҳи Конститутсия ба расмият даровардану таҳким бахшидан ба истиқлолияти давлатӣ, зарур буд, ки ҳарчи зудтар Конститутсия таҳия ва қабул карда шавад.

Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр ҳам

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи миллат. Ҷилди 10. – С. 538.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 нояббри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

воқеъбинона чунин қайд кардаанд: «баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ давлати наву мустақили Тоҷикистон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии замони гузашта ба фаъолият шурӯъ кард. Ва дере нагузашта маълум гашт, ки қолаби кӯҳна ба ҷисми нав мувофиқ нест»[3].

Бо ин мақсад дар иҷлосияи ҳабдаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 1993 ҳайати нави Комиссияи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раисии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуд. Дар ин замина бо қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 1993 Гурӯҳи кории Комиссия оид ба таҳия намудани лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ба ҳайати он вакилони Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумат, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти давлатӣ ва олимони варзида шомил гардиданд[4].

Барои ҳарчи зудтар омода кардани лоиҳаи Конститутсия тибқи қарори зикргардида аъзои гурӯҳи корӣ аз 20 октябр то 01 декабри соли 1993 муваққатан аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар ҷои кори асосиашон озод карда шуданд[5].

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба зарурат, моҳият ва мазмуну мундариҷаи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар суханрониашон дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 1993 баргузор шуда буд, изҳори андеша намуданд. Аз ҷумла, оид ба зарурати ҳарчи тезтар қабул кардану муҳимияти ин санади роҳнамосоз чунин иброз намуданд: «яке аз омилҳои асосии устувории иҷтимоию сиёсии ҷомеа Қонуни Асосӣ ва қонунҳое мебошанд, ки ба талаботи шароиту замон ҷавобгӯ ҳастанд. Як қатор бахшҳои муҳими Қонуни Асосии ҷумҳурӣ ва дигар қонунҳое, ки дар заминаи онҳо таҳия гардидаанд, кӯҳна шудаанд ва ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ рост намеоянд. Аз ин рӯ, имрӯз барои мо вазифаи аз ҳама муҳим ин тайёр намудан ва қабул кардани Қонуни Асосии кишварамон мебошад»[6].

Яке аз масъалаи муҳиме, ки мавриди баҳсу мунозираҳои зиёд дар гурӯҳи корӣ ва комиссияи конститутсионӣ гардид, ин интихоби шакли идоракунии давлат, яъне интихоби шакли ҷумҳурӣ – ҷумҳурии парламентӣ ё ҷумҳурии президентӣ буд. Ин баҳсу мунозираҳо сабаби он гардиданд, ки гурӯҳи корӣ ба комиссияи конститутсионӣ ду лоиҳаи Конститутсияро, яке лоиҳае, ки дар он ҷумҳурии парламентӣ сабт гардидааст ва дигар лоиҳае, ки дар он ҷумҳурии президентӣ ифода шудааст, пешниҳод намояд.

[3] Эмомалӣ Раҳмон. Асари ишорашуда. Ҷилди 1. – С. 230.
[4] Таҳаввулоти конститутсионии Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе, 2019. – С. 174-175.
[5] Дар ҳамон ҷо.
[6] Эмомалӣ Раҳмон. Асари ишорашуда. – С. 152.

Таҳия ва пешниҳоди ду лоиҳа ба комиссияи конститутсионӣ ба андешаи мо сабабҳои гуногун дорад. Ба онҳо, аз ҷумла, инҳоро дохил кардан мумкин аст. Якум, таъсири истефои маҷбурии Президент Раҳмон Набиев ва аз Конститутсия хориҷ гардидани ниҳоди президент дар иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бояд қайд намоем, ки сабаби асосии аз Қонуни Асосии кишвар хориҷ кардани ниҳоди президент дар иҷлосияи зикргардида ин дар шароити онвақта номумкин будани гузаронидани интихоботи умумихалқии президент мебошад. Аммо ба назари баъзеҳо яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ маҳз интихоботи президентии соли 1991 буд. Масалан, роҳбари онвақтаи вилояти Суғд (онвақта Ленинобод) Р. Хоҷиев дар мусоҳибааш дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» аз 12 ноябри соли 1992, №163 қайд меамояд, ки он ҳолат, ки мо дар 2 сол ду президентро иваз кардем, аз он гувоҳи медиҳад, ки мо ҳоло ба чунин сохтори давлат тайёр нестем. Барои мо парламенти қудратманди обрӯманд, ки мақоми олии давлатӣ мебошад зарур аст, баъдан бояд аз рӯи вазъияти бавуҷудомада амал намоем[7].

Дуюм, таъсири давраи шуравӣ, аниқтараш низоми коллективонаи идоракунии давраи шуравӣ буд, зеро дар ҳайати комиссияи конститутсионӣ ва гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Конститутсия асосан кадрҳои давраи шуравӣ буданд ва ба онҳо ин тарзи идора (коллективӣ) шинос ва қобили қабул буд.

Сеюм, аз байн бурдани ниҳоди президентӣ дар иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба зиммаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати он гузоштани роҳбарии мамлакат ба қисми зиёди аъзои Комиссияи конститутсионӣ ва гурӯҳи кории таҳия намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул буд ва онҳо бо ҳар роҳу восита аз он пӯштибонӣ мекарданд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло боиси он шуданд, ки дар гурӯҳи корӣ ду лоиҳаи Конститутсия омада гардид ва ба комиссияи конститутсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми муҳокимаи ин лоиҳаҳо дар комиссияи конститутсионӣ Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои худро оид ба ин масъала иброз намуда, ҷонибдории худро аз ҷумҳурии президентӣ қайд намуд. Оид ба ин масъала Сарвари давлат дар иҷлосияи нуздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд карданд: «Бо назардошти тамоми хусусиятҳои ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногуни кишвар, ба мақсади муташаккилона гузаронидани ислоҳот ва таҷрибаи талхи давлатдории собиқи худ аъзои Комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омаданд, ки шакли мувофиқ ва боэътимоде, ки имрӯз ба шароити мешаххаси Тоҷикистон ҷавоб медиҳад, ҷумҳурии президентӣ бо назардошти хусусиятҳои

[7] Иқтибос аз Мақсудов М. Четыре совпадения или взгляд на историю // Бонувони Тоҷикистон. – 2022. – №188. – С. 8.

хоси Тоҷикистон мебошад. Илова ба ин, аксарияти кулли шахсоне, ки дар муҳокима иштирок доштанд, ҷумҳурии президентиро ҳамчун шакли идоракунии давлати Тоҷикистон тарафдорӣ карданд»[8].

Бояд зикр намоем, ки андешаҳои Сарвари давлат дар комиссияи конститутсионӣ оид ба ҷумҳурии президентӣ аксарияти аъзои комиссияро муътақид кард ва онҳо ба тарафдории лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ овоз доданд.

Як воқеияти дигарро ҳам бояд хотирнишон кард, ки ақидаи худро оид ба шакли идораи президентӣ ҳанӯз дар суханронии худ дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 1993 баргузор шуда буд, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буданд. Аз ҷумла, чунин қайд карда буданд: «пӯшида нест, ки имрӯзҳо дар атрофи масъалаҳои шаклҳои идораи давлатӣ, қабули Конститутсия ва интихоботи Парлумон баҳсу мунозираҳои ниҳонию ошкоро сурат мегирад. Мехостам назари шахсии хешро ба масоили мазкур баён созам. Ҳоло бештар сухан дар бораи идораи президентӣ ва парлумонӣ меравад. Боварӣ дорам, ки тарафдорони ҳар ду навъи идораи давлатӣ бурҳону андешаҳои раднопазир оварда метавонанд… Шахсан ман, ҷонибдори идораи мустақили президентӣ ҳастам. Танҳо як ҷиҳаташро таъкид мекунам, ки дар шароити давраи гузариш идораи мустаҳками президентӣ ба ҳалли бисёр масъалаҳои умда имконият медиҳад. Табиист, ки Раиси ҷумҳур низ бояд ба тарзи умумихалқӣ интихоб гардад. Ман ҳамеша мегуфтам ва ҳозир ҳам таъкид мекунам, ки ҳеҷ гоҳ аз масъалаи интихоботи умумихалқӣ рӯ нагардондаам ва барои он омода ҳастам»[9].

Масъалаи дигаре, ки боиси таваҷҷуҳи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардид, ин тарзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Оид ба ин масъала Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Изҳороти сиёсӣ аз 28 декабри соли 1993 чунин таъкид намуда буданд: «имрӯз вақти он расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин ман ҳамчун сардори давлат изҳор мекунам, ки асоси эҷоди ин навъи давлатро Конститутсияи нави ҷумҳурӣ мегузорад. Дар ин бобат кори пурмаҳсул дар ҷараён аст ва моҳҳои наздик лоиҳаи Қонуни Асосӣ пурра иншо мешавад. Бинобар ин ман дар андешаи онам, ки бояд Шурои Олӣ лоиҳаи Қонуни асосии навро баррасӣ карда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Баъд аз хатми муҳокима таҳрири ниҳоии лоиҳаи Конститутсия ва гузаронидани раъйпурсии умумӣ он қабул шавад»[10].

[8] Эмомалӣ Раҳмон. Асари ишорашуда. Ҷилди 1. – С. 238.
[9] Эмомалӣ Раҳмон. Асари ишорашуда. Ҷилди 1. – С. 164-165.
[10] Дар ҳамон ҷо. – С. 171.

Сабаби асосии чунин тарзи қабули Конститутсияро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, чунин баён карданд: «… Конститутсия ба муҳокимаи васеи мардум пешниҳод гардид ва зарурати аз тариқи раъйпурсӣ қабул кардани он маъқул дониста шуд. Зеро таҷрибаи талхи солҳои навадум талаб мекард, ки Конститутсияро худи халқ қабул намояд. Дар он айём зери таъсири майдонҳо ва гурӯҳҳои ҷонибдори онҳо ба Конститутсия дар як рӯз чандин тағйирот, аз ҷумла тағйироти мухолифи ҳамдигар, ворид карда мешуданд ва онҳо дар маҷмӯъ ин санади олиро ба қонуни оддӣ ва бозичаи дасти худ табдил дода буданд. Ин зарурат, инчунин, аз принсипи ба халқ таалуқ доштани ҳокимияти давлатӣ ва ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ будани раъйпурсии умумихалкӣ сарчашма мегирад»[11].

Бо қабули Конститутсия асосҳои бунёдии ҷомеа ва давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон гузошта шуд, мамлакат ба шоҳроҳи рушду тараққиёти худ ворид гардид, дар натиҷа дар кишвар дигаргуниҳои куллӣ бавуҷуд омаданд.

Ҳамон тавре гуфтаҳои боло тасдиқ менамоянд, қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ворид гаштани тағйиру иловаҳо ба он маҳз бо ташаббус, заҳмату талошҳо ва истодагарию пофишориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтанд. Аз ҷумла, дар онҳо масъалаҳои калидӣ – барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон, зарурати ҳокимияти президентӣ, аз тариқи овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсия, таҳкими Конститутсия бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳои саривақтӣ ба он, ташкил ва такмили низоми мақомоти давлатӣ ва таъмини фаъолияти самараноки он ва ба мисли онҳо пешниҳод, қабул ва амалӣ гардиданд, ки баёнгари онанд, ки дар воқеъ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Асосгузори Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмонов / Мурат.: С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.1. – 512 с.

3. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Ҷилди 10 / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 576 с.

[11] Садои мардум. Соли 2019, 5 ноябр.

4. Таҳаввулоти конститутсионии Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн]. – Душанбе, 2019. – 662 с.

5. Мақсудов, М. Четыре совпадения или взгляд на историю [Матн] / М. Мақсудов // Бонувони Тоҷикистон. – 2022. – №188. – С. 8-14.

6. Садои мардум // Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2019, 5 ноябр.

РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА – В РАЗРАБОТКЕ И ПРИНЯТИИ КОНСТИТУЦИИ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА

Ключевые слова: Конституция; государственная независимость; основной закон; конституционные нормы; стратегические цели; правовое и демократическое государство.

Аннотация: Настоящая статья посвящена всестороннему исследованию роли Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, в разработке и принятии Конституции суверенного Таджикистана. В статье подробно анализируется процесс подготовки проекта Конституции, а также комплекс политико-правовых и организационных мер, инициированных уважаемым Эмомали Рахмоном, которые сыграли определяющую роль в ее принятии в условиях становления государственности.

Конституция Республики Таджикистан по праву рассматривается как результат последовательной, целенаправленной и стратегически выверенной деятельности Лидера нации. С учетом его ключевого и определяющего участия на всех этапах подготовки и принятия данного основополагающего нормативно-правового акта, закрепляющего права и свободы человека и гражданина, обоснованно делается вывод о том, что уважаемый Эмомали Рахмон является основателем современной конституционной системы Республики Таджикистан.

Зариф Ализода – Помощник Президента Республики Таджикистан по правовым вопросам - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, д.ю.н., профессор.

THE ROLE OF EMOMALI RAHMON IN THE DEVELOPMENT AND ADOPTION OF THE CONSTITUTION OF INDEPENDENT TAJIKISTAN

Keywords: Constitution; state independence; basic law; constitutional norms; strategic goals; rule of law and democratic state.

Annotation: This article is devoted to a comprehensive examination of the role of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali

Rahmon, in the drafting and adoption of the Constitution of sovereign Tajikistan. The study provides an in-depth analysis of the constitutional drafting process, as well as the set of political, legal, and institutional measures initiated by Emomali Rahmon, which played a decisive role in the adoption of the Constitution during the formative period of statehood.

The Constitution of the Republic of Tajikistan is rightly regarded as the result of the consistent, purposeful, and strategically grounded efforts of the Leader of the Nation. Taking into account his pivotal and determining involvement at all stages of the preparation and adoption of this fundamental legal act, which enshrines the rights and freedoms of individuals and citizens, the article substantiates the conclusion that His Excellency Emomali Rahmon is the founder of the modern constitutional system of the Republic of Tajikistan.

Zarif Alizoda – Assistant to the President of the Republic of Tajikistan for Legal Affairs - Plenipotentiary Representative of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi milli and Majlisi namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

АБДУРАҲИМЗОДА Дилором Рустам,
муовини Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТДУ: 342.56

СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – КАФИЛИ ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ

Ключевые слова: Конститутсия; сохтори конститутсионӣ; Суди конститутсионӣ; мақомоти назорати конститутсионӣ; Кумитаи назорати конститутсионӣ; таҷзияи ҳокимият; пешниҳод; дархост; Номаи Суди конститутсионӣ.

Аннотация: Дар мақола нақши Суди конститутсионӣ, ҳамчун мақоми Олии назорати конститутсионӣ, дар таъмини волоияти Конститутсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф нақши Суди конститутсиониро дар таъмини волоияти Конститутсия баён дошта, зикр менамояд, ки таъмини волоияти ин санади олии ҳуқуқӣ, ҳамзамон кафолати таъмини устувории асосҳои сохтори конститутсионии давлат маҳсуб меёбад.

Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар сол рӯзи қабул гардидани онро ҳамчун санади муҳими сарнавиштсоз бо ифтихору сарфарозӣ таҷлил менамоем, аз ҷумлаи дастовардҳои арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба маҳсуб меёбад.

Ин санади тақдирсоз дар ташаккул ва рушди давлату давлатдории мамолики ҷаҳон нақши басо муҳим дорад. Агар ба таърихи ташаккул ва рушди давлатдории тоҷикон назар кунем, дар тамоми марҳилаҳои инкишофи таърихӣ ва бахусус дар роҳи эъмори давлатдории навини тоҷикон Конститусия нақши калидӣ дорад. Маҳз ҳамин нуктаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш махсус таъкид намуда иброз доштаанд, ки «Қабули Конститутсия арзишмандтарин дастоварди мардум ва давлати тоҷикон дар интиҳои асри гузашта ба шумор рафта, натиҷаи мантиқии талошҳои ҷомеаи адолатпарвар дар роҳи расидан ба марҳалаи тозаи рушду инкишофи хеш ва муаррифии кишвари мо ба оламиён мебошад»[12].

Арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун меҳвари

[12] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба таҷлили 20-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj /node/7824/ (санаи мурочиат: 20.11.2025).

асосии Конститутсияи кишвар ифодагари мазмуну моҳияти ҷомеаи демократӣ ва асоси фаъолияти сохторҳои давлатӣ ба шумор меравад.

Муҳимтарин ғояи Конститутсия - идеяи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани Тоҷикистон аст. Ин се истилоҳ ифодакунандаи моҳияти афкори пешқадам дар таърихи башарият маҳсуб меёбанд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, яъне дар сатҳи Конститутсия арзиши олӣ эътироф намудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, боиси аз тарафи коршиносони байналхалқӣ дар радифи конститутсияҳои беҳтарини давлатҳои аъзои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо эътироф намудани Конститутсияи мо гардидааст.[13]

Бешубҳа, таъмини волоият ва муътадилии Конститутсия ва низоми қонунгузорӣ, ки тибқи он рукнҳои асосии давлатдорӣ ташаккул меёбанд, ин кафолати таъмини устувории иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва билохира низоми идоракунии давлатӣ мебошад.

Таъмини волоияти Конститутсия, ҳамзамон кафолати таъмини устувории асосҳои сохтори конститутсионии он мебошад.

Баъд аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан ҳам роҳ ба сӯи эъмори давлати ҳуқуқбунёд кушода шуд. Яке аз нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёд ин мавҷудияти падидаи назорати конститутсионӣ мебошад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми назорати конститутсионӣ аз ҷумлаи дастовардҳои даврони истиқлолият ва самараи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб рафта, ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсия фаъолият мекунад.

Мақомотии назорати конститутсионӣ барои фаъолияти институтҳои давлатӣ аҳамияти муҳим дошта, имрӯз дар сохти давлатдории аксари давлатҳои ҷаҳон нақши муҳим доранд, бинобар ин мақомоти мазкур дар конститутсияҳо ва қонунҳои махсус ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Дар таҷриба бо фаъолияти мақомоти назорати конститутсионӣ ҳалли масъалаҳои муҳимми таносуби сарчашмаҳои гуногуни қонунгузории дохилӣ, муносибатҳои мутақобилаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мустаҳкамкунии низоми тафзияи ҳокимият, такмил додан ва ба Конститутсия мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва дигар санадҳоро вобаста менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститусия, ҷиҳати ҳифзи ин санади олии ҳуқуқии худ мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ, яъне судҳои конститутсионӣ ва ё Шурои конститутсионӣ таъсис доданд. Ин омил боиси он гардид, ки айни ҳол дар бисёр давлатҳои демократӣ мақомоти

[13] Ниг.: Маҳмудзода М.А. Даҳ соли амали қонуни сарнавишту тақдирсоз // Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмуи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 524.

назорати конститутсионӣ унсури муҳимми сохти давлатдорӣ ба шумор меравад.

Институти назорати конститутсионӣ, ки дар шакли муосир арзи ҳастӣ менамояд таърихан сараввал дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико таъсис дода шуд. Ҳанӯз соли 1803 Суди Олии федералӣ дар хусуси доштани ҳуқуқ оид ба номутобиқ эътироф намудани дилхоҳ қонун ба Конституцияи ШМА, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузории кишвар (Конгресс) қабул карда мешаванд, эълон намуд. Ин навъ назорати конститутсионӣ баъдтар навъи амрикоӣ ном гирифт. Аввалин мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ ба ном Суди конститутсионӣ бошад, дар Австрия дар асоси Конституцияи соли 1920 ташкил карда шуд, ки барои ташаккули навъи аврупоии назорати конститутсионӣ асос гардид[14].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бавуҷудоии падидаи мазкур бо таърихи навини давлатдории мо алоқаи ногусастанӣ дошта, таъсиси он аз Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо мегирад.

Лозим ба ёдоварист, ки падидаи назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз соли 1990 бо таъсис гаштани Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор омада буд, ки таъсиси он аз талаботи ҷомеа ва давлат ба мавҷудияти чунин як падида ва ниҳоди нав дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ шаҳодат медод.

Мувофиқи банди дувоздаҳуми моддаи 99 Конституцияи соли 1978 Шурои Олии ҶТ моҳи апрели соли 1990 Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Мувофиқи моддаи 104 ин Конституция ба Кумитаи мазкур ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шуд[15].

Кумитаи мазкур назорат, риоя ва татбиқи меъёрҳои Конституцияро амалӣ менамуд ва баъдан дар таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозид.

Ба таъсиси Суди конститутсионӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 15 майи соли 1995, № 238 заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт ва охири соли 1995 Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуд.

Дар иҷлосияи дуюми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 ноябри соли 1995 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд, ки дар он вазифаҳо, салоҳият, тартиби ташкил ва фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян карда шуданд.

---

[14] Ниг.: Шарофзода Р.Ш. Ганс Келзен – асосгузори аввалин Суди конститутсионӣ дар Аврупо / Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3-4. – С. 15-25.

[15] Маҷмӯаи Конститутсияҳои Тоҷикистон / муҳаррири масъул Гадоев Б.С. – Душанбе, 2015. – С. 383-384.

Бинобар ин гуфтан ҷоиз аст, ки Суди конститутсионӣ зодаи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, пайдоиши падидаи назорати конститутсионӣ яке аз дастовардҳои нодири замони Истиқлолияти давлатӣ ба шумор меравад.

Дар тӯли фаъолияташ Суди конститутсионӣ бо санадҳои қабулнамудаи худ дар таъмини волоияти Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими қонуният ва тартиботи конститутсионии кишвар нақши муассир дорад.

Мақсади асосии назорати конститутсионӣ ин таъмин намудани мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат мебошад. Маҳз тавассути ин назорат дар кишвар асосҳои сохтори конститутсионӣ устувор гаштаву қонунияти конститутсионӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрванд таъмин карда мешавад.

Дар аксари давлатҳои ҷаҳон бо мақсади назорати конститутсионӣ мақомоти махсуси судӣ таъсис ёфтаанд, ки маъруф бо номи судҳои конститутсионӣ буда, фаъолияти худро тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ амалӣ менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Суди конститутсионӣ таъсис ёфта, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷиро дар худ таҷассум кардааст.

Вобаста ба ин, Суди конститутсионӣ дар баробари зиёда аз 160 мақомоти назорати конститутсионии давлатҳои ҷаҳон тариқи мурофиаи судии конститутсионӣ баҳри ҳифзи Конститутсия, ки он инъикосгари арзишҳои миллӣ ва Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, фаъолият дорад ва мавҷудияти он дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва судӣ яке аз нишонаҳои давлати демократию ҳуқуқбунёд арзёбӣ мегардад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти мустақили ҳокимияти судӣ ва дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ, ки баҳри таъмини волоият ва амали бевоситаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис дода шудааст, барои ҳифзи ин арзишҳо ва музаффариятҳои миллӣ доимо кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Таъмин намудани амали бевоситаи Конститутсия, яке аз самтҳои асосии фаъолияти Суди конститутсионӣ ба ҳисоб меравад.

Зеро, танҳо ин мақоми мустақили ҳокимияти судӣ қарори қатъиро дар бораи номувофиқатии қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия қабул карда метавонад.

Соли оянда аз таъсиси Суди конститутсионӣ 30 сол сипарӣ мешавад, ки зарурат ва аҳамияти ин мақомро дар давлатдории навини Тоҷикистон собит сохта, инчунин нишон дод, ки вобаста ба инкишофу пешрафти ҷомеа нақш ва мақоми Суди конститутсионӣ бояд таҳким ёбад.

Суди конститутсионӣ дар давраи фаъолияти худ зиёда аз 150 дархосту пешниҳодҳои субъектҳои ҳуқуқи муроҷиат ба Суди конститутсионӣ доштаро

баррасӣ намуда, тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нисбати онҳо 39 қарор ва 117 таъинот қабул кардааст.

Чунин теъдоди нисбатан ками дархосту пешниҳодҳои субъектҳои ҳуқуқ ба Суди конститутсионӣ, то андозае аз хусусияти хоси фаъолияти ин мақоми ҳокимияти судӣ бармеояд, зеро он асосан аз ташаббуси субъектҳое, ки ҳуқуқи мурочиат кардан ба Суди конститутсионӣ доранд вобастагӣ дорад.

Ҳамчун падидаи муҳими давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва мақоми махсуси назорати конститутсионӣ дар тӯли фаъолияти начандон тӯлониаш Суди конститутсионӣ зарурат ва аҳамияти худро собит намуда, дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши намоёни худро гузоштааст.

Чунончи, Суди конститутсионӣ бо нахустин қарори худ аз 26 марти соли 1996 Фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 1993, № 134 «Дар бораи боздоштани амали моддаҳои 6, 28, 48, 49, 53, 53[1], 85, 90, 92, 97, 221[1] ва 221[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – ро, ки онҳо шикоят карданро аз болои асоснокии ҳабс ё дароз намудани муҳлати нигаҳдорӣ дар ҳабс ба суд манъ мекарданд, ғайриконститутсионӣ дониста, онро беэътибор эътироф намуд[16].

Ин қарори Суди конститутсионӣ ба шаҳрвандон имконият фароҳам овард, ки ҳуқуқҳои конститутсионии худро оид ба ҳифзи судӣ амалӣ намуда, аз рӯи масъалаҳои номбурда ба суд бемамониат мурочиат намоянд.

Ҳамчунин, бо қарори Суди конститутсионӣ аз 16-уми октябри соли 2001 «Дар бораи муайян намудани мутобиқати қисми 1 моддаи 303 ва қисми 1 моддаи 337 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаҳои зикршудаи Кодекс, ки ба тарафҳо ва дигар иштирокчиёни парванда ҳуқуқи овардани шикояту эътирозро нисбати таъиноту ҳалномаҳои зинаи аввали Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда буданд, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф дониста шуда, беэътибор гардиданд[17].

Қарори номбурда ба тарафҳо ва дигар иштирокчиёни парванда ҳуқуқ дод, ки онҳо аз болои таъиноту ҳалномаҳои зинаи аввали Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи кассатсионӣ шикояту эътироз пешниҳод намоянд.

Инчунин, мақомоти зикршуда вазифадор карда шуд, ки ҷиноятӣ содиршудаи шиканҷаро ошкор карда, нисбати шахсони онро содирнамуда чораҳои дахлдор, то ба дараҷаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан андешида шавад.

[16] Маҷмуаи қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-2011). – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 206-210.
[17] Ҳамин ҷо. – С.176-181.

Ҳамчунин дигар санадҳои судӣ қабул карда шуданд, ки онҳо дар қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мувофиқ ба меъёрҳои Конститутсия ва ба ин васила таъмини волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши муҳим бозиданд.

Фаъолияти бомароми Суди конститутсионӣ оид ба таъмини волоияти Конститутсия ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шаҳодати онанд, ки ташаккули институти назорати конститутсионӣ ба инкишофи давлатдории миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол иртиботи ногусастанӣ дошта, ба мақсаду вазифаҳои афзалиятноки ҷомеа тавъам аст.

Бояд зикр кард, ки дар ин раванд Суди конститутсионӣ танҳо дар доираи муроҷиатҳои субъекти ҳуқуқи муроҷиат ба Суди конститутсионӣ маҳдуд нашуда, ҳамасола оид ба вазъи қонунияти конститутсионӣ, волоияти меъёрҳои Конститутсия ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нома мефиристад.

Таи солҳои охир ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200 пешниҳодҳо дар хусуси таҳкими қонунияти конститутсионӣ, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, қабули санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, тағйири таҷрибаи мавҷуда бо назардошти амалияи ҷаҳонӣ ва ғ. ирсол карда шуданд, ки аксари онҳо аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мавриди татбиқ қарор дода шуданд.

Ҳамин тавр, Суди конститутсионӣ дар тӯли фаъолияти худ ба ҳайси мақомоти мустақили ҳокимияти судӣ ва падидаи нави давлати ҳуқуқбунёду демократӣ зарурат ва аҳамияти худро дар бунёди давлатдории навини Тоҷикистон собит сохта, дар ҳифзи Конститутсия ва таъмини волоияти он, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд нақши басо муҳимро касб намудааст.

Хулоса, дар шароити ҳозираи буҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, таъсири зуҳуроти номатлуби ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо, ҳамчунин таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ, танҳо бо роҳи таъмини волоияти Конститутсия ва қонунҳо ва тартиботи устувори ҳуқуқӣ ва амнияту суботи ҷомеаро таъмин кардан имконпазир аст.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1083 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

3. Маҷмуаи қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-2011) [Матн]. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 676 с.

4. Маҷмуаи конститутсияҳои Тоҷикистон [Матн] / муҳаррири масъул Гадоев Б.С. – Душанбе, 2015. – 633 с.

5. Маҳмудзода, М.А. Даҳ соли амали қонуни сарнавишту тақдирсоз [Матн] // Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмуи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 524-532.

6. Шарофзода, Р.Ш. Ганс Келзен – асосгузори аввалин Суди конститутсионӣ дар Аврупо [Матн] / Р.Ш. Шарофзода // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3-4. – С. 15-25.

7. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба таҷлили 20-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/7824/ (санаи мурочиат: 20.11.2025).

КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН – ГАРАНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ВЕРХОВЕНСВА КОНСТИТУЦИИ

Ключевые слова: Конституция; конституционный строй; Конституционный суд; органы конституционного контроля; Комитет по конституционному контролю; разделение властей; представление; ходатайства; Послание Конституционного суда.

Аннотация: В статье анализируется и рассматривается роль Конституционного Суда как высшего органа конституционного контроля в обеспечении верховенства Конституции. Автор описывает роль Конституционного Суда в обеспечении верховенства Конституции и отмечает, что обеспечение верховенства этого высшего правового документа является одновременно гарантией обеспечения стабильности основ конституционного строя государства.

Абдурахимзода Дилором Рустам – Заместитель Председателя Конституционного суда Республики Таджикистан

THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IS THE GUARANTOR OF THE SUPREMACY OF THE CONSTITUTION

Keywords: Constitution; constitutional order; Constitutional Court; constitutional review bodies; Constitutional Review Committee; separation of powers; submission; petitions; Message of the Constitutional Court.

Annotation: This article analyzes and examines the role of the Constitutional Court as the highest body of constitutional review in ensuring the supremacy of the Constitution. The author describes the role of the Constitutional Court in ensuring the supremacy of the Constitution and notes that ensuring the supremacy of this highest legal document simultaneously guarantees the stability of the foundations of the state's constitutional order.

Abdurahimzoda Dilorom Rustam – Deputy Chairman of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan.

СОҲИБЗОДА Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,
судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Тел.: (+992) 904-41-50-50.

ТДУ: 342.41

ТАҶАССУМИ «МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ» ДАР КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Конститутсия; маърифати ҳуқуқӣ; Истиқлоли давлатӣ; ҷомеаи демократӣ; ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; иттилооти ҳуқуқӣ; маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур аслан меъёрҳои конститутсионие, ки ба заминаи ташаккули «маърифати ҳуқуқӣ» арзёбӣ мегарданд, таҳлил гардидааст. Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» гарчанде дар матни Конститутсияи ҶТ бевосита оварда нашуда бошад ҳам, аммо дар Конститутсия арзишҳое дарҷ гардидаанд, ки мазмун ва моҳияти «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ифода менамоянд.

Муаллиф ҳамзамон якчанд меъёрҳои конститутсиониро, ки таҷассумгари маърифати ҳуқуқӣ мебошанд, ба таври мисол ошкор менамояд. Дар заминаи чунин муқарраротҳои заминавӣ доир ба унсурҳо ва махсусияти маърифати ҳуқуқӣ дар Конститутсияи ҶТ бошад, ҳамзамон мафҳуми «маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ»-ро муайян ва пешниҳод менамояд.

Истиқлоли давлатӣ нодиртарин дастовард ва муҳимтарин сарвати бебаҳо дар роҳи эъмори давлати соҳибихтиёру демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ буда, ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ ва ташаккулу рушди низоми давлатдории миллӣ замина гузошт.

Устувор гардонидан ва муайян намудани раванди бунёди давлатдории миллӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ таҳия ва қабули қонуни асосии кишварро талаб менамояд. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун қонуни асосии кишвар баҳри устувор гардонидани рушди бонизоми давлатдории миллӣ ва ҳифзи Истиқлоли давлатӣ дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ таҳия ва қабул гардидааст.

Конститутсия санади воқеан таърихиву муқаддаси ҳар давлату миллат ва танзимкунандаи тамоми муносибатҳои муҳимми ҷомеа ба шумор меравад. Яке аз вазифаҳои муҳимми Ҳукумати Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-уми асри XX ин таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистон буд, зеро маҳз ин

ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқӣ сохти идоракунӣ ва низоми сиёсии давлатро муайян менамояд.

Дар таҳия ва қабули Конститутсияи ҶТ Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии ҶТ (ноябри соли 1992)[18] ва қарорҳои таърихии он, ки дар меҳвари он талошҳои созандаву бунёдкоронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор мегирад, нақши барҷаста ва заминавиро дорад. Бо дарназардошти масъалаҳои болозикр махсусият ва аҳаммияти Конститутсияи ҶТ-ро дар шаклҳои зерин бозгӯ намудан мумкин аст:

1) аҳаммияти таърихии Конститутсияи ҶТ аз он иборат аст, ки ин санади муҳимми таърихиро халқ ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул кардааст. Ҳарчанде ки то қабули Конститутсияи соли 1994 дар ҳудуди Тоҷикистони Шуравӣ чор маротиба Конститутсия қабул гардида, амал мекарданд, аммо онҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул нашуда буданд;

2) дуюм аҳаммияти муҳимми таърихии Конститутсия дар он аст, ки он ҶТ-ро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян намуд;

3) дигар аҳаммияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки тавассути он ҳокимияти конститутсионӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат пойдор гардид;

4) яке аз аҳаммияти дигари таърихии Конститутсия дар он аст, ки баъди қабули он марҳилаи нави рушди қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад;

5) аҳаммияти дигари муҳимми таърихии Конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки гуногунии шаклҳои моликият ва кафолатҳои онро бори аввал ба таври пурра ва ҳаматарафа танзим намуд;

6) дигар аҳаммияти муҳим дар он аст, ки Конститутсияи ҶТ кафолатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва шахсии шаҳрвандон ва фаъолияти давлатро муқаррар намудааст:

– кафолатҳои иҷтимоӣ ифодаи онро менамояд, ки пеш аз ҳама ҶТ худро дар м. 1 Конститутсия давлати иҷтимоӣ эълон намуда, ба ҳар як шахс таъмини зиндагии арзандаро яке аз вазифаҳои асосии худ муқаррар намудааст. Ҳамзамон, ҳуқуқ ба меҳнат, саломатӣ, манзил, таъмини нафақаро кафолат додааст;

– кафолатҳои иқтисодӣ ин ташаккули шаклҳои моликият, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, андозбандӣ ва монанди инҳо дар Конститутсияи ҶТ кафолат дода шудааст;

[18] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 9.

– кафолатҳои фарҳангӣ яке аз масъалаҳои асосӣ буда, дар замири худ ҳуқуқ ба таҳсил, моликияти зеҳнӣ, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ кафолат дода шудааст;

– кафолатҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ба монанди иштирок дар интихобот, хизмати давлатӣ, фаъолияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра маҳсуб мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем»[19].

ҶТ дар моддаи 1 Конститутсия ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муқаррар гардидааст. Таъмини самараноки амалигардии рукнҳои давлатдории мазкур аз сатҳи волои маърифати ҳуқуқӣ вобастагии амиқ дорад. Маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи дониш, ақидаҳо, мафҳумҳо, арзишҳои ҳуқуқӣ, иттилооти ҳуқуқӣ ва дигар падидаҳои ба ин монандро муттаҳид намуда, барои рушду камолоти ҳар як фарди комилҳуқуқ заминаи мусоидеро фароҳам меорад. Аз дидгоҳи дигар, маърифати ҳуқуқӣ дар раванди мунтазами дарку эҳсоси падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Конститутсия, қонун, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва ғайра ташаккул меёбад[20].

Қобили тазаккур аст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ, бахусус, назарияи давлат ва ҳуқуқ падидаи «маърифати ҳуқуқӣ» солҳои тӯлонӣ аст, ки мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад. Махсусан, таҳлил ва омӯзишҳо оид ба масъалаҳои маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, иттилооти ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва таносуби онҳо то ҳанӯз идома дорад. Вале масъалаи мазкур дар фазои ҳуқуқӣ пас аз эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» таваҷҷуҳи бештарро касб намуд .

Қобили зикр аст, ки дар миёни падидаҳои болозикр маърифати ҳуқуқӣ мавқеи илмӣ-назариявии шоиста дорад. Заминаҳои густариши маърифати

[19] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/36370 (санаи мурочиат: 14.10.2025).

[20] Соҳибзода М.М. Ҳамбастагии маърифати ҳуқуқӣ ва маърифати экологӣ: ташаббусҳои шоиста ва заминаҳои рушд: монография // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло - директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф. – 2024. – С. 87.

ҳуқуқӣ гуногунҷанба буда, он ҷойгоҳи махсусро дар меъёрҳои Конститутсияи ҶТ касб мекунад. Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» гарчанде дар матни Конститутсияи ҶТ бевосита оварда нашуда бошад ҳам, аммо дар Конститутсия арзишҳое дарҷ гардидаанд, ки мазмун ва моҳияти «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ифода менамоянд. Вобаста ба моҳияти Конститутсия Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки: «Конститутсияи ҶТ дастоварди миллӣ буда, муқаддасоти миллӣ, андешаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи анъанаҳо ва осори таърихии миллиро эълон ва таъмин мекунад»[21].

Дар Конститутсияи ҶТ ифода гардидани меъёрҳое, ки ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ заминагузор ҳастанд, ба мушоҳида мерасад. Махсусан, муқаррарот вобаста ба давлати демократию ҳуқуқбунёд будани Тоҷикистон (моддаи 1), эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ, инчунин, кафолати риоя ва ҳифз намудани онҳо аз ҷониби давлат (моддаи 5), баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ пазируфта шудани халқ, ки онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд (моддаи 6), кафолати бевосита амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (моддаи 14), баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (моддаи 17), кафолати ҳимояи судӣ ва ёрии адвокатӣ (моддаҳои 19 ва 92), ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ (моддаи 27), иштироки озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, инчунин, истифода аз дастовардҳои онҳо (моддаи 40), ҳуқуқ ба таҳсил (моддаи 41), истисно нагардидани ҷавобгарӣ бинобар надонистани қонун (моддаи 42) ва ғайра.

Дар воқеъ, муқаррароти ин меъёрҳо ба ташаккул ва инкишофи маърифати ҳуқуқии шахс мусоидат менамоянд. Масалан, дар ҳолати надоштани тасаввурот дар бораи давлат, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти он, ҳифзи якпорчагӣ ва соҳибихтиёрии он ба мавҷудияти бомароми минбаъдаи он наметавон умед баст. Маҳз таъмини соҳибихтиёрӣ, бунёди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ аз сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

Мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф гардида, давлат эътироф, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат медиҳад. Донистани ҳуқуқ ва бархурдор будан аз ҳадди муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ин кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии ҳар як фард ба ҳисоб рафта, дар навбати дигар он мустақилияти шахсро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин менамояд. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ дар зоҳир намудани рафтори қонунӣ, эҳтиром ба арзишҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар ифода меёбад.

[21] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/speeches/53608 (санаи мурочиат: 6.10.2025).

Ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун ҳуқуқи фарҳангӣ, ки дар сатҳи Конститутсия кафолат дода шудааст, асоси ташаккули маърифати ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Ҳанӯз аз зинаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо аз бар намудани донишҳои ҳуқуқӣ зимни таълими фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ, инчунин, идомаи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар заминаи фанни ҳуқуқи инсон сатҳи муайяни маърифати ҳуқуқии донишомӯзон ҳосил мегардад. Сухан дар бораи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ меравад, ки дар натиҷаи он шуури ҳуқуқии касбӣ ва назариявӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамзамон, дар Конститутсияи ҶТ дарҷ гардидааст, ки надонистани қонун ҷавобгариро истисно наменамояд. Аз мазмуни ин меъёр бармеояд, ки сухан дар бораи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан, Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои амалкунанда меравад. Давлати ҳуқуқбунёд, ки ба сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва фарди он асос меёбад, бархурдории одамонро аз қонунҳо дар назар дорад.

Вобаста ба ин, надонистани Конститутсия ва қонунҳо, аз ҷумла, меъёрҳои конститутсионӣ дар хусуси ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқвайронкунӣ ва ё ҷиноят будани кирдор, дар умум надонистани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоси истиснои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шуда наметавонад.

Албатта, ҳолати мазкур нигаронкунанда ва манфӣ барои ҳар як фарди ҷомеа буда, бартараф намудани он бо роҳу воситаҳои гуногун, аз ҷумла, таблиғу ташвиқи ҳуқуқӣ ва иттилоотонии ҳуқуқӣ ба сатҳи ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва огоҳии шаҳрвандон аз муҳтавои қонунгузорӣ заминаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Маҳз аз ҳамин сабаб дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005[22] тасдиқ гардидааст, дарҷ мегардад, ки «сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки бевосита аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва калидии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин, дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намояд ва шаҳрванд худро дар ҷомеа комилан озод ва бехатар эҳсос намояд».

[22] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 1083 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

Ҳамин тавр, таблиғу ташвиқи ҳуқуқӣ ва иттилоотонии ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои маърифати ҳуқуқӣ ба сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва ҳарчи бештар огоҳ будани шаҳрвандон аз муқаррарот ва муҳтавои санадҳои қонунгузории амалкунанда мусоидати амиқ менамоянд.

Дар заминаи чунин муқарраротҳои заминавӣ доир ба унсурҳо ва махсусияти маърифати ҳуқуқӣ дар Конститутсияи ҶТ метавон мафҳуми «Маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ»-ро муайян ва баён сохт. Чунки маҳз масъалаҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ аз муқаррароти Конститутсияи ҶТ сарчашма мегирад.

«Маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ» маҷмуи донишҳо, иттилоот, тасаввурот вобаста ба муқаррароти Конститутсияро ифода менамояд. Яъне донистан, дарку сарфаҳм рафтани меъёрҳои Конститутсия, аз бар намудани нишондодҳои он сатҳ ва густариши «маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ»-ро тақозо менамояд.

«Маърифати ҳуқуқии конститутсионӣ» ҷузъи маърифати ҳуқуқии умумӣ буда, танҳо донишҳои махсус оид ба моҳият, заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии Конститутсия, сохтор ва вазъи ҳуқуқии онро тақозо менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj /event/missives/36370 (санаи мурочиат: 14.10.2025).

3. Соҳибзода, М.М. Ҳамбастагии маърифати ҳуқуқӣ ва маърифати экологӣ: ташаббусҳои шоиста ва заминаҳои рушд [Матн]: монография / М.М. Соҳибзода // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло - директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф. – 2024. – 424 с.

4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/speeches/53608 (санаи мурочиат: 6.10.2025).

5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 1083 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.11.2025).

ВОПЛОЩЕНИЕ «ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ» В КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституция; правовое просвещение; государственная независимость; демократическое общество; права и свободы человека; правовая информация; конституционное правовое просвещение.

Аннотация: В настоящей статье преимущественно анализируются конституционные нормы, которые рассматриваются в качестве основы формирования «правового просвещения». Несмотря на то, что понятие «правовое просвещение» прямо не закреплено в тексте Конституции Республики Таджикистан, в ней содержится совокупность конституционных ценностей и принципов, отражающих сущность и содержание данного явления.

В то же время автор выявляет и приводит в качестве примеров ряд конституционных норм, выступающих воплощением правового просвещения. На основе анализа указанных базовых конституционных положений, раскрывающих элементы и особенности правового просвещения в Конституции Республики Таджикистан, автор формулирует и предлагает научное определение понятия «конституционное правовое просвещение».

Сохибзода Мухаммадджон Махмадали – Судья Конституционного суда Республики Таджикистан, к.ю.н. доцент. **Тел.:** (+992) 904-41-50-50.

THE EMBODIMENT OF «LEGAL EDUCATION» IN THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: Constitution; legal education; state independence; democratic society; human rights and freedoms; legal information; constitutional legal education.

Annotation: This article primarily analyzes constitutional provisions that are regarded as the foundation for the formation of «legal enlightenment». Although the concept of «legal enlightenment» is not explicitly enshrined in the text of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Constitution contains a set of values and principles that reflect the essence and substantive content of this phenomenon.

At the same time, the author identifies and exemplifies several constitutional norms that embody «legal enlightenment». Based on an analysis of these fundamental constitutional provisions, which reveal the elements and specific features of legal enlightenment within the Constitution of the Republic of Tajikistan, the author formulates and proposes a scholarly definition of the concept of «constitutional legal enlightenment».

Sohibzoda Muhammadjon Mahmadali – Judge of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor. **Phone:** (+992) 904-41-50-50.

II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5.1.2); ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.2); PUBLIC LAW (STATE LAW) SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.2)

РАҲМОН Дилшод Сафарбек,
Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Тел.: (+992) 918-67-52-82.

ШАРИФЗОДА Лоҳутӣ Шариф,
муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Тел.: (+992) 987-49-10-69.

ТДУ: 342.41

КОНСТИТУТСИЯ, ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ РАВАНДИ ДЕМОКРАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон; истиқлолият; Конститутсия; ислоҳоти конститутсионӣ; давлати демократӣ; ҳуқуқбунёд; дунявӣ ва иҷтимоӣ; давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон; раъйпурсии умумихалқӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ Конститутсия, ислоҳоти конститутсионӣ ва аҳаммияти он дар ташаккул ва рушди раванди демократӣ дар Тоҷикистон мариди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки ҳадафи асосии ворид намудани тағйиру иловаҳои даврагӣ дар Конститутсия мустаҳкам намудани шохаҳои ҳокимият ҳамчун ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва судӣ, масъулияти савгандёдкунии онҳо дар назди халқи худ; такмил ва рушди минбаъдаи низоми сиёсӣ ва давлатии кишвар; амиқ ва мукаммал гардонидани унсурҳои демократии ҷомеаи шаҳрвандӣ; рушд ва такмили тартиби таъмини кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат буданд.

Бояд зикр кард, ки соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ва аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ ҷомеаро ба як номуайянӣ гирифтор кард. Маълум набуд, ки мо кадом роҳи инкишофи ҷомеа ва кадом шакли идораи давлатро

интихоб менамоем. Тибқи қонуни асосӣ эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мақсади Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки ин шакли давлатдории эътирофшуда ва мутамаддини ҷаҳонӣ мебошад. Чунин интихоб ба ҳамроҳшавии мамлакат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намуда, эътирофи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намуд.

Перумони ҷузъиёти ин санади олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин андешаҳои арзишмандеро иброз медорад: «Ҳарчанд ки ойину суннатҳои давлату давлатдории халқи соҳибтамаддуни тоҷик ҳанӯз аз ҳазорсолаи сеюми қабл аз мелод сарчашма мегиранд, аммо Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мардуми мо дар охири асри XX муяссар шуд, дар сарнавишти тоҷикон таҳаввулоти бузурги сиёсиву иҷтимоӣ ва гардиши куллие гардид. Таърихи ҷомеаи башарӣ собит месозад, ки қабул кардани санад ва эълон кардани Истиқлолият барои ҳар халқу миллат ин ҳанӯз анҷоми кор нест. Ин марҳала оғози дигаргуниҳои азими ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳуқуқиро тақозо дорад, ки бояд таърих, фарҳанг, забон, урфу одат, анъана ва арзишҳои пурғановати ҳар халқу миллатро дар ҳамбастагӣ ва алоқамандӣ бо арзишҳои умумиинсонӣ дар худ инъикос карда тавонад»[23].

Бояд зикр намуд, ки ислоҳоти конститутсионӣ ва дар ин замина бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз ҷумлаи вазифаҳои таърихии марҳалаи аввали соҳибихтиёрии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор мерафт, ки ин иқдоми бузург 6-уми ноябри соли 1994 амалӣ карда шуд.

Дар воқеъ, солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Ҳадаф аз ворид гардидани тағйиру иловаҳо-беҳтар кардани ҳуқуқу озодиҳои инсонҳо мебошад, ки дар моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши олӣ эътироф карда шудаанд. Имрӯз ҷомеъа пеш меравад ва муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки бояд ба танзим дароварда шаванд, ба миён омада, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо низ ба миён омадааст. Аз ҷониби шахсоне, ки ҳуқуқи пешниҳод кардани лоиҳаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро доранд, пешниҳод карда шуд ва аз ҷониби халқ дастгирӣ ёфт. Агар мо ба тағйиру иловаҳои соли 1999 назар афканем, дар он то кабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти қонунгузор танҳо аз Маҷлиси Олӣ иборат буд. Имрӯз дар дохили он ду маҷлис амал мекунанд.

[23] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ, дар конфронси байналмилалӣ бахшида ба 25-солагии таъсиси суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. Раҳмон // Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини конститутсия. – Душанбе, 2015 – С. 10.

Омӯзишу таҳлил нишон медиҳад, ки Конституцияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки дар таҷрибаи конституционализми Тоҷикистон бори нахуст тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ифодаи азму иродаи халқи Тоҷикистон буда, хусусияти асосии ин санад миллӣ будани он ба шумор меравад. Дар Конституция худро қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон кардани халқи Тоҷикистон низ аз куҳанбунёд ва фарҳангӣ будани ин халқ маншаъ гирифта, дар баробари ҳифз ва ғанӣ гардонидани арзишҳои миллӣ, инчунин садоқати давлат ва миллати тоҷикро ба арзишҳои умумиэътирофшудаи башарӣ инъикос менамояд[24].

Ш. Шоҳиён чунин таъкид менамояд: «Яке аз дастовардҳои бузург ва муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибихтиёрӣ – ин бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конституцияи кишвари мустақили мо ба ҳисоб меравад. Конституцияи Тоҷикистон бо дарназардошти суннату одатҳои таърихии миллати тоҷик ва таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутамаддини дунё қабул гардида, дурнамои инкишофу пешрафти ҷумҳурии мо, ҳадафҳои неки бунёди ҷомеаи адолатпарвар, ғояҳои асосии давлатдории миллӣ ва тартиби таъсису фаъолияти сохторҳои давлатиро муқаррар намудааст»[25].

Бо итмонони комил метавон гуфт, ки нақши Конституция дар таҳкими институтҳои давлатдории навин, фаъолияти бонизоми мақомоти давлатӣ, рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва муҳайёсозии фазои мусоид барои пойдории сулҳу субот дар ҷомеаи хеле назаррас мебошад. Ҳамчунин, бо қабули Конституцияи нав дар низоми ҳуқуқии кишвар ислоҳоти ҷиддӣ ва дар мақомоти давлатӣ дигаргуниҳои сохторӣ амалӣ карда шуданд, ки таъсиси Суди конституционӣ ҳамчун воситаи таъмини волояти Конституция ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи онҳо мебошанд[26].

Бояд зикр намуд, ки Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои пешқадами сиёсию ҳуқуқии тамадуни башарро дар бар гирифта, тавсияҳои моҳияти давлат ва дурнамоии рушди ҷомеаро муайян намудааст. Масъалаҳои асосӣ ва муҳимтарини давлатдорӣ, ба монанди муайян кардани шакли идораи давлатӣ, шакли сохтори марзӣ – давлатӣ ва сохтори марзию маъмурӣ, моҳият ва таъминоти рамзҳои давлатӣ; сохтори ҷамъиятӣ ва ҳадафҳои асоси он, дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ; эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он ҳамчун арзиши олӣ ва аз

[24] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ, дар конфронси байналмилалӣ бахшида ба 25-солагии таъсиси суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. Раҳмон // Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини конститутсия. – Душанбе, 2015 – С. 10.

[25] Шоҳиён Ш. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд // Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини Конститутсия. – Душанбе, 2015 – С. 30.

[26] Шоҳиён Ш. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд // Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини Конститутсия. – Душанбе, 2015 – С. 30.

тарафи давлат риоя ва ҳифз гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; эълон кардани соҳибихтиёрӣ ва шаклҳои амалӣ гардонидани он; усули асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ ва таснифи таҷзияи он ба се шоха; муқаррар кардани усули волоияти Конституцсия ва қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ эълон гаштани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст; муайян кардани сиёсати сулҳҷуёнаи хориҷии Тоҷикистон; муқаррар кардани гуногуншаклии моликият ва кафолати баробарҳуқуқи онҳо ва ғайра маҳз бо роҳи дар Конституцсия муқаррар гаштан ва танзим ёфтан хислати ҳуқуқӣ-конституцсионӣ пайдо кардаанд.

Ҳамон гунае, ки қайд намуда будем, бори нахуст дар таърихи давлатдории тоҷикон 6 ноябри соли 1994 Конституцсияи навини ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба сифати қонуни асосии кишвар бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки ба он заруряти танзими ҳуқуқии демократии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён омад ва марҳилаи нав дар таҳия, қабул ва такмили қонунҳо, яъне ислоҳоти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мувофиқи аввалин Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Конституцсияи навин тавонист инсон, ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ, ҳаёт, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои табиии инсонро дахлнопазир эълон намуда, давлатро барои эътироф намудан, риоя кардан ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифадор намояд[27].

Тавре ки маълум аст, демократӣ эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Конституцсияи соли 1994 аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият дароварда шуд. Роҳу равиши зиндагӣ ва тартибу рушди давлати тозабунёди тоҷикон баъди қабули Конституцсия собит намуд, ки ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар берун аз доираи Конституцсия наметавонад орому пурмаҳсул ҷараён гирад. Маълум аст, ки дигаргуниҳое, ки тайи солҳои охир дар мамлакат сурат гирифтанд, бидуни Конституцсия ва ислоҳоти баъдинаи конституцсионӣ ба амал омаданашон ғайриимкон буд[28].

Қобили тазаккур аст, ки дар натиҷаи доир гардидан ислоҳоти конституцсионӣ дар раванди сиёсии ҷомеа, чунин тағйироти муҳимми сиёсиву-ҳуқуқӣ ба миён омаданд:

- дар натиҷаи ин ислоҳоти муҳимми баамаломода доираи салоҳиятҳои субектҳои дахлдори раванди сиёсии ҷомеа васеъ гардида, ҳар кадом дар доираи слоҳиятҳои муайянкардаи худ ба сифати муҳимтарин унсурҳои ҷомаи демократӣ эътироф гардиданд;

[27] Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ – қадаме ба самти ислоҳоти нави ҳуқуқэҷодкунӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – №11-12 (87-88). – 26 июн. 2018. – С. 3-4.

[28] Асрорзода Қ.Ҷ. Конституцсия ва рушди демократия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Минбари ҳуқуқшинос. – №4 (11) – 13. сен. 2014. – С. 7-8.

- ба фаъолияти оғоз кардани субъектҳои асосии раванди сиёсии ҷомеа, ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи ваколату солоҳиятҳояшон васеъ гардид, ки дар шаклгирӣ ва устувории низоми сиёсии ҷомеа, рушди демократия, дигаргуниҳои зиёде ба миён омаданд;

- дар самти демократикунонии ҷомеа ваколату салоҳиятҳои субъектҳои дахлдор дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нуфузу эътиборашон дар самти рушди демократия васеъ гардид;

- дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки дар самти рушди фарҳанги сиёсию-ҳуқуқии ҷомеа асоси боэътимод гузошт.

Муҳаққиқи тоҷик И.Т. Маҳмудов перумони ҷузъиёти ин санади олӣ, чунин андешаҳои арзишмандеро иброз медорад: «бо дарназардошти зарурат ва ба талаботи рушди замон мувофиқ гардонидани воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ карда шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои воридкардашуда, барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд[29].

Қайд кардан зарур аст, ки мазмуну моҳияти тағйироту иловаҳоро ба Қонуни асосии кишвар, пеш аз ҳама таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ; таъмини рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа; баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагониии мардум; мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи ҳифзи онҳо; таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ; мутобиқ гардонидани матни Конститутсия ба қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медоданд[30].

Зикр кардан бамаврид аст, ки вобаста бо пешравӣ дар ҷомеа ва рӯз аз рӯз густариш ва рушд ёфтани шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангию ҳуқуқии мардум марҳилаҳои нави такмили асосҳои ҳуқуқии сохтори конститутсионӣ низ давра ба давра оғоз гардид ва он имкон дод, ки аввалин маротиба 26 сентябри соли

[29] Маҳмудов И.Т. Саҳифаҳои дурахшони ҳаёти ҳуқуқии кишвар дар масири 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – №13-14 (155-56). – 2021. – С. 3-4.

[30] Маҳмудов И.Т. Саҳифаҳои дурахшони ҳаёти ҳуқуқии кишвар дар масири 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – №13-14 (155-56). – 2021. – С. 3-4.

1999, маротибаи дуюм 22 июни соли 2003 ва охирон 22 майи соли 2016 ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид шуда, мазмуну муҳтавои низоми ҳуқуқии кишвар такмил ва асосҳои сохти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии он таҳким ёбад.

Дар марҳилаи навбатии такмили низоми қонунгузорӣ тағйиротҳои куллӣ ба миён омада истодаанд. Тағйироти мазкур дар Конституция аввалан дар заминаи мавқеи сиёсии кишвар бори нахуст парламенти думаҷлиса ба фаъолият шурӯъ намуд, ки салоҳиятҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, инчунин салоҳияти ҳар як маҷлисро дар алоҳидагӣ муайян кард. Қоидаҳои комилан нави техникаи эҷоди қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳо муқаррар карда шуданд, ки моҳиятан аз тартибу принсипҳои фаъолияти сохторҳои собиқ даъвати якуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан фарқ мекунанд[31].

Бояд гуфт, ки ҳадафи асосии ворид намудани тағйиру иловаҳои даврагӣ дар Конституция мустаҳкам намудани шохаҳои ҳокимият ҳамчун ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва судӣ, масъулияти савгандёдкунии онҳо дар назди халқи худ; такмил ва рушди минбаъдаи низоми сиёсӣ ва давлатии кишвар; амиқ ва мукаммал гардонидани унсурҳои демократии ҷомеаи шаҳрвандӣ; рушд ва такмили тартиби таъмини кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва масъулияти фарзандони қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар; иштироки бевоситаи ҷавонон дар бунёди рукнҳои шохаҳои ҳокимияти давлати миллӣ; бартараф намудани сохторҳои такрорӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ба ин васила бо назардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар таъмини суботу оромии баргаштнопазири давлати соҳибистиқлоламон ин дигаргуниҳо ифода меёбанд[32].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин марҳилаи гузариш аз як сохти карахти сотсиалистӣ ба сохти демокративу дунявӣ ва азнавсозии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, натиҷаҳои асосии қонунҳои қабулшуда буд, ки барои таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, вазъи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ҳукумат ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва қудратии мамлакат, инчунин рушди иқтисодиёт ва доираи бонкӣ ва тиҷорат шароит фароҳам оварда шуд. Ҳамчунин кодификатсияи қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи замин, меҳнат, манзил, ҷиноятӣ, оила ва дигар қонунҳо давра ба давра ба анҷом расида истодаанд. Мақомоти иҷроия ва судӣ, инчунин сохторҳои идоракунии кишвар такмил дода шуда, эътирофи

[31] Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ – қадаме ба самти ислоҳоти нави ҳуқуқэҷодкунӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – №11-12 (87-88). – 26 июн. 2018. – С. 3-4.

[32] Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ – қадаме ба самти ислоҳоти нави ҳуқуқэҷодкунӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – №11-12 (87-88). – 26 июн. 2018. – С. 3-4.

инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ ва дигар андешаҳои демократӣ ба Конститутсия ворид гардиданд, ки айни замон ба шароиту талаботи дохилӣ ва байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд[33].

Бояд тазаккур дод, ки тағйиру иловаҳои воридгардида меъёрҳои Конституцияро такмил дода, тибқи он ҷомеа ба марҳалаи навбатии инкишофи худ ворид гардида, инчунин, тағйиру иловаҳои воридгардида барои таҳкиму ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мукаммалу самаранок гардидани низоми мақомоти давлатӣ ва рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шуданд. Ин навоварии конституцион аз муваффақиятҳое ба ҳисоб меравад, ки заминаи муҳимми инкишофи пешравии ҷомеаро дигаргун намуд, хусусан демократикунонии ҷомеа, рушду нуму ёфта, дар ташаккул ва шаклгирии ниҳодҳои сиёсии ҷомеа тағйироти назаррас ба миён омаданд.

Дар баробари соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули Конститутсия пеш омад. Ҷомеа ва давлати Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави таърихи инкишофи худ ворид шуданд ва дар кишвар давраи дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа оғоз гардид. Дар заминаи меъёрҳои конституцион ҳадафҳо, мазмун ва самтҳои сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон муайян шудаанд, миқдори зарурии қонунҳо, барномаҳо қабул шуда, дигар чорабиниҳои дахлдори давлати амалӣ шуда истодаанд. Конститутсияи амалкунанда нахустин қонуни асосии давлати Тоҷикистон аст, ки дар он таҷзияи ҳокимият ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, тартиби ташкил, салоҳият ва мувозинати байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ифодаи қонунӣ ёфтааст[34].

Аз дидгоҳи Ҷ.С. Муртазозода: «Моҳияти демократии Конститутсияи Тоҷикистон, қабл аз ҳама, дар эътироф гардидани халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ ифода меёбад. Яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои давлатҳои устувору соҳибистиқлол доштани Конститутсияи комил ва ҳокимияти қавии конституцион мебошад. Шаклу сохтори сиёсии ҳар давлат, назму арзишҳои меҳварии ҳар ҷомеа ва сатҳи тараққиёти ҳар низоми сиёсиро маҳз аз моҳияти Конститутсияи он муайян мекунанд. Бинобар ин, соҳиби Конститутсия ва ҳокимияти устувори конституцион шудан марҳилаи олии рушд ва ё камоли ҳар давлат ва миллат ба ҳисоб меравад»[35].

Тавре, ки Р.М. Рачабзода изҳор медорад: «Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади рушди давлатдории миллӣ, мусоидат ба инкишофи демократикунонии минбаъдаи ҳаёти ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

[33] Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ – қадаме ба самти ислоҳоти нави ҳуқуқэҷодкунӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – №11-12 (87-88). – 26 июн. 2018. – С. 3-4.

[34] Ҳамаи комёбиҳо аз манзалати волоияти қонун аст [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj (санаи мурочиат: 20.10.2025).

[35] Муртазозода Ҷ.С. Идеяҳои Эмомалӣ Раҳмон дар раванди таҳия ва татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. – №132-133 (4082- 4083). 02.11.2019.

шаҳрванд ва кафолати онҳо, ҷалби ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ 22 июни соли 2003 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои воридгардида меъёрҳои Конститутсияро такмил дода, тибқи он, ҷомеа ба марҳилаи навбатии инкишоф ворид гардид»[36].

Бояд қайд намуд, ки соҳибистиқлолӣ ва инкишофи мустақилонаи давлат дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд оварда, барои ислоҳоти куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва интихоби шакли нави идоракунии давлат замина гузошт. Зарурати ислоҳоти сиёсӣ дар ҷомеа масъалаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, таҷзияи ҳокимият, гуногунандешиву бисёрҳизбӣ, соҳибихтиёрии халқ, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати мавҷудияти моликияти хусусӣ ва дигар принсипҳои муҳимми демократиро ба вуҷуд овард, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо ва куллан дигаргун кардани сохти давлатдорӣ бе қабули Конститутсияи нави кишвар ногузир гардид[37].

Бояд зикр намуд, ки яке аз санадҳои муҳим ва сарнавиштсоз барои давлату миллати тоҷик дар давраи истиқлолият аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба раванди ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар кишвар заминаи ҳуқуқӣ гузошта, инсон, ҳуқуқ ва озодии ӯро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуд. Меъёрҳои он дар рушди давлати демократию ҳуқуқбунёди Тоҷикистон, таъсиси мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ, муносибатҳои сифатан нави миёни шахсият, ҷомеа ва давлат, инчунин ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар шароити мусоиди сиёсиву ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Дар ин росто, муҳаққиқи дигар А. Имомов рӯшанӣ андохта, чунин менависад: «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, дар бунёди давлат ва муайян кардани самтҳои асосии рушди он, дар муайянсозии қонунияти рушди ҷомеа ва сохторҳои он, дар муайян намудани вазъи конститутсионии инсон ва шаҳрванд, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои он хеле калон аст. Ва умуман, нақши бунёдии Конститутсия дар ташаккули давлати соҳибихтиёр, ягона ва демократӣ, муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, усулҳои асосии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, муайянсозии функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва мафкуравии давлат, ташаккули низоми ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузорӣ, муайян намудани вазъи ҳуқуқӣ конститутсионии инсон ва

[36] Раҷабзода Р.М. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj (санаи мурочиат: 20.10.2025).

[37] Холов Х.Қ. Истиқлолияти давлатӣ ва самтҳои асосии рушди давлати муосири Тоҷикистон // Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили Истиқлолияти Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 91.

шаҳрванд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, устуворгардонидани ваҳдати миллӣ, ба созиш овардани тамоми қишрҳои иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа ва сафарбарсозии онҳо барои таъмини пойдории давлати Тоҷикистон ва ғайра омили ҳалкунанда мебошад»[38].

Тавре ки сиёсатшинос Х. Холов қайд мекунад: «Қабули Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки бори нахуст ба таври райъпурсии умумӣ сурат гирифт, дар худ самтҳо ва бахшҳои асосиву стратегии рушди давлати муосири Тоҷикистон ва масъулияти муштараки халқ ва ҳокимиятро дар бунёди ҷомеаи иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ инъикос менамояд. Таҷрибаи таърихии кишварҳои мутамаддини олам гувоҳи онанд, ки давлат танҳо дар сурате рушду инкишоф меёбад ва талаботу манфиатҳои тамоми аҳолии он ҳифз мегардад, ки агар дар он Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда ба таври зарурӣ риоя ва иҷро шуда, волоияти қонун ҳамчун нишонаи барҷастаи давлати ҳуқуқбунёд таъмин гардад ва ташаккули муҳимтарин принсипҳои демократияи муосир дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор доранд»[39].

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи доир гардидан ислоҳоти конститутсионӣ дар раванди сиёсии ҷомеа, чунин тағйиротҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд:

- дар натиҷаи ин ислоҳотҳои муҳимми баамаломода доираи салоҳиятҳои субъектҳои дахлдори раванди сиёсии ҷомеа васеъ гардида, ҳар кадом дар доираи салоҳиятҳои муайянкардаи худ ба сифати муҳимтарин унсурҳои ҷомеаи демократӣ эътироф гардиданд;

- ба фаъолияти оғоз кардани субъектҳои асосии раванди сиёсии ҷомеа, ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи ваколату салоҳиятҳояшон васеъ гардид, ки дар шаклгирӣ ва устувории низоми сиёсии ҷомеа, рушди демократия, аз масъалаҳои муҳими фаъолияташон эътироф карда шуд;

- дар самти демократикунонии ҷомеа ваколату салоҳиятҳои субъектҳои сиёсат, дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқӣ нуфузӯ эътиборашон дар самти рушди демократия васеъ гардид;

- дар натиҷаи ин ислоҳоти конститутсионӣ дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки дар рушди фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа, асоси боэътимод гузошт.

АДАБИЁТ:

1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ, дар конфронси байналмилалӣ бахшида ба 25-солагии таъсиси суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /

[38] Имомов А. Аҳамият ва нақши Конститутсия дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлат ва ҷомеа // Паёми ДМТ. – №2. – 2014. – С. 112.

[39] Холов Х.Қ. Истиқлолияти давлатӣ ва самтҳои асосии рушди давлати муосири Тоҷикистон // Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 91.

Э. Раҳмон // Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини конститутсия. – Душанбе, 2015 – С. 10-23.

2. Шоҳиён, Ш. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд [Матн] / Ш. Шоҳиён // Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини конститутсия. – Душанбе, 2015. – С. 30-42.

3. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ – қадаме ба самти ислоҳоти нави ҳуқуқэҷодкунӣ [Матн] // Минбари ҳуқуқшинос. – №11-12 (87-88). – 26 июн. 2018. – С. 3-4.

4. Асрорзода, Қ.Ҷ. Конститутсия ва рушди демократия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Ҷ. Асрорзода // Минбари ҳуқуқшинос. – №4 (11) – 13. сен. 2014. – С. 7-8.

5. Маҳмудов, И.Т. Саҳифаҳои дурахшони ҳаёти ҳуқуқии кишвар дар масири 30 соли Истиқлолияти давлатӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов // Минбари ҳуқуқшинос. – №13-14 (155-56). – 2021. – С. 3-4.

6. Ҳамаи комёбиҳо аз манзалати волоияти қонун аст [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj (санаи мурочиат: 20.10.2025).

7. Муртазозода, Ҷ.С. Идеяҳои Эмомалӣ Раҳмон дар раванди таҳия ва татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.С. Муртазозода // Садои мардум. – №132-133 (4082- 4083). – 2019. – С. 5-6.

8. Холов, Х.Қ. Истиқлолияти давлатӣ ва самтҳои асосии рушди давлати муосири Тоҷикистон [Матн] / Х.Қ. Холов // Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили Истиқлолияти Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 91-100.

9. Имомов, А. Аҳамият ва нақши Конститутсия дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии давлат ва ҷомеа [Матн] / А. Имомов // Паёми ДМТ. – №2. – 2014. – С. 112-123.

10. Раҷабзода Р.М. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj (санаи мурочиат: 20.10.2025).

КОНСТИТУЦИЯ, КОНСТИТУЦИОННАЯ РЕФОРМА И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В СТАНОВЛЕНИИ И РАЗВИТИИ ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Ключевые слова: Республика Таджикистан; независимость; Конституция; конституционная реформа; демократическое; правовое; светское и социальное государство; независимое государство Таджикистан; всенародный референдум.

Аннотация: В данной статье анализируется и оценивается одна из самых актуальных тем юридической науки: Конституция, конституционная реформа и ее значение в становлении и развитии демократического процесса в

Таджикистане. Следует отметить, что основной целью внесения периодических изменений и дополнений в Конституцию являлось укрепление ветвей власти – исполнительной, законодательной и судебной, их ответственности перед народом; совершенствование и дальнейшее развитие политической и государственной системы страны; углубление и совершенствование демократических начал гражданского общества; развитие и совершенствование порядка обеспечения гарантий прав и свобод человека и гражданина.

Рахмон Дилшод Сафарбек – Руководитель аппарата Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, д.ю.н., профессор. **Тел.:** (+992) 918-67-52-82.

Шарифзода Лохути Шариф – Заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, д.п.н., профессор. **Тел.:** (+992) 987-49-10-69.

THE CONSTITUTION, CONSTITUTIONAL REFORM AND ITS IMPORTANCE IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE DEMOCRATIC PROCESS IN TAJIKISTAN

Keywords: Republic of Tajikistan; independence; Constitution; constitutional reform; democratic; legal; secular and social state; independent state of Tajikistan; national referendum.

Annotation: This article analyzes and evaluates one of the most pressing topics in legal science: the Constitution, constitutional reform and its importance in the formation and development of the democratic process in Tajikistan. It should be noted that the primary purpose of introducing periodic amendments and additions to the Constitution was to strengthen the branches of government – executive, legislative, and judicial – and their accountability to the people; to improve and further develop the country's political and governmental system; to deepen and refine the democratic principles of civil society; and to develop and improve the procedures for ensuring guarantees of human and civil rights and freedoms.

Rahmon Dilshod Safarbek – Head of the Staff of the Majlisi Milli Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Professor. **Phone:** (+992) 918-67-52-82.

Sharifzoda Lohuti Sharif – Deputy Director of the Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan, Doctor of Political Sciences, Professor. **Phone:** (+992) 987-49-10-69.

ИМОМОВ Ашурбой Имомович,
сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқии давлатии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор

ТДУ: 342.4

ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД ВА НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ

Калидвожаҳо: давлати ҳуқуқбунёд; назорати конститутсионӣ; таҷзияи ҳокимият; ғояҳои демократӣ; Суди конститутсионӣ; ҳокимияти давлатӣ.

Аннотатсия: Мақолаи зерин ба таърихи ташаккулёбӣ ва шаклгирии падидаи назорати конститутсионӣ ва ҷойгоҳи он дар давлати ҳуқуқбунёд бахшида шудааст. Пешоҳанги падидаи мазкур М.С. Горбачёв буда, барпо кардани Кумитаи назорати конститутсионӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо резолютсияи (қарордоди) Конфронси XIX Умумииттифоқии ҳизби коммунистии давлати иттифоқӣ аз 1 июли соли 1988 робита дорад.

Дар идомаи мақола ҳамзамон таъсисёби Кумитаи назорати конститутсионӣ ва аҳаммияти он дар амалинамоии падидаи назорати конститутсионӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли демократӣ таҳлил гардидааст.

Ташкилёбии давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият ва пайдоиши падидаи назорати конститутсионӣ дар фазои давлати иттиҳоди шуравии сотсиалистӣ маҳсули давраи бозсозии ҷомеаи сотсиалистӣ мебошад. Онҳо дар як давраи муайяни рушди давлат ва ҷомеаи шуравӣ тавлид ёфта, ҳадафи дигаргунсозиҳои бузург доштанд. Давлати шуравӣ ояндаи худро ба ривоҷ додани ғояҳои демократӣ ва гуногунандешии сиёсӣ, устувор гардонидани конститутсионализм, қонуният ва адолати иҷтимоӣ, пойдор намудани маърифати ҳуқуқӣ пайваста мешуморид. Аммо ин ҳадафҳо тибқи ихтилофҳои бузурги иҷтимоӣ-сиёсӣ, тафовут пайдо кардани манфиатҳои миллӣ, гузаштани роҳбарии сиёсии ҷомеа ва давлат ба ихтиёри сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ҳизби коммунистӣ ба иҷро нарасиданд. Дар амалӣ кардани ин ҳадафҳои наҷиби созандагӣ роҳбарони давлати шуравӣ ва сарварони ҳизби камунистӣ ба чандин дастовардҳо ноил гаштанд, ки намунаи онҳо эълон кардани давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият ва ташкили ниҳоди нахустини назорати конститутсионӣ буданд. Ҳамаи ин арзишҳо пайваста дар миқёси давлати иттифоқии шуравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ эътироф ва бунёд карда шуданд.

Қадами аввал дар пайдоиш ва эътирофи ғояи давлати ҳуқуқбунёд, эътирофи усули таҷзияи ҳокимият ва дар таркиби мақомоти олӣ барпо кардани Кумитаи назорати конститутсионӣ дар Иттиҳоди шуравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо резолютсияи (қарордоди) Конфронси XIX Умумииттифоқии ҳизби камунистии давлати иттифоқӣ аз 1 июли соли 1988 робита дорад. Дар нутқи М.С. Горбачев дар бораи аз тарафи Анҷумани вакилони халқ барпо кардани Кумитаи назорати конститутсионӣ ва вазифаҳои он гуфта шуда буд, ки он бояд ба мувофиқати қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқи ба Қонуни Асосии мамлакат назорат кунад ва барои ин салоҳияти даркорӣ дошта бошад. Дар воқеъ мавҷудияти Кумитаи мазкур метавонад кафолати назорати демократӣ аз болои фаъолияти ҳамаи шахсони мансабдор, аз ҷумла шахсони мансабҳои аз ҳама олӣ дошта бошад. Ӯ қайд кард, ки раванди демократикунонии босуръати ҷомеаи шуравӣ бояд бо барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд анҷом ёбад. Шарҳи асосии давлати ҳуқуқбунёд дар кори таъмин кардани давлати шурави дар амал татбиқ кардани волоияти қонун дониста шуд. Чи тавре, ки шаҳрвандон дар назди давлати умумихалқии худ масъулият доранд, ҳокимияти давлатӣ низ дар назди шаҳрвандон вазифадор аст. Ҳуқуқҳои онҳо бояд эътимоднок аз ҳаргуна суиистеъмоли ҳокимият ва намояндагони он кафолат дошта бошад. Конференсияи мазкур чунин шуморид, ки кори усулан муҳими барпо кардани давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ, ба шакли сотсиалистии ҳокимияти сиёсӣ мувофиқ мебошад.

Конференсияи X1X фаъолият ва қарордодҳои худро оғози кори бузург дар таъмини ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ дониста, андешидани чорабиниҳои калонро оид ба гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зарур шуморид. Бо мақсади таъмини қатъии мувофиқати қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумат ба талаботи Конститутсияи ИҶШС муҳим дониста шуд, ки Кумитаи назорати конститутсионӣ таъсис дода шавад[40].

Дар нутқи худ М.С. Горбачев дар Анҷумани сеюми ғайринавбатии вакилони халқи ИҶШС аз 15 марти соли 1990 вазифаи худро ҳамчун Президент дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ кафили бебозгашт будани бозсозӣ, устуворона ва қатъӣ будани кор барои таъсиси давлат-дории ҳуқуқӣ, ҷомеаи сотсиалистии худидорашаванда шуморид. Усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ равшан фарқ гузоштани вазифаҳо, дар як вақт зарурияти ҳамкории зичи мақомоти давлатиро дар назар дошт. Ӯ яке аз вазифаҳои асосии сардори давлати шуравӣ ва дар назди он Шурои Президентии таъсисёфта мешуморид. Ин мақомот ҳамчун коллективи ходимони бузурги сиёсӣ ва мутахассисони соҳаҳои асосии рушди давлат ва ҷомеа шуморида шуда, оид ба масъалаҳои

[40] Материалы XIX Всесоюзной конференции Коммунистической партии Советского Союза. – М.: Политиздат. 1988. – С. 52, 62. 145-146.

асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ тавсияҳо медиҳад ва дар ҳолати зарурӣ қарорҳои амалӣ пешниҳод мекунад[41].

Падидаҳои ҳуқуқии конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси Кумитаи назорати конститутсионӣ дар Конститутсияи ИҶШС ва конститутсияҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, тибқи дохил кардани тағйиру иловаҳо ба онҳо соли 1989 танзим ёфтанд. Бо ҳамин мақсад ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶШС Тоҷикистон 24 ноябри ҳамон сол моддаи 114 илова карда шуда, таъсисёбии Кумитаи назорати конститутсионии ҶШС Тоҷикистон расмӣ гардонида шуд. Дар Эъломияи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд эълон карда шуд. Ҳамчунин Эъломияи мазкур муқаррар кард, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал бароварда мешавад».

Дар асоси чунин ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ҳуқуқии роҳбарикунанда дар солҳои охири мавҷудияти ҳокимияти шуравӣ бунёди чунин арзишҳои муҳими давлатдорӣ, ба монанди эътироф ва барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд, таъсис додани падидаи идораи президентӣ, эътирофи усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, барпо кардани Кумитаи назорати конститутсионӣ расмӣ гардонида шуданд.

Мувофиқи чунин иқдомҳои бузург дар ҳадди давлати иттифоқии шуравии сотсиалистӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқию мухторӣ низоми нави ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Кумитаи назорати конститутсионӣ гузошта шуданд. Дар асоси иловаҳои дахлдор ба Конститутсияи иттифоқӣ Қонун «Дар бораи Кумитаи назорати конститутсионии ИҶШС» аз 23 декабри соли 1989 қабул карда шуд. Ба ҳайати Кумитаи мазкур аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ як нафари дохил карда шуданд ва аз ҶШС Тоҷикистон доктори илми ҳуқуқ, профессор О.Усмонов интихоб гардид. Дар заминаи моддаи 114 Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶШС Тоҷикистон ва санадҳои дахлдори сатҳи иттифоқӣ Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 августи соли 1990 қабул кард ва Кумитаи мазкурро дар ҳайати 7 кас интихоб ва ба фаъолият шурӯъ кард. Ҳадафи асосии таъсиси Кумитаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз таъмини мувофиқати санадҳои ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии ҶТ ба Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, муҳофизати ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодии шахсият, ҳуқуқи халқҳои ҷумҳурӣ, асосҳои демократии ҷамъияти шуравӣ муайян карда шуд. Фаъолияти Кумитаи назорати конститутсионии

[41] Речь Президента СССР М.С. Горбачева на внеочередном третьем Съезде народных депутатов СССР, 15 марта 1990 г. – М.: Политиздат. 1990. – С. 9.

Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз чор соли дома ёфт ва бо қабули Конституцияи ҶТ соли 1994 ва аз тарафи Маҷлиси Олии ҶТ даъвати якум таъсис намудани Суди конститутсионии ҶТ идома ёфт. Дар муҳлати зиёда аз чор соли фаъолияти худ Кумитаи назорати конститутсионии ҶТ баробари ба роҳ мондани фаъолияти ҳайати Кумита, барпо кардани дастгоҳи кори он, иҷрои вазифаҳои конститутсионии худро ба роҳ монда, даҳҳо парвандаҳоро бо ташаббуси худ ва бо муроҷиати субъектҳои дахлдор омӯхта, оид ба мувофиқати онҳо ба Конститутсияи ҷумҳурӣ қарор ва хулосаҳои даркорӣ қабул карда, ба таъсисёбӣ сазовор будани худро нишон дод.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки ташкили КНК Ҷумҳурии Тоҷикистон тимсоли Суди конститутсионии ҷумҳурӣ будани он, олоти таъмини раванди демократикони низоми судии ҷумҳурӣ, таъмини волоияти Конститутсия ва қонунҳои ҶТ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тасдиқи амалии ғояи давлати ҳуқуқбунёдро дар Тоҷикистон ва самаранокии фаъолияти худро тасдиқ кард. Аммо фаъолияти Кумитаи мазкур ҳамчун пешоҳангӣ пайдоиши низоми ваколатдори судии махсуси конститутсионӣ ба шумор рафта, ба иҷрои ваколатҳои додашуда сазовор будани худро тасдиқ кард[42].

Мувофиқи моддаи 89 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ба ҷойи Кумитаи назорати конститутсионии ҷумҳурӣ ташкили мақомоти нави судӣ – Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуд. Дар асоси он Маҷлиси Олӣ 3 ноябри соли 1995, № 84 Қонуни ҶТ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро қабул кард. Бо ҳамин ба фаъолияти Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон хотима гузошта шуда, таъсиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ гардонида шуд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1995 № 238 «Дар бораи фаъолияти ташкилии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳамаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идора, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ супориш дода шуд, ки барои таъмини мутадили кори Суди конститутсионӣ ва ҳайати он шароити мувофиқ муҳаё карда шавад ва муҳофизати Суди конститутсионӣ ба уҳдаи Гвардияи Президенти ҶТ гузошта шавад.

Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995, №84 тартиби ташкили Суди конститутсионӣ, сохтор, салоҳияти он, вазъи ҳуқуқии судяҳои Суди конститутсионӣ, принсипҳои мурофиаи Суди конститутсионӣ, мансубияти парвандаҳо ба Суди конститутсионӣ, субъектҳои мурофиаи суди конститутсионӣ ва вазифаҳои онҳо, тартиби оғози мурофиаи Суди

[42] Имомов А. Нужен конституционный суд // Народная газета. 1992. - 3 март. Имомов А. Зарурати додгустарии конститутсионӣ ба пеш омада // Садои Мардум. 1992. 13 август (Мусоҳибаи А. Имомов бо рӯзноманигор Мирзозода А.).

конститутсионӣ, баррасии парвандаҳо дар он, санадҳои Суди конститутсионӣ, тартиби қабули хулоса ва қарорҳои Суди конститут-сионӣ, таъинот ва мазмуни мухтасари онҳо ва масъалаҳои дигари фаъолияти Суди конститутсиониро танзим кардааст. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 1997, №234 тасвир ва намунаи либоси махсус, намунаи нишони сарисинагӣ барои судяҳои Суди конститутсионии ҶТ муайян карда шудааст[43].

Давлати ҳуқуқбунёд ва Суди конститутсионӣ арзишҳои ба давлат ва ҷомеаи демократӣ хос мебошанд. Онҳо моҳиятан бо якдигар пайвандӣ доранд ва ҳамчун қоида таъсисёбӣ ва фаъолияти Суди конститутсионӣ дар муҳити давлати ҳуқуқбунёд ҳарчи бештар самаранок шуда метавонад. Суди конститутсионӣ яке аз олоти зуҳуроти давлати ҳуқуқбунёд, воситаи амали гардонидани моҳият ва арзишҳои он мебошад. Устувор гардидан ва рушди давлати ҳуқуқбунёд тавассути фаъолияти самараноки Суди конститутсионӣ боз ҳам такмил меёбад. Чӣ давлати ҳуқуқбунёд ва чӣ мақомоти Суди конститутсионӣ таъиноти иҷтимоии демократӣ доранд. Онҳо фақат дар заминаи ҷомеаи демократӣ муҳити муносиби рушд пайдо карда, ба пойдории давлат ва инкишрфи ҷомеа мусоидат менамоянд.

Албатта роҳу воситаҳо ва механизмҳои амалӣ намудани вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, ҳарчи бештар ривоҷ ёфтани он хеле гуногун аст. Ва он фақат бо фаъолияти самараноки Суди конститутсионӣ маҳдуд намегардад. Вале дар муҳити давлати ҳуқуқбунёд таъсисёби ва фаъолияти чунин олоти судии таъмини қонуният, кафолати волоияти Конститутсия ва қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, рушди фаъолияти ҷомеа ва давлати демократиро тақвият мебахшад. Ин омил эътибори ҷомеа ва давлатро ба фаъолияти Суди конститутсионӣ, ҳарчи бештар аз рӯи талаботи Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ мондани кори он, ноил гаштани он ба мақсадҳои наҷиби ниҳоии таъсисёбӣ ва иҷрои вазифаҳо дар ҳифзи Конститутсия ва қонунҳо муқарраргардида афзоиш медиҳад.

Тафсири ҳуқуқии вазифаҳои конститутсионии Суди конститутсионӣ бо баъзе ҷузъиёти худ дар мамлакатҳои гуногун хусусият доранд. Аммо ҳадафи асосии онҳо муайян кардани мувофиқати қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо Конститутсия мебошад. Номгӯи вазифаҳои Суди конститутсионӣ дар матни Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ ё қонунҳои органикӣ, ҳадди салоҳияти онҳо муайян карда мешаванд.

Дар асоси банди якуми сархати чоруми моддаи 89 Конститутсияи ҶТ салоҳияти Суди конститутсионӣ аз муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ ва палатаҳои он, Президент,

[43] Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои он. – Душанбе, 2002. – С. 9-56.

Ҳукумат, Суди Оли, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конституция иборат аст. Айнан ба ҳамин монанд меъёр дар банди якуми моддаи 109 Конституцияи Ҷумҳурии Узбекистон низ муқаррар карда шудааст. Мувофиқи сархати якуми моддаи 148 Конституцияи Ҷумҳурии Туркия Суди конститутсионӣ ба Конституция мувофиқат доштани шакл ва моҳияти қонунҳо, қарорҳои қувваи қонуни дошта, инчунин Дастури Маҷлиси Бузурги миллии Туркияро назорат мекунад. Тағйироти конститутсионӣ фақат аз рӯи мувофиқати шакл ба Конституция назорат ва тафтиш карда мешаванд. Аммо ҳеҷ як амал наметавонад дар Суди конститутсионӣ бо сабаби номувофиқи ба Конституция аз рӯи шакл ва моҳияти қарори қувваи қонунӣ дошта дар давраи вазъияти фавқулодда, ҳолати ҳарбӣ ё дар вақти ҷанг шикоят карда шавад. Дар қисми дуюм ва сеюми ҳамин модда тартиби тафтиши қонунҳо аз рӯи шакл дар вақти овоздиҳӣ ба аксарияти овозҳо тарафдори пайдо кардани онҳо алоқаманд дониста шудааст. Тафтиши қонунҳо ҳамчунин аз рӯи шакл бо талаби Президенти ҷумҳурӣ ё ки аз панҷ як ҳиссаи аъзоҳои Маҷлиси Бузурги Милли Туркия гузаронидани он вобаста карда шудааст.

Баробари ин қайд кардан ҷоиз аст, ки худ аз худ мавҷудияти чунин арзишҳо ба монанди давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият, таъсисёбии Суди конститутсионӣ ва фаъолияти он барои татбиқи ҳадафҳои ниҳоии онҳо кам мусоидат дорад. Зеро ки самаранокии фаъолияти онҳо ба муҳити муайяни демократӣ алоқамандӣ дорад. Дар холати кифоя набудани чунин муҳит таъсири онҳо ба ҳаёти воқеии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ва давлат ночиз аст. Таъсири мусбии фаъолияти Суди конститутсионӣ асосан тавассути ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шарвандон муайян мегардад. Зеро ки чунин ниҳоди махсуси судӣ на барои ҳимояи шахсони мансабдор ва имтиёзҳои онҳо, балки барои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аз поймолшавӣ таъсис ёфтааст. Ҳимояи ҳуқуқи инсон бо роҳу воситаҳои қонунҳо муайян карда амалӣ карда мешавад. Хулоса ва қарорҳои Суди конститутсионӣ, ки бо риояи расмиёти қонунӣ қабул карда шудааст, қатъӣ мебошад ва роҳи боздорӣ ё бекор кардани онҳо пешбинӣ нашудааст.

Ба ҳамин тариқ, таърихи пайдоиши чунин арзишҳои давлатдорӣ ба монанди давлати ҳуқуқбунёд, эътирофи усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, таъсиси падидаи идораи президентӣ ва барпо кардани Кумитаи назорати конститутсионӣ – Суди конститутсионӣ дар ҷанини давлат ва ҷомеаи шуравии сотсиалистӣ сурат гирифта, тавассути тағйиру иловаҳои Конститутсияҳои шуравӣ ба расмият дароварда шуданд. Мувофиқи усули ҳуқуқӣ-конститутсионии идоманокии меъёрҳои собиқ давлати шурави, арзишҳои мазкур дар давраи нав на фақат эътироф ва тасдиқ гардиданд, балки ба

асосҳои сохтори конститутсионии давлати либералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гаштанд.

АДАБИЁТ:

1. Материалы XIX Всесоюзной конференции Коммунистической партии Советского Союза [Текст]. – М.: Политиздат. 1988. – 159 с.

2. Речь Президента СССР М.С. Горбачева на внеочередном третьем Съезде народных депутатов СССР, 15 марта 1990 г. – М.: Политиздат. 1990. – 16 с.

3. Имомов, А. Нужен конституционный суд [Текст] / А. Имомов // Народная газета. – 3 марта 1992 г. – С. 8-9.

4. Имомов, А. Зарурати додгустарии конститутсионӣ ба пеш омада (Мусоҳибаи А. Имомов бо рӯзноманигор Мирзозода А.) [Матн] / А. Имомов // Садои Мардум. – 1992. – 13 август. – С. 5-6.

5. Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои он [Матн]. – Душанбе, 2002. – 147 с.

ПРАВОВОЕ ГОСУДАРСТВО И КОНСТИТУЦИОННЫЙ КОНТРОЛЬ

Ключевые слова: правовое государство; конституционный контроль; разделение властей; демократические идеи; Конституционный суд; государственная власть.

Аннотация: Настоящая статья посвящена исследованию истории становления и формирования института конституционного контроля, а также определению его места и значения в правовом государстве. Инициатором развития данного института выступил М. С. Горбачёв, а создание Комитета конституционного контроля в Союзе Советских Социалистических Республик и союзных республиках было связано с резолюцией XIX Всесоюзной конференции Коммунистической партии Советского Союза от 1 июля 1988 года.

В последующей части статьи также анализируются процесс учреждения Комитета конституционного контроля и его значение для практической реализации института конституционного контроля в условиях становления демократического и суверенного Таджикистана.

Имомов Ашурбой Имомович – Главный научный сотрудник государственного юридического отдела Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана, профессор.

RULE OF LAW AND CONSTITUTIONAL CONTROL

Keywords: rule of law; constitutional control; separation of powers; democratic ideas; Constitutional Court; state power.

Annotation: This article is devoted to the study of the historical development and formation of the institution of constitutional control, as well as to determining its role and significance within a rule-of-law state. The initiator of this institutional development was M. S. Gorbachev, and the establishment of the Committee of Constitutional Control in the Union of Soviet Socialist Republics and the союз republics was associated with the resolution adopted by the Nineteenth All-Union Conference of the Communist Party of the Soviet Union on 1 July 1988.

The subsequent part of the article analyzes the process of establishing the Committee of Constitutional Control and examines its significance for the practical implementation of constitutional control in the context of the formation of a democratic and sovereign Tajikistan.

Imomov Ashurboy Imomovich – Chief Researcher of the State Legal Department of the Institute of Philosophy, Political Science and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Professor.

КАРИМЗОДА Карим Мазиё,
номзади илмҳои сиёсӣ
Тел.: (+992) 918-67-05-32.

ТДУ: 342; 369.032

КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМ, ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

Калидвожаҳо: Истиқлолияти давлатӣ; конститутсионализм; Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; идоракунии давлатӣ; хизмати давлатӣ; хизматчиёни давлатӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи рӯйдодҳои муқаддас ва тақдирсоз арзёбӣ гар дидааст, ки он ба халқи тоҷик дар аввалҳои солҳои 90 -уми асри XX муяссар шудааст, инчунин бо шарофати истиқлолият дар заминаи манфиатҳои давлат, вазифаҳои таърихии он ва фаъолияти созандаи хизматчиёни давлатӣ ташаккул ёфтани идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Мафҳуми конститутсионализм, идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ кушода шуда, дар асоси назарияи конститутсионализм ва Конститутсияи навишташудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва рушди идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ таҳлил карда шудааст. Зикр гардидаст, ки конститутсионализм аслан ифодаи идоракунии давлатӣ арзёбӣ мегардад ва тибқи аксар мафҳумҳо– конститутсионализм ҳамчун идоракунии давлатӣ, ки аз тарафи Конститутсия маҳдуд карда шудааст, фаҳмида мешавад.

Дар ҳаёт ва саҳифаҳои таърихи сиёсии халқу миллатҳо ҳодиса ва рӯйдодҳои муҳиме мавҷуданд, ки бинобар аҳамияти калидӣ доштанашон барои онҳо тақдирсоз арзёбӣ мегарданд. Чунин рӯйдодҳо фаҳмиш, андеша ва тафаккури ҷомеаро нисбати сарнавишт ва тақдири гузашта, имрӯза ва ояндаи худ дигар намуда, ба низоми мавҷудаи давлатдорӣ ва ҷомеадорӣ ислоҳи ҷиддӣ ворид менамоянд. Дар натиҷа ғоя ва арзишҳои миллӣ бо мазмуну мундариҷаи сифатан нав мавриди истифода ва баҳрабардории ҷомеа қарор мегиранд.

Истиқлолияти давлатӣ, ки аз зумраи чунин руйдодҳои муқаддас ва тақдирсоз ба шумор меравад, ба халқи тоҷик дар аввалҳои солҳои 90 -уми асри XX муяссар гардид, ки бо ҳамин орзуву омоли чандҳазорсолаи фарзандони барӯманди он ҷомаи амал пӯшид.

Солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба даврaҳои вазнини таърихи навини мо дохил мешаванд, аммо ба нобасомониҳои солҳои аввал нигоҳ накарда, истиқлолият аз тарафи мардуми тоҷик хуш пазируфта шуд, зеро истиқлолияти давлатӣ натиҷаи муборизаи дуру дарози халқ ва фарзандони баруманди миллати мо, бедорӣ, худшиносию худогоҳии миллии онҳо мебошад.

Агар ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ифтихормандӣ аз мансубият ба этноси созандаю бунёдкор ва соҳибтамаддун, инчунин масъулияти инсонию шаҳрвандии фарзандони барӯманди халқи мо нисбат ба ҳифз ва афзун гардонидани дастовардҳои гузаштагонашон намебуд, минбаъд ба давлатдорию девонсолорӣ, фарҳанги ҷаҳоншумул ва истиқлолияти миллӣ намерасидем.

Чуноне ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба муносибати 19-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таъкид доштанд: «мову Шумо бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарастии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони ватанпарвар навишта шуданд. Аз ин лиҳоз, давраи нуздаҳсолаи истиқлолияти Тоҷикистон дар умқи таърихи куҳанбунёдамон реша дорад ва ҳамеша аз он неруву ғизо мегирад.»

Ҳамин аст, ки истиқлолият «муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва нерӯи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо» арзёбӣ мегардад[44].

Вобаста ба ин, пайдоиш ва ташаккули идоракунии давлатии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон низ натиҷаи зуҳуроти объективии таърихӣ, яъне барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибихтиёр гардидани давлати Тоҷикистон мебошад. Дар натиҷаи таҳаввулоти бузурги геополитикии солҳои навадуми асри XX давлати Шуравӣ ва ҳизби Коммунисти он ҳамчун маҳаки асосии идоракунӣ ва хизмати давлатии типи ҳизбӣ аз байн рафта, принсипи нави идоракунӣ ва хизмати давлатӣ рӯйи кор омада, интихоби хизматчиёни давлатӣ аз рӯи аломати мансубияти ҳизбӣ аҳаммияти худро гум кард.

Дар маркази идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон назарияи конститутсионализм ва конститутсияи навишташудаи давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон қарор гирифт, ки роҳбарияти давлат бо такя ба онҳо ба идоракунии самараноки давлатӣ ва хизмати давлатӣ роҳи васеъ кушод.

[44] Истиқлолияти Тоҷикистон дар умқи таърихи куҳанбунёдамон реша дорад // Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 19-умин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон. – Душанбе, 8 сентябри соли 2010. Рӯзномаи Ҷумҳурият». 9 сентябри соли 2010. – №113-114. – С. 54.

Ализода Зариф ба пайдоиши конститутсонализм ва дар заминаи он қабули конститутсияи давлатҳои демократӣ дахл карда, қайд менамояд, ки «Дар талошу муборизаҳо... барои ташкили давлатдории худ таълимоти илмӣ, ҳаракати мафкуравӣ-сиёсӣ ва амалияи давлатӣ-ҳуқуқӣ – «конститутсионализм» ташаккул ёфт, ки он барои таҳия ва қабули Конституцсия, сохтору мазмуни он, инчунин амалӣ шудани меъёрҳои Конституцсия заминаи асосии илмӣ мебошад»[45].

Мавриди зикр аст, ки дар тӯли садсолаҳои охир масъалаи назария ва амалияи конститутсионализм дар баробари дигар масъала ва проблемаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва фалсафию иҷтимоӣ яке аз проблемаҳои муҳим ва актуалии илмҳои ҷамъиятӣ боқӣ мондааст ва чунончи зикр мешавад «даҳсолаҳо боз сужети умумии назарияи конститутсионализм мавриди мубоҳиса қарор дошта, хусусиятҳои махсуси он, аз қабили: ҳукмронии қонун, таҷзияи ҳокимият, афзалияти ҳуқуқ ва озодии шахсият, роҳҳои тат биқ ва ҳимояи онҳо, тартиботи демократӣ ва ғ. ошкор карда мешаванд. Зарурат ва роҳҳои муқаррар намудани системаи сиёсии бисёрҳизбӣ, плюрализми мафкуравӣ муҳокима карда мешаванд»[46].

Чунин муносибат ба конститутсионализм аслан асоснок кардани моҳияти бисёрҷанбаи категорияи мазкур бо табиат ва қонуниятҳои ташаккул ва рушди он ба ҳисоб меравад ва чунончи Н.С. Бондар қайд менамояд, «мафҳуми «конститутсионализм» бо дараҷаи ҷамъбаст кардан ба сифати як мафҳум ва нисбатан мафҳуми аҳамиятнок ва васеъ баромад намуда, нақши категорияи ба вуҷудоварандаи низомро бозӣ мекунад»[47].

Имрӯзҳо низ яке аз шарти муҳими рушди пешқадами давлатҳои демократӣ ва ҷомеа конститутсионализм бо принсипҳо ва муносибатҳои назариявӣ-консептуалӣ ва амалии сершумори он ба ҳисоб меравад. Он аз ҷониби ҷомеа ҳамчун асоси пойдевори бунёди давлати демократӣ, инкишофи системаи сиёсӣ, ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва ташкили сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дарк ва қабул карда мешавад. Он зуҳуроти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фалсафию ичтимоӣ гардида, дар замони муосир ҳамчун принсип, меъёр, усул ва пойдевори (контрукция) демократия ва бунёди давлати демократӣ арзёбӣ гардида, дар сохтмони давлатии тамоми давлатҳои ҷаҳон ҳамчун зуҳуроти глобалӣ, консепсия ва назарияи ҳукмрон мебошад.

Ба андешаи В.С. Нерсесянс розӣ нашудан номумкин аст, ки тибқи андешаҳои ӯ инкишофи минбаъдаи асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати

[45] Ализода З. Қонуни асосии давлат: воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2021. – С. 8.
[46] Кутафин О.Е. Российский конституционализм. – М.: Норма, 2008. – С. 2. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http: www.juristic.ru/book_3675.html (дата обращения: 20.02.2025 г.).
[47] Бондарь Н.С. Права человека в теории и практике российского конституционализма [текст] /Российский конституционализм: проблемы и решения. – М., 1999.–С.135-140 (204 с.).

ҳуқуқбунёд дар Руссия бевосита аз устувории конститутсионализм вобаста мебошад[48].

Бе баҳс, аз махсусиятҳои зиёди аз конститутсионализм бармеомада, мафҳуми конститутсионализмро ба он мафҳумҳое дохил мекунанд, ки нисбати онҳо мафҳумҳои гуногун ва ҳатто ҳамдигарро инкоркунанда мавҷуд мебошанд.

Чунончи, Т. Шогимен қайд мекунад, «ба он нигоҳ накарда, ки конститутсионализм дар дискурси муосири сиёсӣ «ҷойи умум» гаштааст, он мафҳуми душвор муайяншаванда боқӣ мемонад. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки мафҳуми онро муайян кардан мумкин нест ё ҳатто ба он мафҳум додан зарурат надорад»[49].

А. Шайо конститутсионализмро «мисли чодари васеъ, ки метавонад ҷой бисёреро печонида гирад»[50] арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки «дар мо ба конститутсионализм тахминан чунин муносибат вуҷуд дорад, ки Августинаи муқаддас бо Худо дошт: «Ба Ӯ (худоро дар назар дорад–Каримзода К.М.) наметавонам мафҳум диҳам, аммо медонам, ки бехудоӣ чист»[51].

Г.Г. Арутюнян чунин мешуморад, ки мафҳуми конститутсионализм бисёрқабата ва бисёррӯя буда, онро бо ягон аломати мушаххас тавсиф намудан мумкин нест»[52].

Новобаста аз ин, конститутсионализм аслан ифодаи идоракунии давлатӣ мебошад, ки тибқи аксар мафҳумҳо– конститутсионализм асосан ҳамчун идоракунии давлатӣ, ки аз тарафи Конститутсия маҳдуд карда шудааст, фаҳмида мешавад.

Масалан, Ю.В. Пузрач конститутсионализмро ҳамчун мавҷудияти шакли идоракунии конститутсионӣ, идоракунии давлатӣ, ки аз тарафи Конститутсия маҳдуд карда шудааст[53]; Е. Брадент – ҳамчун воситаи конститутсионӣ барои

---

[48] Нерсесянц В.С. Конституционализм как общегосударственная идеология // Конституционно-правовая реформа в Российской Федерации: Сб. ст. / Отв. ред. Ю.С. Пивоваров. – М., 2000. – С. 6-8 [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/konsti- tutsionalizm-kak-obschegosudarstvennaya-ideologiya/viewer (дата обращения: 20.02.2025).

[49] Shogimen T. Constitutionalism. In: New dictionary of the history of ideas. Vol. 2. N.Y. Lnd., 2005, p. 458. (852p.) [Electronic resource]. Access mode: https:// docs. yandex.ru/ cdn.preterhuman.net New Dictionary Of The History Of Ideas Vol 2. Pdf (date of application: 20.01.2025 г.).

[50] Шайо А. Самоограничение власти. Краткий курс конституционализма. – М., 1999. – С. 8. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https: docs.yandex.ru/ aspirant.at.ua/shajo_samoogranichenie _vlasti _2001. pdf дата обращения: 20.02.2025 г.)

[51] Шайо А. Самоограничение власти. Краткий курс конституционализма. – М., 1999. С. 8. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https: docs.yandex.ru/ aspirant.at.ua/shajo_samoogranichenie _vlasti _2001. pdf дата обращения: 20.02.2025 г.)

[52] Арутюнян Г.Г. Конституционализм: уроки, вызовы, гарантии: сб. избр. публ. и выст. на межд. форумах, посв. данной проблематике [текст] / Г.Г. Арутюнян. – К.: Логос, 2011. – С. 15.

[53] Пузрач Ю.В. История российского конституционализма IX-XX веков [текст] / Ю.В. Пузрач.– СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2004. – С. 7.

маҳдуд кардани ҳокимияти давлатӣ[54]; А. Шайо – ҳамчун умумияти принсипҳо, тартиби фаъолият ва механизмҳои сохторӣ, ки чун анъана бо мақсади маҳдуд кардани ҳокимияти давлатӣ истифода бурда мешавад; худмаҳдудкунии ҳокимият[55]; Г.Рассел ҳамчун маҳдуд кардани ваколатҳои ҳокимиятии роҳбарони давлат, мақомоти дав латӣ ва татбиқи чунин маҳдудиятҳо бо истифодаи расмиёти муқарраргардида мефаҳманд[56].

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) ва бо назар- дошти равандҳои демократии инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон ба он ворид намудани тағйироту иловаҳо тағйироти сифатии низоми сиёсии Тоҷикистон ба шумор рафта, принсип ва арзишҳои бунёдии он барои ташаккули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити ташкилию-ҳуқуқии мусоид фароҳам оварданд.

Сарчашма ва заминаи ислоҳоти идоракунӣ ва хизмати давлатиро ба куллӣ тағйир ёфтани самтҳои асосии инкишофи давлат, дигар шудани мазмуну мундариҷаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунии марказӣ, маҳаллӣ ва худидоракунии давлат ташкил медиҳад.

Ба таҳкими дастгоҳи давлатӣ дахл намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ҳанӯз соли 2006 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки: «Низоми мавҷудаи идора ва сохторҳои он вобаста ба талаботи замон бояд такмил дода шавад. Дар шароити ҳозира унсурҳои манфии ташкили идоракунӣ вуҷуд доранд, ки ба зиёд шудани монеаҳои бюрократӣ мусоидат карда, боиси паст гардидани масъулияти иҷрокунандагон мешаванд.

Аз ин рӯ, Ҳукумат солҳои охир барои татбиқи ислоҳоти куллии идораи давлатӣ кӯшиш менамояд. Ҳадафҳои асосии он баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таҳкими низоми худидораи маҳаллӣ, таъмини пурраи мустақилияти ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, кам кардани дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ, пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия мебошад. Гузаронидани ислоҳоти зикршуда аз мақомоти дахлдори давлатӣ масъулияти баландро талаб менамояд»[57].

---

[54] Barendt E. Introduction to Constitutional Law. – Oxford Univ. Press,1998. – P. 14.

[55] Шайо А. Самоограничение власти (краткий курс конституционализма) – М.,1999 / [Электронный ресурс]. // Режим доступа: https:// docs. yandex.ru/ aspirant.at.ua/ shajo_ samoogranichenie_vlasti_2001.pdf (дата обращения: 20.02.2025 г.); Шайо А. Транснациональные сети и конституционализм // Сравнительное конституционное обозрение. – 2008. – №5 (66). – С. 123.

[56] Рассел Грэг. Материалы о демократии. Конституционализм: опыт Америки и других стран // «Все о США: Правительство и политика». [Электронный ресурс]. Режим доступа: http:www.infousa.ru/government/dmpaper 2.htm. и др (дата обращения: 20.02.2025.г).

[57] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://ombudsman.tj/files/Payom-20.04.2006.pdf (санаи мурочиат: 10.10.2025).

Идораи давлатӣ ҳамчун шакли фаъолияти ичтимоӣ дар мазмуни васеъ ва дар мазмуни маҳдуд фаҳмида мешавад. Идораи давлатӣ дар мазмуни васеъ – ин фаъолияти ташкилкунанда, батанзимдарорандаи давлат, идоракунии давлатии муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ (дар баъзе ҳолатҳо муносибатҳои шахсӣ) ба воситаи фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ– қонунгузорӣ, иҷроя ва судӣ, мақомоти онҳо, хизматчиёни давлатӣ фаҳмида мешавад. Идораи давлатӣ дар мазмуни маҳдуд –ин фаъолияти маъмурӣ, иҷроиявӣ-амрдиҳандаи давлат фаҳмида мешавад[58].

Конститутсионализм тавассути Конститутсия, қонунҳои конституционӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чорчӯбаи фаъолият ё салоҳияти тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти калидии давлат, инчунин шахсони мансабадори онҳоро муайян намуда, қоидаи рафтори шахсро вобаста ба талаботи дар ҷомеа ҳукмрон муқаррар менамояд. Барои суиистифода накардан ва набаромадан аз доираи салоҳияти пешбинӣ намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдудиятҳо пешбинӣ менамояд. Бо ҳамин суботи бардавоми сиёсию ичтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҷамъиятиро муътадил нигоҳ медорад ва таъмин менамояд.

Дар Конститутсия ворид намудани моддаи алоҳида (мод.27) дар бораи «ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доштани шаҳрвандони Тоҷикистон»[59] барои қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» (1998, 2007)[60] асос гардид.

Ин қонун инъикоскунандаи дигаргуниҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеа, сифатан тағйир додани раванди идоракунӣ, аз ҳама гуна таъсири идеологӣ, манфиатҳои гурӯҳӣ баровардани хизмати давлатӣ, ба дастгоҳ ва мақомоти давлатӣ ҷалб намудани аз ҳама беҳтаринҳо ба ҳисоб меравад.

Дар адабиётҳо зери мафҳуми ташаккули хизмати давлатӣ одатан аз як ҳолати муайян ба ҳолати дигари муайян гузаштани он фаҳмида мешавад. «Ташаккули хизмати давлатӣ - ин ҳолати гузаришест, ки расмӣ шудан ва худмуайянкунии он ҳамчун қисми ҷудонашавандаи тамоми сиёсати ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад[61].

Ташаккули хизмати давлатии муосири Тоҷикистон аз таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи хизмати давлатӣ, дастовардҳо ва арзишҳои умумибашарии назарияи идоракунии давлатӣ, муносибати эҷодкорона ва танқидӣ ба моделҳои гуногуни хизмати давлатӣ баҳра мегирад. Он дар ҳар давлат

[58] Муллоев Д.М. Назарияи идораи давлатӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2013. – С. 9-10.

[59] Конститутстсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 нояббри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 4.

[60] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[61] Мельников В.А., Нечипоренко В.С. Государственная служба в России. – М., 2004. – С. 341.

хусусиятҳои хоси ташаккулёбии худро аз сар гузаронидааст ва дар навбати худ онро бе системаҳои ҳуқуқии мавҷудаи муосир тасаввур кардан мумкин нест.

Дар навбати худ, таҷрибаи ниёгон, анъанаҳои пешқадами хизмати давлатии Иттиҳоди Шуравӣ дар масъалаи тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, «менеҷеризми нав» дар идоракунӣ, дар асоси озмун ба кор қабул шудани хизматчиёни давлатӣ, баҳодиҳии вокеъбинона ба фаъолияти хизматчии давлатӣ асоси инкишофи хизмати давлатии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» – хизмати давлатӣ – фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст. Хизматчии давлатӣ бошад шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст.

Дар навбати худ хизматчиёни давлатӣ вобаста ба нақш ва мавқеи мансабҳои ишғолнамуда, доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва сатҳи ташкилию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар марҳалаи рушду инкишофи худ бояд роҳу равиш ва муносибати нави эҷодкоронаи инкишофи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии худро дошта бошад.

Ҳамин тариқ, дар давраи ташаккули типи нави хизмати давлатӣ таҳияи асосҳои назариявии он, истифодаи дастовардҳои илмҳои гуногун барои таҳияи консепсия ва модели хизмати давлатӣ, мақсадҳои вай, принсипҳо, функсия, вазифаҳо, шакли ташкил дар асоси тадқиқоти раванди инкишофи ҷомеа ва давлат нақши муҳим мебозанд.

Аз ин рӯ, аҳамияти падидаи идоракунии давлатӣ ва ғояи хизмати давлатӣ ҳамчун институти татбиқи вазифаҳои таърихии давлат ва талаботи иҷтимоии ҷомеа, инчунин фаъолияти идоракунӣ ҳамчун мазмуни асосии хизмати мазкур барои ташаккули хизмати давлатии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд.Маҳз бо такя бо тамоми илмҳои мавҷуда, татбиқи бошууронаи қонуният, равандҳо, назарияҳо, ҷаҳонбинӣ ва категорияҳои асосноккардашудаи онҳо имконият медиҳанд, ки:

якум, хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси дастовард ва арзишҳои илмҳои муосири идоракунӣ ба роҳ монда шавад, ҳамчун раванди объективӣ ва ногузири муносибат ва таъсиррасонӣ ба давлат ва ҷомеа арзёбӣ гардад; ҳамчун талаботи рӯзафзуни ҷомеа ва ҳар фарди он ба ҳамкорӣ ва

суботи иҷтимоӣ бояд баромад намояд, ба хотири рушду таҳким аз ҳама гуна зуҳуроти субъективӣ холӣ бошад. Хизмати давлатӣ он вақт самаранок аст ва он вақт онро касбӣ мененамонд, ки он ба талаботи аввалиндарҷаи ҷомеа мубаддал гардад;

дуюм, моҳияти иҷтимоии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангикунонидашуда табақаи муайяни меҳнатии ҷомеа, ки тавасссути мансабҳои давлатӣ сурат мегирад, бояд пеш аз ҳама ба нафъи инсон ва шаҳрванд ва таъмину кафолати ҳуқуқу озодиҳои онҳо равона карда шавад;

сеюм, хизмати давлатӣ хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, дунявӣ ва ягонагии давлат, баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқро инъикос намояд. Тамоми фаъолияти дастгоҳ, мақомоти давлатӣ ва хизматчии давлатӣ бояд аз ҳамин арзишҳо сарчашма гирад;

чорум, хизмати давлатӣ сарчашмаи ягона ва асоси инкишофи шахсият (шахси мансабдор, роҳбар, хизматчии давлатӣ, корманд) арзёбӣ гардида, баландравии бемайлон ва бетанаффуси онро таъмин намояд ва ба адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа заминаи воқеӣ гузорад;

панҷум, функсияи мустаҳкамкунии хизмати давлатӣ ба ташак- кули дастгоҳи мукаммал ва муттаҳидаи давлатӣ, ки ба шароити таърихии фаъолияти давлат ва ҷомеа ҷавобгӯ мебошад, бояд мусоидат намояд. Дар ин дастгоҳ нақши хизматчии давлатӣ ва фаъолияти бошууронаи он мавқеи аввалиндараҷаро бояд касб намояд.

Аз ин рӯ, вазифаи асосии давлат ин табдил додани хизмати давлатӣ ба воситаи муҳими ташаккули худи давлат ва таъминкунандаи шароити зарурии алоқамандии он бо ҷомеа мебошад. Ҳалли ин масъала ва муваффақияти ислоҳоти идоракунӣ ё сохтмони давлатӣ аз ташаккули ҳатмии амалдорони касбии ба вазифа, мақсад, сохтори сиёсӣ ва функсияҳои давлат мутобиқ вобастагии ногусастанӣ дорад, зеро маҳз «хизматчиёни давлатӣ неруи пешбарандаю таҳкимбахши давлату давлатдорӣ мебошанд».

Дар шароити ҳозира назария, амалияи конститутсионализм ба ҳалли проблема ва масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии муосири Тоҷикистон мусоидат намуда, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ, мақсад, функсия, принсипҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, вазъи хизматчии давлатӣ, мансабҳои давлатӣ, таснифи онҳо, таҳлили хизмати давлатии соҳавӣ ва дигарҳо дар муқоиса бо дигар давлатҳо камтар мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор гирифтаанд.

Танҳо муносибати маҷмуӣ метавонад ин падидаҳои муҳими сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию фарҳангии бо давлат, дастгоҳи он, ҳокимият ва дигар унсурҳои сиёсӣ алоқамандӣ доштаро пурра кушода, давлат ва ҷомеаро ба сӯйи ҳадафҳои конститутсионии дар назди он гузошташуда раҳнамун созад.

АДАБИЁТ:

1. Barendt, E. Introduction to Constitutional Law [Text] / E. Barendt. – Oxford Univ. Press, 1998. – 189 p.

2. Shogimen, T. Constitutionalism. In: New dictionary of the history of ideas [Electronic resource]. Access mode: https:// docs. yandex.ru/ cdn.preterhuman.net New Dictionary Of The History Of Ideas Vol 2. Pdf (date of application: 20.01.2025 г.).

3. Ализода, З. Қонуни асосии давлат [Матн]: воситаи таълимӣ / З. Ализода. – Душанбе, 2021. – 176 с.

4. Арутюнян, Г.Г. Конституционализм: уроки, вызовы, гарантии: сб. избр. публ. и выст. на межд. форумах, посв. данной проблематике [Текст] / Г.Г. Арутюнян. – К.: Логос, 2011. – 308 с.

5. Бондарь, Н.С. Права человека в теории и практике российского конституционализма [Текст] / Н.С. Бондарь // Российский конституционализм: проблемы и решения. – М., 1999. – 204 с.

6. Истиқлолияти Тоҷикистон дар умқи таърихи куҳанбунёдамон реша дорад [Матн] // Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 19-умин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон». – Душанбе, 8 сентябри соли 2010. Рӯзномаи Ҷумҳурият». 9 сентябри соли 2010. – №113-114.

7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 нояббри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

8. Кутафин, О.Е. Российский конституционализм [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http: www.juristic.ru/ book_3675.html (дата обращения: 20.02.2025 г.).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

10. Мельников, В.А., Нечипоренко, В.С. Государственная служба в России [Текст] / В.А. Мельникова, В.С. Нечипоренко. – М., 2004. – 506 с.

11. Муллоев, Д.М. Назарияи идораи давлатӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Д.М. Муллоев. – Душанбе, 2013. – 256 с.

12. Нерсесянц, В.С. Конституционализм как общегосударственная идеология [Текст] / В.С. Нерсесянц // Конституционно-правовая реформа в Российской Федерации: Сб. ст. / Отв. ред. Ю.С. Пивоваров. – М., 2000. – С. 6-8.

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://ombudsman.tj/files/Payom-20.04.2006.pdf (санаи мурочиат: 10.10.2025).

14. Пузрач, Ю.В. История российского конституционализма IX-XX веков [Текст] / Ю.В. Пузрач. – СПб.: Изд-во Юридический центр Пресс, 2004. – 740 с.

15. Рассел Г. Материалы о демократии. Конституционализм: опыт Америки и других стран. // «Все о США: Правительство и политика». [Электронный ресурс]. Режим доступа: http: www.infousa.ru/government /dmpaper 2.htm. (дата обращения: 20.02.2025.г).

16. Рахмонов, Э. Ответственность перед временем. Послание в Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22 апреля 2002 года [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе, 2002. – 103 с.

17. Шайо, А. Самоограничение власти. Краткий курс конституционализма [Текст] / А. Шайо. – М., 1999. – 292 с.

18. Шайо, А. Транснациональные сети и конституционализм [Текст] / А. Шайо // Сравнительное конституционное обозрение. – 2008. – №5 (66). – С. 123-132.

КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМ, ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ И ГОСУДАРСТВЕННАЯ СЛУЖБА

Ключевые слова: государственная независимость; конституционализм; Конституция Республики Таджикистан; государственное управление; Государственная служба; государственные служащие.

Аннотация: В данной статье государственная независимость Республики Таджикистан оценивается как священное и судьбоносное событие, которое было достигнуто таджикским народом вначале 90-х годов XX века, а также благодаря независимости на основе интересов государства, его исторических задач и созидательной деятельности государственных служащих было исследовано формирование государственного управления и современной государственной службы. Понятия конституционализма, государственного управления и государственной службы были проанализированҷ на основе теории конституционализма и писаной Конституции Республики Таджикистан, организации и развития государственного управления и государственной службы. Отмечается, что конституционализм, по существу, рассматривается как обозначение государственного управления, а по большинству понятий – как государственное управление, ограниченное Конституцией.

Каримзода Карим Мазиё – кандидат политических наук. **Тел.:** (+992) 918-67-05-32.

CONSTITUTIONALISM, PUBLIC ADMINISTRATION AND PUBLIC SERVICE

Keywords: state independence; constitutionalism; Constitution of the Republic of Tajikistan; public administration; Civil service; civil servants.

Annotation: In this article, the state independence of the Republic of Tajikistan is assessed as a sacred and fateful event that was achieved by the Tajik people in the early 90s of the twentieth century, as well as due to independence based on the interests of the state, its historical tasks and the creative activities of civil servants, the formation of public administration and modern public service was investigated. The concepts of constitutionalism, public administration and public service were discovered and analyzed on the basis of the theory of constitutionalism and the written Constitution of the Republic of Tajikistan, the organization and development of public administration and public service. It is noted that constitutionalism is essentially considered as a designation of public administration, and in most concepts – as public administration limited by the Constitution.

Karimzoda Karim Maziyo – candidate of political sciences. **Phone:** (+992) 918-67-05-32.

ДИНОРШОХ Азиз Мусо,
первый заместитель исполнительного директора филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, доктор юридических наук, профессор
Тел.: (+992) 907-89-02-07.

УДК: 342.417

РОЛЬ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА В ЗАЩИТЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И КУЛЬТУРНЫХ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституционный суд; социально-экономические права; культурные права; Республика Таджикистан; социальное государство; право на труд; право на социальное обеспечение; судебная защита; конституционное судопроизводство; верховенство Конституции.

Аннотация: В статье рассматривается роль Конституционного суда Республики Таджикистан в защите социально-экономических и культурных прав человека. Отмечается, что данные права, являясь фундаментальной частью конституционного статуса личности, формируют основу современного правового и социального государства. Автор анализирует конституционные положения, определяющие социальный характер таджикского государства, а также судебную практику Конституционного суда, направленную на укрепление гарантий права на труд, социальное обеспечение и свободу предпринимательства. Особое внимание уделено рассмотрению ключевых решений Конституционного суда, способствующих совершенствованию законодательства и укреплению принципа верховенства Конституции. Делается вывод, что конституционное судопроизводство является действенным инструментом защиты прав человека и механизмом обеспечения социальной справедливости.

В системе прав и свобод человека социально-экономические и культурные права занимают фундаментальное место, формируя основу современного правового и социального государства. Эти права, возникшие в сложных исторических условиях, за сравнительно короткий период превратились в системообразующий фактор функционирования государства. Как отмечает С.А. Авакьян, конституционный строй государства базируется на ряде фундаментальных основ, отражающих характер общества, природы власти, положения человека и гражданина, форм собственности и

экономической деятельности. Эти начала, закреплённые в Конституции, определяют направление общественного и политического развития страны[62]. Особое значение среди указанных основ имеют социальные и экономические начала. В соответствии со статьёй 1 Конституции Республики Таджикистан, государство провозглашено социальным, что означает обязанность обеспечивать условия, гарантирующие достойную жизнь и развитие личности. Статьи 12 и 13 Конституции закрепляют многообразие форм собственности и гарантии свободы экономической и предпринимательской деятельности, а также равную правовую защиту всех форм собственности, включая частную.

В условиях рыночной экономики неизбежно проявляется социальное неравенство, что делает поиск справедливого социального компромисса одной из ключевых функций правового государства. Социально-экономические права, таким образом, выступают связующим звеном между личными и политическими правами, наполняя их реальным содержанием. Как справедливо указывает О.И. Тиунов, такие права, как право на жилище, невозможно реализовать без гарантий неприкосновенности жилища и права на частную собственность[63]. Все группы прав человека взаимосвязаны, образуя единый правовой статус личности и гражданина.

Конституция Республики Таджикистан закрепила основные принципы социально-экономической деятельности государства, которые служат базой для развития соответствующих правовых институтов. Эти права обеспечивают человеку возможность достойного существования, гарантируя удовлетворение первичных жизненных потребностей – в труде, питании, жилище, охране здоровья, образовании и культуре. Н.С. Малеин подчёркивал, что несмотря на различие жизненных стандартов в странах мира, существуют минимальные условия существования, обязательные для всех цивилизованных обществ[64].

Международные акты, прежде всего Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах (МПЭСКП), подчёркивают, что идеал прав человека достижим лишь при условии обеспечения возможности пользоваться всеми категориями прав – гражданскими, политическими, экономическими, социальными и культурными. Однако в теории и практике международного права по-прежнему сохраняется тенденция недооценки значимости социально-экономических и культурных прав, что отмечал Е.И. Колюшин, указывая на доминирование либеральной

[62] Авакьян С.А. Конституционное право России. Т.1. – М., 2010. – С. 326.
[63] См.: Конституционные права и свободы человека и гражданина в Российской Федерации. – С.186.
[64] Малеин Н.С. О социальной защищенности личности в правовом государстве // Сов. гос. право. – 1990. – №6. – С. 23.

доктрины, согласно которой данные права рассматриваются как «второстепенные» или программные[65].

Тем не менее подобная позиция представляется методологически ошибочной. Деление прав человека на «основные» и «второстепенные» противоречит целостной природе их конституционного закрепления. Хотя реализация социально-экономических прав требует значительных материальных ресурсов, это не умаляет их юридической силы и не исключает обязанности государства по их обеспечению. Как подчеркивает Е.И. Колюшин, положение о непосредственном действии прав и свобод распространяется на все категории конституционных прав без исключения[66].

Для Таджикистана реализация социально-экономических прав имеет особую значимость. Гражданская война 1990-х гг. привела к глубочайшему кризису экономики, что существенно затормозило процесс становления социального государства. В последующие десятилетия наблюдается постепенное восстановление экономической системы, развитие предпринимательства, усиление социальной поддержки семьи, материнства и детства, рост пенсий и пособий. Всё это отражает стремление государства к реальному воплощению принципов, закреплённых в Конституции.

В Конституции РТ зафиксированы ключевые элементы социального государства: охрана труда и здоровья граждан, установление гарантированного минимального уровня оплаты труда, поддержка социально уязвимых групп, развитие системы социальных служб и пенсий. Данные положения определяют основное направление социальной политики и формируют правовую основу для защиты экономических и культурных прав человека.

В этом контексте судебная защита является важнейшим инструментом реализации конституционных прав граждан, включая социально-экономические и культурные. В соответствии с Конституцией Республики Таджикистан, судебная власть осуществляется посредством конституционного, уголовного, гражданского и административного судопроизводства. При этом Конституционный Суд занимает особое место, выполняя функцию проверки конституционности нормативных актов, затрагивающих права и свободы граждан.

Согласно Конституционному закону «О Конституционном Суде Республики Таджикистан», гражданин, считающий, что его конституционные права нарушены законом, применённым или подлежащим применению в конкретном деле, вправе обратиться в Конституционный Суд. Если закон признан неконституционным, он утрачивает силу, что обеспечивает не только

[65] Колюшин Е.И. Конституционное (государственное) право России. – М., 1999. – С. 172.
[66] Там же – С.172.

восстановление нарушенного права конкретного заявителя, но и защиту неопределённого круга лиц.

С момента своего образования Конституционный Суд Республики Таджикистан сыграл значительную роль в укреплении гарантий судебной защиты социально-экономических прав. Одним из первых и принципиальных решений стало постановление от 23 мая 1996 года по делу о проверке конституционности статьи 226 Кодекса законов о труде РТ. Суд признал, что положение, лишавшее отдельных категорий работников (в частности, прокурорских сотрудников) права обжаловать решения об увольнении или переводе, противоречит статье 19 Конституции РТ, гарантирующей право на справедливое судебное разбирательство. Данное решение закрепило принцип равенства в трудовых отношениях и способствовало реформированию трудового законодательства[67].

Значимым является и решение Конституционного суда по обращению гражданина Тураева М.М., касающееся соответствия правил аттестации и регистрации патентных представителей Конституции РТ. Суд признал, что нормы, ограничивающие возможность свободной профессиональной деятельности и предпринимательства, нарушают конституционные гарантии права на труд и свободу выбора рода занятий. Это решение укрепило приоритет конституционных принципов над подзаконными актами и подтвердило, что деятельность органов нормотворчества должна основываться на верховенстве Конституции и международных стандартов прав человека[68].

Отдельного внимания заслуживает постановление Конституционного суда по жалобе граждан Хурамовой З.Н. и Хасанова Ч.К., которые оспорили положения Закона «О страховых и государственных пенсиях» (№ 595 от 12.01.2010) и приказа Агентства социального страхования № 6 от 30.01.2017, ограничивавших возможность назначения льготных пенсий. Суд признал, что переход на новую пенсионную модель не нарушает гарантии социального обеспечения, однако ведомственный приказ не может приостанавливать действие закона, что противоречит принципу верховенства права. Конституционный Суд обязал соответствующие органы устранить выявленные пробелы и привести подзаконные акты в соответствие с Конституцией и Законом «О нормативных правовых актах»[69].

Таким образом, судебная защита социально-экономических и культурных прав посредством конституционного судопроизводства направлена на предотвращение неправомерного ограничения прав и повышение качества

[67] Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014.
[68] Там же.
[69] Там же.

подзаконного регулирования. Роль Конституционного суда Республики Таджикистан в защите социально-экономических и культурных прав человека является ключевой составляющей механизма реализации принципов социального государства. Конституционный Суд не только обеспечивает верховенство Конституции, но и формирует практику, направленную на укрепление правовых гарантий труда, предпринимательства, социальной защиты и достойного уровня жизни граждан. Его деятельность способствует выработке единых стандартов правового регулирования и реализации международных обязательств Таджикистана в сфере прав человека.

В совокупности эти аспекты свидетельствуют о возрастающем значении конституционного контроля как инструмента защиты прав и свобод человека, обеспечивающего баланс между публичными интересами государства и индивидуальными правами личности.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Авакьян, С.А. Конституционное право России [Текст] / С.А. Авакьян. Т.1. – М., 2010. – 719 с.

2. Колюшин, Е.И. Конституционное (государственное) право России [Текст] / Е.И. Колюшин. – М., 1999. – 381 с.

3. Конституционные права и свободы человека и гражданина в Российской Федерации [Текст]. – Москва, 2015. – 186 с.

4. Малеин, Н.С. О социальной защищенности личности в правовом государстве [Текст] / Н.С. Малеин // Сов. гос. право. – 1990. – №6. – С. 16-23.

5. Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан [Текст]. – Душанбе, 2014. – 124 с.

НАҚШИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Суди конститутсионӣ; ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ҳуқуқҳои фарҳангӣ; Ҷумҳурии Тоҷикистон; давлати иҷтимоӣ; ҳуқуқ ба меҳнат; ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ; ҳимояи судӣ; мурофиаи конститутсионӣ; волоияти Конститутсия.

Аннотатсия: Мақола ба нақши Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии инсон бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ин гурӯҳи ҳуқуқҳо қисми муҳими мақоми конститутсионии шахс буда, пояи асосии давлати ҳуқуқбунёду иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Дар мақола меъёрҳои конститутсионӣ, ки хусусияти иҷтимоии давлати тоҷиконро муайян

менамоянд, таҳлил шуда, таҷрибаи судии Суди конститутсионӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ ва соҳибкорӣ баррасӣ мегардад. Ба қарорҳои муҳими суд, ки ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини волоияти Конститутсия мусоидат менамоянд, таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Хулоса бар он аст, ки мурофиаи конститутсионӣ воситаи самарабахши ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва кафолати адолати иҷтимоӣ мебошад.

Динаршоҳ Азиз Мусо – Муовини якуми директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, д.и.ҳ., профессор. **Тел.:** (+992) 907-89-02-07.

THE ROLE OF THE CONSTITUTIONAL COURT IN PROTECTING SOCIAL, ECONOMIC AND CULTURAL HUMAN RIGHTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: Constitutional Court; social and economic rights; cultural rights; Republic of Tajikistan; social state; right to work; right to social protection; judicial protection; constitutional adjudication; supremacy of the Constitution.

Annotation: The article examines the role of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan in protecting social, economic, and cultural rights of individuals. These rights are identified as a fundamental part of the constitutional status of the person and as a cornerstone of the modern legal and social state. The author analyzes the constitutional provisions defining the social nature of the Tajik state, as well as the Constitutional Court's practice aimed at strengthening guarantees of the right to work, social protection, and entrepreneurial freedom. Special attention is given to landmark decisions of the Constitutional Court that contributed to the improvement of legislation and reinforcement of constitutional supremacy. It is concluded that constitutional adjudication serves as an effective mechanism for the protection of human rights and the realization of social justice.

Dinorshoh Aziz Muso – First Deputy Executive Director of the Branch of the Lomonosov Moscow State University in Dushanbe, Doctor of Law, Professor. **Phone:** (+992) 907-89-02-07.

СУЛТОНЗОДА Абдураҳим Абдукарим,
Прокурори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои граждани, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

РАҶАБИЁН Баҳодур Олмаҳмад,
Прокурори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТДУ: 347

КОНСТИТУТСИЯ ВА РУШДИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Конститутсия; прокурор; ҳуқуқи инсон; қонуният; назорати прокурорӣ; мурофиаи ҷиноятӣ; таъқиботи ҷиноятӣ; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Аннотатсия: Амалияи ҷаҳонии таъсис ва фаъолияти мақомоти прокуратура дар кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки фаъолияти прокуратура ҳамеша ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд робитаи зич ва устувор дорад. Мақолаи зерин ба ташаккул ва фаъолияти ниҳоди прокуратура дар заминаи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст.

Истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии низоми давлатдорӣ зарурияти мустаҳкам намудани реҷаи қонуниятро дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат рӯйи кор оварда. Ба ин маънӣ дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005[70] ба имзо расидааст, ба мавриди зикр мешавад, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

[70] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

Гузашта аз ин, ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 26 декабри соли 2018[71] пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад. Аз ин рӯ, даъват ба амал оварданд, ки тамоми кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, агентиҳои назорати маводи нашъаовар, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, суботу оромии ҷомеа, пешгирӣ ва саривақт ошкор кардани ҷиноятҳо, муайян ва бартарафсозии сабабу омилҳои содиршавии онҳо чораҳои ҷиддӣ андешанд.

Бинобар ин, ба хотири таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун ва таҳкими қонуният дар давлат сохторҳои алоҳидае таъсис дода мешаванд, ки фаъолияти онҳо бевосита ба ҳалли масъалаи мазкур нигаронида мешаванд. Таъиноти конститутсионии мақомоти прокуратура мувофиқи муқаррароти моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[72] назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон муқаррар шудааст.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон[73] Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад. Дар қисми 2-и моддаи мазкур зикр мешавад, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дигар вазифаҳоеро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд. Пас чунин хулоса кардан ба маврид аст, ки прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин метавонад ба истиснои функсияи назорати прокурорӣ, инчунин дигар функсия ва вазифаҳоеро, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, анҷом диҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва фаъолияти мақомоти прокуратура дар кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки фаъолияти прокуратура ҳамеша ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд робитаи зич ва устувор дорад. Чунин алоқамандӣ аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад.

---

[71] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[72] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 нояббри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[73] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

Ба он, пеш аз ҳама дохил мешаванд низом ва режими сиёсии давлат, дараҷаи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, махсусиятҳои миллӣ, сатҳи инкишофи падидаҳои ҳуқуқӣ, менталитеи мардум ва ғайра. Ин омилҳои умумииҷтимоӣ дар умум зарурияти рисолати прокурорро дар дар ҷомеа муайян кардааст.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Дар натиҷаи амалишавии ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф шудани мурофиаи ҷиноятӣ ва ба ҳайси принсипҳои калидии мурофиаи ҷиноятӣ пазируфта шудани баҳсу мунозира ва баробарии тарафҳо, эҳтимолияти бегуноҳӣ асосҳои бунёдии мурофиаи ҷиноятӣ куллан тағйир ёфтанд.

Ба вуқӯъ пайвастани тағйироти куллӣ дар низоми давлатдорӣ ва рӯй овардани он ба сӯйи бунёди ҷомеаи адолатпарвару демократӣ, таҳия ва қабули қонунҳои нави ҷавобгӯй ба талаботи давр ногузир ба ивазшавии арзишҳои илмӣ ва бо мазмуни замони муосир коркард шудани онҳо низ оварда расонид. Ин амалҳо дар маҷмуъ боис гардиданд, ки мавқеи мурофиавии прокурор дар дар ҷомеа такмил дода шавад.

Зимнан бояд таъкид намуд, ки масъалаи таъмини қонуният, баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгирӣ аз таъқиботи беасос дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз самтҳои асосии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд маҳсуб ёфта ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти мақомоти прокуратура қарор дорад.

Мақомоти прокуратура яке аз сохторҳои муҳими низоми давлатдорӣ ба шумор рафта, вазифаи асосии онҳо аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии мамлакат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат аст.

Мақомоти прокуратура дар солҳои Истиқлоли давлатӣ чун дигар сохторҳои давлатӣ таҳаввулоти зиёдро аз сар гузаронида, дар ҷомеа ҳамчун ниҳоди мустақил ва ҷавобгӯ ба принсипҳои демократии давлатдорӣ ҷойгоҳи шоиста касб намуд.

Дар ин давра барои фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура заминаҳои устувори ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ташаккул ёфта, ваколату салоҳияти назоратию мурофиавии он дақиқ муайян шуданд. Самтҳои асосии фаъолияти прокуратура бо назардошти манфиатҳои миллӣ, ҳифзи арзишҳои истиқлолият, вазъи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат мушаххас

гардиданд. Заминаҳои рушд ва таҳкими фаъолияти мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди мустақили давлатӣ ба таърихи давлатдории навини тоҷикон, яъне ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ пайванди ногусастанӣ дорад.

Таърих ва роҳи тайкардаи мақомоти прокуратура дар даврони истиқлолият бозгӯи он аст, ки таҳкиму тавсеаи фаъолияти ин сохтор таҳти ҳидояту дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконпазир гардида, мавқеи он дар низоми ҳуқуқии мамлакат боло рафт.

Баъди баргузории Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олӣ дар заминаи барқарорсозӣ ва таҳкими сохторҳои давлатӣ 29 январи соли 1994 бо Қарори Раёсати Шурои Олӣ сохтори мақомоти прокуратура дар ҳайати роҳбарият, 13 раёсату шуъбаи дастгоҳи марказӣ, 3 прокуратураи вилоятӣ, 15 прокуратураи шаҳрӣ ва 53 прокуратураи ноҳиявию махсусгардонида бо шумораи умумии 630 корманд тасдиқ шуд.

Худи ҳамон сол бо мақсади баланд бардоштани омодагии касбии кормандони мақомот бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даврҳои такмили ихтисос ва баъдан Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомот таъсис ёфта, моҳи августи соли 2015 он ба Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисос табдил дода шуд.

Зимнан, такмили сохтори прокуратура пайваста идома ёфта, якчанд раёсату шуъбаҳо, инчунин 20 прокуратураи нав дар шаҳру навоҳии мамлакат таъсис ёфтанд, ки ин раванд иқтидори кории мақомотро пурра намуд[74].

Дар ҷавоб ба дастгириҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ кормандони мақомоти прокуратура дар душвортарин лаҳзаҳои таърихи давлатдории муосир садоқати худро ба Ватан, арзишҳои миллӣ ва рисолати конститутсионии худ собит намудаанд.

Ҳоло дар ҳар саҳифаи таърихи истиқлолият нишоне аз талошҳои мақомоти прокуратура дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳу субот дар ҷомеа, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд сабт шудааст.

Бояд гуфт, ки барои хизматҳои арзанда дар таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва мубориза бо ҷиноятқорӣ аз соли 1993 то инҷониб теъдоди зиёди корманди мақомот ба рутбаи олии дараҷавӣ, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуданд.

[74] Сомонаи расмии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://prokuratura.tj/ (санаи мурочиат: 10.10.2025).

Ҳоло дар назди кормандони мақомоти прокуратура бо назардошти вазъи геополитикии ҷаҳон ва афзоиши таҳдиду хатарҳои нав, бахусус терроризму экстремизм, ки метавонанд ба амният ва манфиатҳои миллию давлатии мо низ таъсир гузоранд, масъулияти бештар меистад.

Зеро дар чунин вазъ оид ба ҳифзи волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷиноятқорӣ, муқовимат бо терроризму экстремизм, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон талошҳои бештар тақозо мешавад.

Бо мақсади тақвияти нақши мақомоти прокуратура дар мубориза бо хавфи афзояндаи терроризм ва экстремизм дар сохтори Дастгоҳи марказӣ - Раёсати муқовимат бо терроризм, экстремизм ва назорати иҷрои қонунҳо дар самти амнияти миллӣ, инчунин Шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикӣ созмон ёфт.

Ҷиҳати такмили назорат дар соҳаи иқтисодиёт ва буҷет - Раёсати алоҳида оид ба назорати иҷрои қонунгузории нақлиёт ва гумрук низ таъсис дода шуд. Шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон бошад, ба Раёсат табдил дода шуд.

Дар ҳамин давра Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура ба Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура табдил дода шуд.

Сарвари давлат ҷиҳати таъминоти моддиву кадрӣ ва фароҳам овардани шароитҳои хизмативу маишӣ барои кормандони он пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд.

Агар рӯйдоди таърихӣ дар соли 2023 ин ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Прокуратураи генералӣ зимни кушода ва ба истифода додани бинои иловагии Дастгоҳи марказӣ бошад, пас соли сипаригардидаи 2024 бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, бинои нави Донишкадаи Прокуратураи генералӣ ва прокуратураи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид, ки он боиси хушнудӣ ва фараҳмандии кормандони мақомоти прокуратура гардид.

Мақомоти прокуратура фаъолияти худро ба замони муосир ва рушди босуръати технологияи иттилоотӣ мутобиқ намуда, барои беҳбуд бахшидан ба кори ҳаррӯза ҷиҳати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар саросари мамлакат тадбирҳои мушаххас андешидааст. Содагардонии расмиёти ҳуҷҷатнигорӣ, қабулу баррасии саривақтии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, санҷиши мавод ва пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҳамин қабил аст.

Барои кормандони мақомоти прокуратура барои пеш бурдани фаъолият шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Дар назди мақомоти прокуратура вазифа гузошта шудааст, ки тамоми фаъолиятро ба таъмини қонуният дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона намояд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ чор прокуратураи вилоятӣ, 77 прокуратураи шаҳрию ноҳиявӣ, Сарпрокуратураи ҳарбии Тоҷикистон, панҷ прокуратураи ҳарбӣ ва Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон ва сохторҳои он дар вилоятҳои Суғду Хатлон, се прокуратура оид ба назорати риояи иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ фаъолият менамоянд.

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар назди мақомоти прокуратура ҷиҳати таҳкими қонуният дар соҳаҳои муҳими ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон вазифагузорӣ карда шудааст[75].

Ҷиҳати иҷрои ин вазифаҳо аз ҷониби Прокуратураи генералӣ нақшаҳои дахлдор таҳия ва ба прокуророн дастрас карда шудааст.

Бо ҳисси баланди масъулият амалӣ намудани онҳо вазифаи хизматӣ ва қарзи маънавии ҳар кадоми мо дар назди халқу Ватан маҳсуб меёбад.

Кормандони мақомоти прокуратура доимо саъй менамоянд, ки сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукуматро дар амал татбиқ карда, уҳдадориҳои ба зиммаашон гузоштаро бо масъулияти баланд иҷро намоянд.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 нояббри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

3. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[75] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

5. Сомонаи расмии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://prokuratura.tj/ (санаи мурочиат: 10.10.2025).

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

КОНСТИТУЦИЯ И РАЗВИТИЕ ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституция; прокурор; права человека; законность; прокурорский надзор; уголовный процесс; охрана прав и свобод человека и гражданина.

Аннотация: Мировая практика создания и функционирования органов прокуратуры в различных странах, включая Республику Таджикистан, свидетельствует о том, что деятельность прокуратуры неизменно находится в тесной и устойчивой взаимосвязи с обеспечением прав и свобод человека и гражданина. Настоящая статья посвящена анализу процесса становления и деятельности института прокуратуры в контексте Конституции суверенного Таджикистана.

Султонзода Абдурахим Абдукарим – прокурор Управления по надзору за законностью судебных актов по гражданским, экономическим, семейным и административным делам Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан.

Раджабиен Баходур Олмахмад – прокурор Управления по надзору за законностью судебных актов по уголовным делам Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан.

THE CONSTITUTION AND THE DEVELOPMENT OF THE PROSECUTOR'S OFFICE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: The Constitution; prosecutor; human rights; legality; criminal process; prosecutor supervision; protection of human and civil rights and freedoms.

Annotation: Global practice in the establishment and functioning of prosecutorial bodies in various countries, including the Republic of Tajikistan, demonstrates that the activities of the прокуратура are consistently and closely linked to the protection of human and civil rights and freedoms. This article is devoted to the analysis of the formation and functioning of the institution of the прокуратура within the framework of the Constitution of sovereign Tajikistan.

Sultonzoda Abdurakhim Abdukarim – Prosecutor of the Office for Supervision of the Legality of Judicial Acts on Civil, Economic, Family and Administrative Matters of the Prosecutor General's Office of the Republic of Tajikistan.

Rajabyon Bahodur Olmakhmad – Prosecutor of the Office for Supervision of the Legality of Judicial Acts in Criminal Matters of the General Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan.

КАРИМЗОДА Умар Карим,
Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия

ТДУ: 342.4

НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ДАВЛАТИ МУСОИР

Калидвожаҳо: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; қонун; ҳуқуқ; давлат; қонунгузорӣ; истиқлол; эъломия.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур нақш ва вазифаҳои конститутсия дар замони муосир баррасӣ шудааст. Дар мақола вобаста ба, мавқеъ ва нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории кишвар ва таҳкими сиёсати ҳуқуқии мамлакат назаррас буда, маҳз дар заминаи муқаррароти меъёрҳои заминавии он дурнамои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян ва муқаррар гардидааст. Инчунин, дар мақола, доир ба вазифаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ, ташкилӣ, муассисӣ ва мафкуравии конститутсия баррасӣ гардидааст.

Давлати муосирро бидуни Конститутсия тасаввур кардан душвор аст. Бо қатъият метавон гуфт, ки мавҷудияти Конститутсия ба ҷузъи ҷудонашавандаи давлати муосири ҳуқуқбунёд табдил ёфтааст, ки худро ҳамчун давлати тамаддунӣ муаррифӣ мекунад ва дар он сиёсати дохилӣ хусусияти иҷтимоӣ дошта, афзалияти ҳуқуқӣ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсият дода мешавад.

Тавре маълум аст тамоми механизми қонунгузории мамлакат аз Конститутсия сарчашма мегирад. Вобаста ба ин, мавқеъ ва нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории кишвар ва таҳкими сиёсати ҳуқуқии мамлакат назаррас буда, маҳз дар заминаи муқаррароти меъёрҳои заминавии он дурнамои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян ва муқаррар гардидааст[76].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳое мавҷуданд, ки давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамоянд. Онҳо ҳокимиятдории халқ, сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани он ва аз номи ӯ ба амал баровардани ҳокимияти давлати муайян мекунанд. Меъёрҳои конститутсионӣ тақсимнашаванда ва дахлнопазир будани марзи давлатии Тоҷикистонро эълон намуда, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии онро кафолат

[76] Каримзода У.К. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №1 (61). – С. 30-35.

медиҳанд. Дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ ташкил ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистонро муқаррар намуда, ягон мафкураро ба ҳайси мафкураи давлатӣ муайян намекунанд. Инчунин ин гурӯҳи меъёрҳо мавқеи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян намуда, самтҳои асосии сиёсати берунаи онро нишон медиҳанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои зиёде ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар намуда, усулҳои ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, кафолатҳои ҳуқуқу озодии онҳоро муайян менамоянд. Аз ҷумла, дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон яке аз асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамин меъёрҳо яке аз заминаҳои муҳимми ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низом, усулҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти олӣ ва маҳалии намояндагиро муайян менамояд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ин меъёрҳо тартиби ташкилёбӣ ва фаъолият, салоҳият, санадҳои ҳуқуқӣ ва ҳамкории мақомоти намояндагиро бо якдигар, инчунин, низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили мақомоти намояндагӣ ба танзим меандозанд[77].

Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат, бо эътибори олии ҳуқуқии худ аз дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ фарқ карда мешавад. Ҳеҷ як санади меъёрии ҳуқуқии дигар бо эътибори ҳуқуқии худ ба он баробар шуда наметавонад. Зеро, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар дигар санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба назар намерасанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосӣ, сарчашмаи асосӣ ва олии ҳуқуқи конститутсионӣ эътироф шудааст. Ин мавқеъро чанд омил тасдиқ мекунад:

- Қувваи олии ҳуқуқӣ: Мутобиқи моддаи 10-и Конститутсия, «Конститутсияи Тоҷикистон дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз тарафи давлат қабул мегарданд, бояд ба Конститутсия мувофиқат намоянд»[78]. Ин маънои онро дорад, ки ҳеҷ як қонун ё санади дигари ҳуқуқӣ наметавонад хилофи меъёрҳои Конститутсия бошад. Дар ҳолати зиддият, меъёрҳои Конститутсия бартарӣ доранд.

- Асоси низоми ҳуқуқӣ: Конститутсия заминаи тамоми низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро фароҳам меорад. Он принсипҳои бунёдии сохтори давлатӣ,

[77] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 30.

[78] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Бо тағйиру иловаҳо, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016 ворид карда шудаанд (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 10.

тақсимоти ҳокимият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян мекунад. Ҳамаи қонунҳо ва санадҳои дигар дар асоси ин принсипҳо таҳия ва қабул мешаванд.

- Меъёри мустақими амалкунанда: Меъёрҳои Конститутсия дар ҳолатҳои зарурӣ метавонанд бевосита дар раванди баррасии парвандаҳо дар судҳо ва дигар мақомот истифода шаванд, агар дар қонунҳои дигар муқаррароти дахлдор мавҷуд набошанд ё хилофи Конститутсия бошанд[79].

Конститутсия дар давлати муосир нақши калидӣ бозида, якчанд вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад. Он қонуни асосӣ мебошад, ки сохтор ва принсипҳои идораи давлатро муайян карда, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро кафолат медиҳад. Вазифаи асосии он – заминае будан аст, ки дар болои он тамоми низоми ҳуқуқии давлат бунёд меёбад. Инчунин, конститутсия дар замони муосир як қатор вазифаҳои дигарро низ иҷро менамояд.

- Вазифаи ҳуқуқӣ: Конститутсия волоияти қонунро мустаҳкам намуда, сарчашмаи асосии ҳамаи қонунҳои дигар мебошад. Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби давлат қабулшуда бояд ба меъёрҳои он мувофиқ бошанд. Ҳамин тариқ, он ягонагӣ ва мувофиқати низоми ҳуқуқиро таъмин мекунад.

- Вазифаи сиёсӣ: Конститутсия шакли идораи давлат (масалан, ҷумҳурии президентӣ ё парламентӣ) ва сохтори маъмурии кишварро (давлати унитарӣ ё федеративӣ) муайян мекунад. Он инчунин низоми мақомоти давлатӣ, салоҳиятҳо ва тартиби ҳамкории онҳоро муқаррар намуда, тавозуни қудратро байни шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ таъмин менамояд.

- Вазифаи иҷтимоӣ: Конститутсия ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон, аз қабили ҳуқуқ ба меҳнат, таҳсил, ёрии тиббӣ ва таъминоти иҷтимоиро мустаҳкам менамояд. Ин давлатро ба давлати иҷтимоӣ равона мекунад, зеро он барои таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ барои шаҳрвандони худ ӯҳдадор мешавад.

- Вазифаи гуманитарӣ: Яке аз вазифаҳои асосии Конститутсия ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Он ҳуқуқҳои асосӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии сухан, озодии виҷдон ва дахлнопазирии шахсиятро эълон мекунад. Ин муқаррарот ҳамчун ҳимоя аз худсарии давлат хизмат намуда, кафолат медиҳад, ки инсон ва манфиатҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.

- Вазифаи муассисӣ: Вазифаи муассисии конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки он дар натиҷаи тағйирёбии ҳаёти ҷамъиятӣ қабул гардида, заминаи ҳуқуқӣ-сиёсии ҷомеаро муайян менамояд;

[79] Каримзода У.К. Хислатҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввул ва дурнамои рушди он» бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 02 ноябри с. 2024) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 155.

- Вазифаи ташкилӣ: Вазифаи ташкилии конститутсия дар он ифода мегардад, ки он дар назди давлат вазифаҳо мегузорад ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандиро ба танзим медарорад;

- Вазифаи мафкуравӣ: Мазифаи мафкуравии конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки конститутсия мафкураи сиёсиро ба сифати мафкураи ҳукмрон ё муайянкунанда муқаррар менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо сарчашмаи асосӣ, балки гарави устуворӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ мебошад. Он заминаи мустаҳкамро барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун ва рушди давлати ҳуқуқбунёд фароҳам меорад. Ҳар гуна тағйирот ба Конститутсия танҳо тавассути райъпурсии умумихалқӣ сурат мегирад, ки ин ҳам устурии онро таъмин мекунад ва ҳам иродаи халқро дар ташаккули қонуни асосӣ инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳимтарин дар таърихи навини миллати тоҷик мебошад. Он заминаи бунёди давлати мустақил, ҳуқуқбунёд ва демократиро гузошт. Риоя ва эҳтироми меъёрҳои Конститутсия барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифаи муҳим аст, зеро он гарави суботу амният, рушди давлат ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ҷомеаи муосир мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Бо тағйиру иловаҳо, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016 ворид карда шудаанд (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо / А. Имомов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 496 с.

3. Каримзода, У.К. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон [Матн] / У.К. Каримзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №1 (61). – С. 30-35.

4. Каримзода, У.К. Хислатҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.К. Каримзода // Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввул ва дурнамои рушди он» бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 02 ноябри с. 2024) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 155-121.

5. Раҳимзода, Р.Ҳ. Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2025. – 484 с.

РОЛЬ И ЗАДАЧИ КОНСТИТУЦИИ В СОВРЕМЕННОМ ГОСУДАРСТВЕ

Ключевые слова: Конституция Республики Таджикистан; закон; право; государство; законодательство; независимость; декларация.

Аннотация: В данной статье рассматриваются роль и функции конституции в современном государстве. Отмечается значимость места и роли Конституции Республики Таджикистан в развитии законодательства страны и укреплении правовой политики государства, и именно на основе её основных положений определены и установлены перспективы развития правового регулирования общественных отношений. Также в статье рассматриваются правовые, политические, социальные, гуманитарные, организационные, учредительные и идеологические функции конституции.

Каримзода Умар Карим – Заведующий кафедрой государственно-правовых дисциплин Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, полковник милиции.

THE ROLE AND OBJECTIVES OF THE CONSTITUTION IN A MODERN STATE

Keywords: Constitution of the Republic of Tajikistan; law; right; state; legislation; independence; declaration.

Annotation: This article examines the role and functions of the constitution in a modern state. The significance of the place and role of the Constitution of the Republic of Tajikistan in the development of the country's legislation and the strengthening of the state's legal policy is noted. It is precisely on the basis of its fundamental provisions that the prospects for the development of legal regulation of social relations have been determined and established. The article also discusses the legal, political, social, humanitarian, organizational, constituent, and ideological functions of the constitution.

Karimzoda Umar Karim – Head of the Department of State and Legal Disciplines of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Colonel of Militia.

ҶАМШЕДЗОДА Комрон Ҷамшед,
Мушовири калони муовини якуми раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 907-00-22-07.

ОДИНАЗОДА Изатулло Ҷанатулло,
Референти муовини якуми раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 929-13-44-61.

ТДУ: 342.4

МЕЪЁРҲОИ КОНСТИТУТСИЯ – САРЧАШМАИ БЕВОСИТАИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; низоми қонунгузорӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; сохтори идоракунии давлат; тамомияти арзӣ; моҳияти демократӣ; ҳуқуқбунёдӣ; дунявӣ ва иҷтимоии давлат.

Аннотатсия: Дар мақола масоили вобаста ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи бевоситаи низоми қонунгузорӣ дар устуворгардонии давлатдории миллӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҳамчунин, зикр мегардад, ки Конститутсия, ҳамчун қонуни асосии давлат, асосҳои ҳуқуқии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро муайян менамояд. Конститутсия чун санади ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, дар он масъалаҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, низоми фаъолияти қонунгузорӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мушаххас муайян карда мешаванд. Аз тарафи дигар, Конститутсия на танҳо сарчашмаи асосии соҳаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки манбаи муҳимми дигар соҳаҳои ҳуқуқи миллӣ, аз ҷумла ҳуқуқи маъмурӣ, ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Меъёрҳои дар он зикршуда ҳам бевосита ва ҳам тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд.

Конститутсия қонуни асосии давлат буда, меъёрҳои он асосҳои ҳуқуқии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро муайян месозад. Конститутсия чун санади ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, дар он масъалаҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон

ва шаҳрванд, низоми фаъолияти қонунгузорӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мушаххас муайян карда мешавад. Конститутсия санади олии ҳуқуқӣ мебошад ва ягон санади дигари ҳуқуқӣ наметавонад Конститутсияро тағйир диҳад ё бар хилофи меъёрҳои он қабул карда шавад[80]. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он аст, ки меъёрҳои конститутсия сарчашмаи асосии низоми қонунгузорӣ буда, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар аз онҳо маншаъ мегиранд. Масъалаи бартараф намудани мухолифат байни меъёрҳои конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз равандҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи З.М. Ализода «мухолифат миёни санадҳомеъёрии ҳуқуқӣ масъалаи нав набуда, он ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст»[81]. Аз ин рӯ, қонунеро сифатнок эътироф кардан мумкин аст, ки агар он ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро воқеан бо назардошти мақсаде, ки ҳангоми нашри он дар назар гузошта шуда буд, ба танзим дарорад.

Конститутсия ягона санади меъёрии ҳуқуқиест, ки сохтори идоракунии давлатро муайян менамояд. Сохтори идоракунии давлат бо роҳи муайян намудани механизм ва салоҳияти ҳокимият, муносибати мақомоти идоракунии марказӣ ва маҳаллӣ, принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ, муносибати давлат ба шаҳрванд, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон ва ҳуқуқу вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муайян менамояд.

Дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мафҳумҳои «инсон» ва «шаҳрванд» меъёрҳои мушаххас танзим гардидаанд. Масалан, мутобиқи моддаи 5 он «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд»[82]. Ҳамчунин, боби 2 Конститутсия ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки ба рушду инкишофи ҳар шаҳрванди кишвар мусоидат намуда, ба сиёсати ҳуқуқбунёдии давлат пурра созгор мебошад. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити

[80] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.2024 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[81] Алиев З.М. Мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба татбиқи қонунгузорӣ // Забон ва сифати қонун. – Душанбе, 2010. – С. 25-30.

[82] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 4.

зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем»[83]. Бо ин тасмими нақиб яке аз меъёрҳои асосии Конституцсия – таъмини ҳуқуқбунёдӣ амалӣ мегарад, ки тавасути он шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳуқуқ муқаррар карда мешавад.

Конституцсия яке аз санадҳои намоён дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ буда, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки асосҳои сохтори конституцсионии давлатро мустаҳкам менамояд. Дар зери маҳмуфи умумии асосҳои сохтори конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрии халқ ва давлат, таркиби марзию маъмурии Тоҷикистон, таркиби сохти ҷамъият ва усулҳои ташкили ҳаёти ҷамъият, асосҳои ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, усулҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти он, мавқеи низоми санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои эътирофшудаи байналмилалии Тоҷикистон ва асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон фаҳмида мешавад. Инчунин, конституцсия меъёрҳои ҳуқуқии худро дорад, ки аз дигар меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқ фарқ мекунад ва муносибатҳои ба ҳуқуқи конституцсионӣ алоқамандро муайян мекунад.

Агар ба конституцсияҳои замони муосир назар намоем, яке аз хусусиятҳои хоси онҳо дар он ифода мегардад, ки дар онҳо меъёри муайян оид ба шакли идоракунии давлат бахшида шудааст. Дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин хусусиятҳо танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд. Мутобиқи муқаррароти он «Шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд»[84]. Аз муҳтавои ин меъёр муайян мегардад, ки конституцсия шакли идоракунии давлатро муқаррар намудааст.

Конституцсия хусусияти хоси худро дорад, ки он аз эътибори олии ин санад ва ба танзим даровардани муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва давлатӣ шаҳодат медиҳад[85]. Чунки, Конституцсия ҳамчун қонуни асосии давлат ва ҷамъият, бо эътибори олии ҳуқуқии худ аз дигар қонунҳо фарқ мекунад. Ҳеҷ як санади меъёрии ҳуқуқии дигар бо эътибори ҳуқуқии худ ба он баробар шуда наметавонад. Зеро Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар дигар санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба назар намерасанд. Чунин хусусиятҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кардан мумкин аст:

[83] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 2008. [Манбаи электронӣ]. URL: https://sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 10.10.2025).

[84] Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 6.

[85] Ҷамшедзода К.Ҷ. Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: «Ирфон», 2025. – С. 125.

- меъёрҳои конститутсия сарчашмаи бевоситаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

- қонунҳои амалкунанда бояд бо талаботи меъёрҳои конститутсия мутобиқ бошанд, дар ҳолати номутобиқатӣ, меъёрҳои конститутсия амал мекунанд;

- санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд;

- санадҳои зерқонунии қабул ё тасдиқ намудаи субъектони ҳуқуқэҷодкунанда, бояд ба талаботи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ бошанд;

- конститутсия ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судиро муайян мекунад;

- меъёрҳои конститутсия бевосита амал мекунанд;

- дар конститутсия меъёри муайян оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсия муқаррар карда шудааст[86];

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дорои меъёрҳое мебошад, ки онҳо тағйирнопазиранд;

- асосҳои сохтори конститутсиониро мустаҳкам менамояд;

- соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Тоҷикистонро мустаҳкам мекунад;

- усулҳои таҷзияи ҳокимиятро муайян мекунад;

- волоияти конститутсияро ҳамчун қонуни асосии давлат мустаҳкам менамояд;

- мавҷудияти шакли гуногунии моликиятро иҷозат медиҳад;

- ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад;

- тартиби ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатиро муқаррар менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгари ирода ва манфиати халқи Тоҷикистон буда, дорои чунин хусусиятҳои ҳуқуқии ба худ хос мебошад:

- қувваи олии ҳуқуқӣ дорад;

- меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд;

- ҳамчун сарчашмаи асосии тамоми қонунгузорӣ баромад мекунад;

- тартиби махсуси таҳия ва қабул дорад;

- тамоми қонун ва санадҳои ҳуқуқӣ бояд дар асоси он ва дар мувофиқа ба он қабул карда шаванд;

- барои қабул ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он тартиби махсуси овоздиҳӣ пешбинӣ карда шудааст.

[86] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 5.

Мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои қонунгузорӣ метавонанд муқаддима дошта бошанд[87]. Аз ин лиҳоз, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади қонунгузорӣ дорои муқаддима буда, дар он ифода гардидааст, ки: «Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем». Дар асоси ин талабот меъёрҳои конститутсия таҳия гардида, ҷиҳати амалӣ сохтани ин ҳадафҳои сиёсӣ равона шудаанд.

Меъёрҳои Конститутсия хусусияти муҳимми таъсисдиҳӣ дошта, дар он шаклҳои идоракунии сиёсӣ ва сохтори давлатӣ, усулу заминаи нави ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ муқаррар карда мешаванд. Масалан, дар Конститутсияи Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон якумин бор давлати ягона ва иҷтимоӣ эълон гардидааст, усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд эълон карда шуда, дар дараҷаи муайян усули татбиқи он муқаррар карда шудааст. Конститутсия низоми мақомоти қонунгузор ва иҷроияро муқаррар карда, доираи салоҳияти онҳоро муайян намудааст. Тавре А.М. Диноршоҳ қайд намудаанд, баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, такмили механизми иҷрои онҳо, ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандон ҷавобгӯ будани меъёрҳои қонунҳои амалкунанда, дар навбати худ, ҳамкории доимӣ ва ҳамаҷонибаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро тақозо менамояд[88].

Инчунин, дар баробари хусусиятҳои номбурда, меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти таърихӣ, анъанавӣ ва миллӣ дошта, фарҳанги ҳуқуқии халқи тоҷикро бо тамоми назокати ҳуқуқиаш танзим намудааст. Бояд қайд кард, ки ҳар давлату миллат бо ҳамон роҳе рушд мекунад, ки дар қонуни асосии он заминаҳои ҳуқуқии озодии шаҳрвандон, муносибати давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҳуқуқҳои фитрии шаҳрвандон кафолат дода шуда бошанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакл ва хусусиятҳои ба худ хос дорад: шакли сохтори дохилии конститутсия ва шакли ташкилёбии мазмуни он. Ба андешаи А. Имомов шакли Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин қисмҳо иборат мебошад:

---

[87] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[88] Диноршоҳ А.М., Шеров Ш.З. Ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ (низоми намояндагӣ) // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1 (53). – С. 56-67.

- тартиби коркардабароии конститутсия;
- тартиби қабули он;
- тартиби тасдиқи он;
- таркиби дохилии он.

Ба қисмҳои шакли зоҳирии конститутсияро ташкилкунанда инҳо шомиланд:

- номи конститутсия;
- тартиби ба амал даромадани он;
- тартиби татбиқи он;
- тартиби аз нав дидани (тағйир додани) он;
- тартиби ҳифзи он[89].

Меъёрҳои конститутсия сарчашмаи асосии на фақат соҳаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дигар соҳаҳои ҳуқуқии ҷумҳурӣ: маъмурӣ, ҷиноӣ, маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра ба ҳисоб рафта, меъёрҳои он бевосита ва ё ба воситаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ татбиқ мегарданд. Меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ гуфта, он қоидаҳоеро меноманд, ки тавассути онҳо муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ танзим гардида, инчунин падидаҳои ҳуқуқи конститутсиониро мустаҳкам менамояд[90]. Тавре дар моддаи 10 Конститутсияи Тоҷикистон муқаррар гардидааст, «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд»[91]. Меъёри мазкур хусусияти муайянкунанда дошта, вазъи ҳуқуқии меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми қонунгузорӣ муайян менамояд.

Дар маҷмуъ меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз се қисм иборат мебошад.

- гипотеза;
- диспозитсия;
- санксия.

Конститутсия бошад, дорои ду меъёр мебошад, яъне гипотеза ва диспозитсия. Дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи қисми сеюми меъёр санксия дида намешавад.

Меъёрҳои конститутсия имконияти танзим намудани ҳамаи муносибатҳои соҳаи муҳимми ҳаёти давлат, сохтори ҷамъият ва вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро надоранд. Аз ин рӯ, меъёрҳои конститутсия муносибатҳои нисбатан устуворро дар бар мегиранд. Конститутсия ҳамчун

[89] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2017. – С. 65-78.
[90] Дар ҳамин ҷо. – С. 78.
[91] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 5.

қонуни асосӣ бояд мухтасаран муҳимтарин меъёрҳои заруриро дар бар гирад, ки барои иҷрои таъиноти иҷтимоии он заруранд. Дар Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо оид ба сохтори марзӣ - давлатӣ ва сохтори ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд муфассал танзим гардидаанд. Барои танзими пурраи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ амал менамоянд, ки бевосита танзимгари соҳаи дахлдори муносибатҳо ба ҳисоб мераванд. Бояд қайд кард, ки дар асоси талаботи меъёрҳои Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ягонаи низоми ҳуқуқӣ дар кишвар конституцсия эътироф гардидааст.

Меъёрҳои конституцсияро аз рӯи тарзи таъсиррасониашон ба субъектони ҳуқуқи конституцсионӣ ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

а) меъёрҳои ваколатдоркунанда;

б) меъёрҳои уҳдадоркунанда;

в) меъёрҳои манъкунанда.

Меъёрҳои ҳуқуқи конституцсионӣ сохтори конституцсионии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр мустаҳкам намуда, ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатиро муқаррар мекунанд. Дар асоси талаботи меъёрҳои он маҳз халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад[92].

Меъёрҳои Конституцсияи Тоҷикистон аз рӯйи хусусияти функсионалӣ ба қисматҳои зерин тасниф мешаванд: танзимкунанда ва ҳифзкунанда. Бештари меъёрҳои конституцсионӣ дар худ хислати танзимкуниро доранд. Ин меъёрҳо барои батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудаанд. Меъёрҳои ҳифзкунанда бошанд, дар бештари ҳолатҳо хислати манъкуниро доранд.

Меъёрҳои конституцсия аз рӯйи хусусияти танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: меъёрҳои моддӣ ва меъёрҳои мурофиавӣ. Меъёрҳои моддӣ муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро ба танзим медароранд. Меъёри мурофиавӣ тартиб, шакл ва амалӣ шудани меъёрҳои моддиро муқаррар мекунад.

Меъёрҳои санадҳои қонунгузориро аз рӯи муҳлати амалашон ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- меъёрҳои доимӣ
- меъёрҳои муваққатӣ.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши меъёрҳои конституцсия ба хулоса омадан мумкин аст, ки меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи бевоситаи низоми қонунгузориро ташкил менамоянд. Меъёрҳои

[92] Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 6.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти доимӣ дошта, муҳлати амали онҳоро маҳдуд кардан манъ аст. Яъне, меъёрҳои конститутсия барои як марҳилаи калони таърихӣ қабул мегарданд. Дар он истифодаи амали меъёри муваққатӣ манъ аст. Меъёрҳои муваққатӣ бештар ҳолатҳо дар қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ муқаррар карда мешаванд.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. –Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 2008 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://sadoimardum.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

4. Алиев, З.М. Мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба татбиқи қонунгузорӣ [Матн] / З.М. Алиев // Забон ва сифати қонун. – Душанбе, 2010. – С. 25-30.

5. Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: китоби дарсӣ / А. Имомов. – Душанбе, 2017. – 670 с.

6. Диноршоҳ, А.М., Шеров, Ш.З. Ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ (низоми намояндагӣ) [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.З. Шеров // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1 (53). – С. 56-67.

7. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [Матн]: монография / К.Ҷ. Ҷамшедзода. – Душанбе: Ирфон, 2025. – 238 с.

КОНСТИТУЦИОННЫЕ НОРМЫ - НЕПОСРЕДСТВЕННЫЙ ИСТОЧНИК ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституция Республики Таджикистан; законодательная система; нормативные правовые акты; международно-правовые акты; структура государственного управления; территориальная целостность; демократический; правовой; светский и социальный характер государства.

Аннотация: В статье рассматриваются вопросы, связанные с нормами Конституции Республики Таджикистан как основополагающего источника правовой системы, направленной на укрепление национальной государственности.

Также отмечается, что Конституция как основной закон государства определяет правовые основы политической, экономической, социальной и культурной жизни общества. Конституция, будучи юридическим документом, обладает высшей юридической силой и в ней конкретно определяются вопросы основ конституционного строя, свободы, основных обязанностей человека и гражданина, системы законодательной деятельности, порядка организации и функционирования органов государственной власти. С другой стороны, Конституция является не только основным источником конституционного права Республики Таджикистан, но и важным источником для других отраслей национального права, включая административное, уголовное, гражданское, семейное, трудовое право и другие. Нормы, содержащиеся в ней, применяются как непосредственно, так и посредством отраслевых нормативных правовых актов.

Джамшедзода Комрон Джамшед – старший советник первого заместителя председателя Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. **Тел.:** (+992) 907-00-22-07.

Одиназода Изатулло Джанатулло – референт первого заместителя председателя Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. **Тел.:** (+992) 929-13-44-61.

CONSTITUTIONAL PROVISIONS AS THE DIRECT SOURCE OF THE LEGISLATIVE SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: The Constitution of the Republic of Tajikistan; the legislative system; normative legal acts; international legal acts; the structure of public administration; territorial integrity; the democratic; legal; secular; and social nature of the state.

Annotation: This article addresses issues related to the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan as a fundamental source of the legal system, which is directed towards the strengthening of national statehood.

It is also noted that the Constitution, as the fundamental law of the state, defines the legal foundations of the political, economic, social, and cultural life of society. As a legal document, the Constitution holds the highest legal authority and specifically defines the fundamental issues of the constitutional system, freedoms, main duties of individuals and citizens, the system of legislative activity, and the order of organization and functioning of state authorities. On the other hand, the

Constitution is not only the primary source of constitutional law of the Republic of Tajikistan but also an important source for other branches of national law, including administrative, criminal, civil, family, labor law, and others. The norms contained therein are applied both directly and through sectoral normative legal acts.

Jamshedzoda Komron Jamshed – Senior Advisor to the First Deputy Chairman of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 907-00-22-07.

Odinazoda Izatullo Janatullo – Assistant to the First Deputy Chairman of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 929-13-44-61.

АБДАЛИЕВ Аброрҷон Абдуқаҳорович,
муовини сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТДУ: 342.7

ҶАНБАҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Амнияти миллӣ; тавозуни манфиатҳо; механизм; субъекти амнияти миллӣ; объекти амнияти миллӣ; предмети амният; усули таъмини амният; шахс; ҷомеа; давлат.

Аннотатсия: Дар мақола механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ баррасӣ гардида, моҳияти унсурҳои системаи амнияти миллӣ: субъектҳо, объектҳо, предмет, усул ва самтҳои таъмини амнияти миллӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки механизми таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба арзишҳои конститутсионӣ такя кунад. Мустаҳкамкунии ҳуқуқии он бояд ҳатман ба аҳаммияти хоси инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, сулҳу ваҳдати миллӣ, якпорчагии кишвар ва таносуби манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат мутобиқат намояд.

Дар шароити афзояндаи ҷаҳонишавӣ таъмини амнияти миллӣ ҳамчун авлавияти асосии рушди аксари кишварҳои ҷаҳони муосир эътироф шудааст. Баамалбарории чунин вазифаи мураккаб дар фаъолияти тамоми механизми давлат, аз ҷумла дар санадҳои сиёсӣ-ҳокимиятии дастгоҳи давлатӣ зоҳир мегардад. Аз ин лиҳоз, комилан равшан аст, ки дарки илмии асосҳои назариявии амнияти миллӣ ва ифодаи амалии он бо сиёсат, ҳамчун «санъати давлатдорӣ», низоми сиёсӣ ва аз ин рӯ, бо илм ва соҳаи мураккаби ҳуқуқи конститутсионӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳамин тариқ, заминаи илмию ҳуқуқии онро ҳангоми таҳқиқи механизми вазъи таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ метавон асос гирифт.

Ин равиш аз он иборат аст, ки пеш аз ҳама, маҳз ба ташаккули чунин механизм солҳои зиёд талошҳои кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти иллӣ нигаронида шудаанд. Маҳз ҳамин категорияи илмӣ-ҳуқуқӣ аз рӯйи маънои этимологии худ қодир аст, ки низоми амнияти миллиро бо тамоми зуҳуроташ тавсиф кунад. Мазмуни унсурҳое, ки ба ин механизм дохил мешаванд, ҳатман ба муносибатҳои ҳуқуқии давлатӣ-ҳокимиятӣ таъсир расонида, дар санадҳои ҳуқуқии дорои хусусияти

конститутсионӣ дошта, инъикос меёбанд. Худи ин унсурҳо, бо ин ё он тарз бо инсон, ҷомеа ва давлат алоқаманд мебошанд, ки асоси танзими конститутсионӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Рушди муосири муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ аз зарурати баназаргирии манфиатҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти давлатӣ, эҳтироми афзалияти ҳуқуқу озодиҳои ӯ, афзоиш ва инкишоф додани фаъолияти ҷамъиятии шахс, иттиҳодияҳои онҳо ва иттиҳоди соҳибихтиёрии тамоми миллат, асос ёфтааст. Моҳияти демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ва баамалбарории бемонеаи механизми татбиқи иродаи озоди субъектҳои ин муносибатҳоро, ки ба баробарии онҳо асос ёфтааст, тақозо мекунад. Дар натиҷа, низоми амнияти миллӣ ташаккул дода шуда, вазифаи фароҳам овардани шароити мусоидро барои баамалбарории бемонеаи манфиатҳои онҳо, иҷро менамояд. Хусусияти унсурҳои алоҳидаи ин низом, ҳам дар илми ҳуқуқ ва ҳам дар амалияи танзими ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Дар ин сурат, принсипҳои таъмини амният ҳамчун принсипҳои асосӣ ва роҳбарикунандаи фаъолияти тамоми низом, афзалияти бечунучаро пайдо мекунанд.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба ин низом дохил мешаванд, бо меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ рақобат мекунанд. Ниҳоят, ҳангоми муайян кардани принсипҳо ва самтҳои таъмини амнияти чунин субъектҳои муҳимми муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ арзишҳое, ки дар ҷомеа қабул гардида, ҳамчун асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, бояд ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тариқ, тавсифи унсурҳои механизми таъмини амнияти миллӣ ва алоқамандии онҳо бо принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёди демократӣ, аҳаммияти муайяни тадқиқотӣ пайдо мекунад.

Дар мавриди худи унсурҳо бошад, онҳо дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ расман эътироф гардидаанд, ки мафҳумҳои асосиро дар бунёд ва рушди низоми мавриди баррасӣ қарордодашуда, ифода мекунанд. Таҳлили унсурҳо имкон медиҳад, ки оид ба бунёди механизми ба худ хоси таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси зарурати ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва унсурҳои хоси дорои ин намуди фаъолият, сухан ронем. Унсурҳои асосӣ инҳоянд: субъектҳои таъмини амният; объектҳо ва предмети амният; усулҳо ва самтҳои таъмини амнияти миллӣ.

Субъектҳои механизми баррасишаванда қувваҳои таъминкунандаи амният мебошанд, ки ба онҳо Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо, воҳидҳои ҳарбӣ ва мақомоте, ки дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла, мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми таркибии системаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии

Тоҷикистон буда, дар доираи ваколатҳои ба онҳо додашуда амнияти шахс, ҷамъият ва давлатро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин менамоянд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин мақомоти давлатие, ки дар таъмини амнияти миллӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат меварзанд, дохил мешаванд. Таҳлили доираи субъектҳои таъминкунандаи амният нишон медиҳад, ки якум, онҳо танҳо ба таъмини амнияти давлат нигаронида шудаанд, дуюм, таъмини амният танҳо бо як қисми дастгоҳи давлатӣ маҳдуд карда шудааст, сеюм, дар қонунгузории амалкунанда нокифоя муайян шудани иштироки мақомоти алоҳида дар таъмини амнияти миллӣ[93]. Илова бар ин, дар мазмуни ин унсур имконияти истифодаи неруи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воқеан худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмини амнияти миллӣ, бояд қайд намуд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 9 июни соли 2011, таҳти №159 ҳамчун яке аз принсипҳо масъулияти мутақобилаи инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлатро оид ба таъмини амният муқаррар намудааст[94]. Ҳамин тариқ, ҳуҷҷати асосӣ дар ин самт ба рушди ҳамкории созанда байни қувваҳои таъминкунандаи амният бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд равона шудааст. Аммо бояд қайд намуд, ки ба ин субъектҳо ягон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххас дода нашудааст.

Ба таври возеҳ се категорияи иҷтимоӣ-ҳуқуқиро метавон ҳамчун объекти амният баррасӣ кард - шахс, ҷомеа ва давлат. Предмети механизми таъмини амнияти миллиро ҷузъҳои зерин муайян мекунанд: ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодиҳо, сатҳ ва сифати сазовори зиндагии шаҳрвандон, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудофиа ва амнияти давлат. Ҳамаи ин арзишҳо, мантиқан ва пайваста ба мафҳуми амнияти миллӣ алоқамандӣ доранд. Дар аввал чунин ба назар мерасад, ки маҳз ҳамин арзишҳое мебошанд, ки дар дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва зарурати таъмини амнияти онҳо дар сафи пеши механизми баррасишаванда қарор гирифтааст.

Дар фаҳмиши муосир амнияти миллӣ, чуноне ки О.Г. Карпович қайд мекунад, аз хусусиятҳои умумии амнияти ҳар як объекти интихобшуда иборат аст[95]. Хуб мешуд, ки агар дар таҷриба ҳолатҳое ба вуҷуд намеомаданд, ки зарурати таъмини амнияти манфиатҳои як субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ

[93] Гунич С.В. Конституционно-правовые аспекты определения сил обеспечения национальной безопасности Российской Федерации // Конституционное и муниципальное право. – 2013. – №6. – С. 15-17.

[94] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 9 июни соли 2011, №159 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[95] Карпович О.Г. Политика обеспечения национальной безопасности государства // Конституционное и муниципальное право. – 2012. – №2. – С. 24.

(масалан, шахс ё давлат) нисбат ба манфиату амнияти субъекти дигар (ҷомеа ё шаҳрванд) авлотар дониста шаванд. Равшан аст, ки дар ин маврид метавонад бархӯрди манфиатҳои субъектҳои болозикр вуҷуд дошта бошад, ки зарурати ба назар гирифтани тавозуни он дар қонунгузорӣ мушоҳида нашудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намуда, самтҳои афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ муайян мекунад. Ин санади асосии давлат ба ҳеҷ ваҷҳ онҳоро дахлнопазир намешуморад. Дар акси ҳол, ин метавонад боиси сӯйистифода аз қонун гардад ва чуноне ки Л.А. Шарнина дуруст қайд кардааст, амали табиатан ғайриқонунӣ, вале расман ҳуқуқӣ мебошад[96]. Ба гумон аст, ки ин ҳолат ба ғояи давлати ҳуқуқбунёд мувофиқат кунад. Масалан, Б.Н. Чичерин қайд кардааст, ки «озодиро ҳуқуқи дахлнопазир шумурдан мумкин нест, зеро қонун ҳамеша ба он дахолат мекунад, онро ба номи озодӣ ва манфиати ҷамъиятии шахси дигар маҳдуд месозад ва довари ин маҳдудиятҳо танҳо худи қонун буда метавонад, на шахси ба он тобеъ... Ҳамин тавр, ягон ҳуқуқи инсоние вуҷуд надорад, ки дахлнопазир бошад»[97]. Ин гуфтаҳо аҳамияти худро дар ҳуқуқтатбиққунии муосир гум накардааст. Дар робита ба ин, олимони муосир ва арбобони баландпояи давлатӣ зарурати таносуби ниҳодҳои фавқулмиллӣ ва миллӣ-сиёсӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраро қайд мекунанд[98]. Рушди онҳо, албатта, бояд дар таносуби манфиатҳои субъектҳое, ки воқеан ваҳдати миллӣ, сарвати миллӣ-инсон ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлатро ташкил медиҳанд, асос ёбад.

Ба сифати предмет бояд механизми таъмини амнияти миллии манфиатҳои объектҳои болозикр баромад кунанд, ки арзишҳои ҳамдигарро паст назананд ва ба моҳияти онҳо дахолат накунанд. Фаъолияти субъектҳои ин механизм ва дар ҳолати муҳофиза нигоҳ доштани онҳо бояд дар асоси риояи принсипҳои мувозинати манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат бунёд карда шавад. Мутаассифона, дар қонунгузории муосир чунин принсипи таъмини амният вуҷуд надорад. Аммо маълум аст, ки дар натиҷаи фаъолияти муҳофизатӣ ба хотири як объект, бидуни ба назар гирифтани зарурати таъмини иҷроиши иродаи ташаккулёфтаи объекти дигар, ба кадом зиёдаравиҳо роҳ дода мешавад. Маҳз маҷмуи манфиатҳои баробари шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаҳои гуногун, бояд асоси муайянкунандаи манфиатҳои миллии давлат бошад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар муназзамии ин фаҳмиш фарқ намегузоранд.

[96] Шарнина Л.А. Злоупотребление конституционными правами и злоупотребление полномочиями: общее и особенное // Конституционное и муниципальное право. – 2012. – №12. – С. 10.
[97] Чичерин Б.Н. Психологическая теория права // Вопросы философии и психологии. Кн. 55. – М., 1900. – С. 377.
[98] Зорькин В.Д. Предел уступчивости // URL://www. rg.ru/2010/10/29/zorkin.html (дата обращения: 20.03.2025 г.).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ҳамчун манфиатҳои миллӣ маҷмуи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад[99], муайян кардааст. Дар робита ба ин, метавон хулоса кард, ки фаъолияти тамоми механизми таъмини амнияти миллӣ танҳо ба ҳимояи ниёзҳои давлат маҳдуд мешавад. Инкор кардани он, ки системаи амнияти миллӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ нигаронида шудааст, душвор аст. Маҳз ҳифзи манфиатҳои миллӣ бояд дар сафи пеши тамоми фаъолияти ҳуқуқии инсон қарор гирад.

Ҳамин тавр, давлат аз кӯшишҳои муқаррар, танзим ва ҳифзи мувозинати манфиатҳои объектҳои баррасишаванда даст кашида, ҳамчун субъекти вазифадор барои таъмини он, роҳи ҳамворкуниро пеш мегирад ва ба иродаи худ онҳоро вобаста мекунад. Воқеан, аслан давлат шояд ин ниёзро эҳсос накунад. Аммо, ин далели он нест, ки манфиатҳои миллӣ якбора мавҷудияти худро аз даст медиҳанд, зеро эҳтиёҷоти ҳадди ақал шахс, ҷомеа ва давлат дар доираи ҳамкорӣ ва таъмини фаъолияти ҳаётӣ ва ниҳоят дар арзишҳои конститутсионӣ боқӣ мемонад.

Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба меъёрҳои амалкунанда категорияи васеи ҳуқуқӣ буда, ҳатман ишораи уҳдадории ҳифзи тавозуни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро дар бар мегирад. Маҳз вайрон кардани ин мувозинатро метавон ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», инчунин афзалиятҳои асосии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди устувори онро муқаррар намудааст. Ба ғайр аз ин, принсипҳои асосӣ, самтҳои афзалиятнок, мақсад ва вазифаҳои татбиқи ин афзалиятҳои миллии стратегӣ, бо як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии дигари дорои хусусияти стратегидошта танзим карда мешаванд. Ҳамин тариқ, банақшагирии фаъолият оид ба таъмини мудофиаи миллӣ, ҳамчун афзалияти асосии амнияти миллӣ дар асоси муқаррароти Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон[100], Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон[101] асос ёфтааст.

---

[99] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 9 июни соли 2011, №159 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[100] Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.10.2025, №103 тасдиқ шудааст // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[101] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

Ҳуҷҷатҳои расмии зикргардида, ҳамчун асоси ҳуқуқии банақшагирии стратегии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият, ҳатман ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ишора намоянд. Ҳамаи ин, аз ҳамроҳ шудани низоми ҳуқуқии ватанӣ ба механизмҳои байналмилалии таъмини амният ва дахлнопазирии манфиатҳои объектҳои ҳифзшаванда, шаҳодат медиҳад. Боиси хушнудист, ки санади дохилии дорои хусусияти конститутсионӣ дар зинаи ин меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Ин ҳолат, бешубҳа, дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Чунин ҳамроҳшавӣ метавонад ба арзишҳои конститутсионӣ мавқеи бартарӣ диҳад. Дар акси ҳол, ин худ қодир аст, ки ҳукмронии манфиатҳои кишварҳои абарқудратро амалӣ созад ва ба амнияти миллии давлатҳои мустақил хатар эҷод кунад.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки фаъолияти механизми таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба арзишҳои конститутсионӣ асос ёбад ва мақсад аз он таъмини мувозинати манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар ягонагии ногусастании онҳо бошад. Ҳангоми таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат имкониятҳои тамоми ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳоро ҷалб кардан зарур аст. Асоси бунёди механизми тавсифшуда, албатта, бояд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

АДАБИЁТ:

1. Гунич, С.В. Конституционно-правовые аспекты определения сил обеспечения национальной безопасности Российской Федерации [Текст] / С.В. Гунич // Конституционное и муниципальное право. – 2013. – №6. – С. 15-17.

2. Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 03.10.2025, №103 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

3. Зорькин, В.Д. Предел уступчивости [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL:www.rg.ru/2010/ 10/29/zorkin.html (дата обращения: 20.03.2025 г.).

4. Карпович, О.Г. Политика обеспечения национальной безопасности государства [Текст] / О.Г. Карпович // Конституционное и муниципальное право. – 2012. – №2. – С. 23-26.

5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 9 июни соли 2011, №159 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

7. Чичерин, Б.Н. Психологическая теория права [Текст] / Б.Н. Чичерин // Вопросы философии и психологии. Кн. 55. – М., 1900. – С. 365-384.

8. Шарнина, Л.А. Злоупотребление конституционными правами и злоупотребление полномочиями: общее и особенное [Текст] / Л.А. Шарнина // Конституционное и муниципальное право. – 2012. – №12. – С. 9-15.

КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ МЕХАНИЗМА ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Национальная безопасность; баланс интересов; механизм; субъект обеспечения безопасности; объект безопасности; предмет безопасности; метод обеспечения безопасности; личность; общество; государство.

Аннотация: В статье исследуется конституционно-правовой механизм обеспечения состояния защищенности личности, общества и государства от внутренних и внешних угроз. Проводится анализ содержания элементов системы обеспечения национальной безопасности: субъекты обеспечения безопасности, объекты и предмет безопасности, методы и направления обеспечения национальной безопасности. Автор приходит к выводу о том, что функционирование механизма обеспечения национальной безопасности в Республике Таджикистан должно осуществляться с опорой на конституционные ценности. Его правовое закрепление должно соответствовать особой значимости человека, его прав и свобод, гражданского мира и согласия, целостности страны, а также баланса интересов личности, общества и государства.

Абдалиев Аброрджон Абдукахорович - Заместитель заведующего кафедрой юридических дисциплин Высшей школы Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан

CONSTITUTIONAL AND LEQAL ASPECTS OF THE MECHANISM FOR ENSURINQ NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: National security; balance of interest; mechanism; subjects of national security; objects of security; security item; security method; personality; society; state.

Annotation: The article examines the constitutional and leqal mechanism for ensurinq the state of protection of the individual, society and state from internal and external threats. An analysis of the content of the elements of the national security system is carried out: subjects of security; objects and subjects of security; methods and directions of ensurinq national security. The author comes to the conclusion that the mechanism for ensurinq national security in the Republic of Tajikistan should be based on constitutional values. Its leqal consolidation must necessarily correspond to the special siqnificance of a person, his riqhts and freedoms, civil peace and harmony, the inteqrity of the country, as well as the balance of interests of the individual, society and the state.

Abdaliev Abrorjon Abdukahorovich – Deputy Head of the Department of Legal Disciplines of the Higher School of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan

МУРОДЗОДА Умед Уктам,
старший преподаватель кафедры конституционного и административного права юридического факультета Таджикского национального университета
Тел.: (+992) 908-88-81-11.

УДК: 342.4

РОЛЬ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА В РАЗРЕШЕНИИ КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫХ СПОРОВ В ПРАВОВОМ ГОСУДАРСТВЕ

Ключевые слова: Конституционный суд; конституционно-правовой спор; Конституция; верховенство Конституции; правовое государство; конституционное судопроизводство; ветви власти.

Аннотация: В статье раскрывается сущность конституционно-правовых споров и анализируется роль Конституционного суда в их разрешении в условиях формирования правового государства. Автор подробно рассматривает значение Конституционного суда в обеспечении верховенства Конституции, укреплении демократических принципов и поддержании эффективного взаимодействия между ветвями государственной власти. Особое внимание уделяется судебному конституционному производству как действенному механизму разрешения конституционно-правовых споров и гаранту высшей юридической силы Конституции.

Прежде всего необходимо отметить, что в правовых государствах, основанных на принципах верховенства закона, разделения властей и защиты прав и свобод человека, особое место отводится судебным институтам, обеспечивающим реальное действие Конституции. К числу таких государств относятся развитые демократические правовые системы, где Конституция обладает высшей юридической силой и является основой всей правовой системы[102].

В этих странах важнейшую роль в поддержании конституционного правопорядка играют конституционные суды – специализированные органы судебной власти, призванные обеспечивать верховенство Конституции, защищать права и свободы граждан, а также разрешать конституционно-правовые споры между различными субъектами государственной власти. Их деятельность направлена на поддержание баланса ветвей власти,

[102] Соибов З. М. Конституционно-правовые основы организации органов государственного управления: на примере Республики Таджикистан и Республики Казахстан // Государствоведение и права человека. – 2019. – №4 (16). – С. 142-149.

предотвращение нарушений конституционных принципов и укрепление демократических основ государства.

Именно поэтому изучение роли Конституционного суда в разрешении конституционно-правовых споров приобретает особое значение в условиях построения и развития правового государства.

Приобретение государственной независимости стало важнейшей вехой в истории Таджикистана. После распада СССР и принятия Конституции 1994 года страна вступила в новый этап развития демократических институтов, направленных на защиту прав, свобод и законных интересов граждан. Конституция Республики Таджикистан провозгласила признание, соблюдение и защиту прав и свобод человека и гражданина в качестве высшей ценности государства[103].

С развитием демократических процессов в обществе неизбежно возникают различные правовые споры. Подобные споры характерны для всех отраслей права – гражданского, административного, трудового и др. Конституционное право не является исключением. Однако в теории конституционного права категория «спор» разработана недостаточно глубоко, что порождает как теоретические, так и практические проблемы при их разрешении[104].

Согласно Толковому словарю Д.Н. Ушакова, спор понимается как «взаимный словесный или письменный поединок, в котором каждая из сторон отстаивает свою точку зрения»[105]. С.И. Ожегов определяет спор как «словесное состязание, обсуждение чего-либо, при котором каждый отстаивает свою позицию или разногласие, подлежащее судебному решению»[106].

Из данных определений следует, что спор предполагает наличие сторон, между которыми существует разногласие и которое должно быть разрешено в установленном законом порядке – судебном или внесудебном.

Е.К. Замотаева рассматривает конституционно-правовые споры как противоречия между участниками конституционно-правовых отношений[107]. В энциклопедическом словаре под редакцией В.И. Червонюка под конституционно-правовыми спорами понимаются «разногласия между участниками конституционно-правовых отношений, возникающие при

[103] Абдулаҳадзода С.А. Рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №6. – С. 266-270.
[104] Муродзода У.У. Предмет конституционно-правового спора // Вестник Филиала МГУ в г. Душанбе. – 2022. – Т. 2, №1 (22). – С. 156–162.
[105] Толковый словарь русского языка / Под ред. Д.Н. Ушакова. – М., 1935-1940. – С. 234.
[106] Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. 4-е изд. – М., 1997. – С. 25.
[107] Замотаева Е.К. Конституционно-правовые споры // http://www.hse.ru/org/persons/68536 (дата обращения: 02.03.2023).

реализации их прав и обязанностей и разрешаемые в порядке, установленном законом»[108].

Конституционно-правовые споры могут разрешаться как судебными (конституционными и административными), так и внесудебными и политико-правовыми способами. Однако одной из наиболее эффективных форм является конституционное судопроизводство.

В Республике Таджикистан одним из органов, уполномоченным на рассмотрение таких споров, является Конституционный суд. Он представляет собой независимый судебный орган конституционного контроля, учреждённый в целях обеспечения верховенства и прямого действия Конституции. В отличие от других судов, Конституционный суд относится к судебной ветви власти, но наделён специальной компетенцией – оценивать соответствие нормативных правовых актов Конституции. Он вправе признать недействительными любые законы или иные акты, противоречащие Основному Закону – Конституции.

Согласно Конституционному закону Республики Таджикистан «О Конституционном суде Республики Таджикистан» от 26 июля 2014 года № 1083, именно Конституционный суд обладает исключительным правом разрешать споры между органами государственной власти, а также споры о компетенции между законодательной и исполнительной ветвями власти[109].

Конституционный суд активно участвует в механизме осуществления государственной власти посредством конституционного судопроизводства[110]. Разрешая конституционные споры, он выступает в роли высшего арбитра, способного оказывать существенное влияние на деятельность парламента и правительства[111].

Как отмечает И.В. Петрова, «Конституционный суд является важным звеном механизма сдержек и противовесов, поскольку с его непосредственным участием разрешаются правовые конфликты между ветвями власти, он выступает органом согласования, примирения и гарантом стабильности в обществе и государстве»[112].

Таким образом, Конституционный суд является неотъемлемым элементом механизма функционирования правового государства. Он не только осуществляет конституционный контроль, но и выполняет роль высшего

---

[108] Иванец Г.И., Калинский И.В., Червонюк В.И. Конституционное право России: Энциклопедический словарь. – М., 2002. – С. 150.

[109] Иванец Г.И., Калинский И.В., Червонюк В.И. Конституционное право России: Энциклопедический словарь. – М., 2002. – С. 150.

[110] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в РТ. – Душанбе, 2007. – С. 63.

[111] Рахмон Д. С. Правовая природа актов Конституционного суда РТ: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 39.

[112] Петрова И.В. Конституционный суд – орган конституционного контроля в РФ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 92.

арбитра в системе публично-правовых отношений, обеспечивая баланс ветвей власти, защиту прав и свобод человека, а также укрепление принципа верховенства Конституции.

В условиях становления и развития правового государства в Республике Таджикистан значение Конституционного суда возрастает особенно заметно. Он становится тем институтом, который обеспечивает устойчивость конституционного строя, служит гарантом политико-правовой стабильности и правовой определённости, предотвращает и разрешает споры между органами государственной власти, тем самым укрепляя демократические основы государственного управления.

Анализ понятия и форм разрешения конституционно-правовых споров показывает, что они являются важнейшим инструментом поддержания конституционного правопорядка. От эффективности деятельности Конституционного суда зависит не только защита Конституции как Основного Закона, но и степень доверия общества к правовой системе в целом.

Следовательно, дальнейшее совершенствование института конституционного судопроизводства, расширение его авторитета и укрепление механизмов реализации решений Конституционного суда — важное условие укрепления правового государства и развития демократических институтов в Республике Таджикистан.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Соибов, З.М. Конституционно-правовые основы организации органов государственного управления: на примере Республики Таджикистан и Республики Казахстан [Текст] / З.М. Соибов // Государствоведение и права человека. – 2019. – № 4(16). – С. 142-149.

2. Абдулаҳадзода, С.А. Рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №6. – С. 266-270.

3. Муродзода, У.У. Предмет конституционно-правового спора [Текст] / У.У. Муродзода // Вестник Филиала МГУ в г. Душанбе. – 2022. – Т. 2, №1 (22). – С. 156-162.

4. Толковый словарь русского языка [Текст] / Под ред. Д.Н. Ушакова. – М., 1935-1940. – 752 с.

5. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка [Матн] 4-е изд. / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М., 1997. – 940 с.

6. Замотаева, Е.К. Конституционно-правовые споры [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.hse.ru/ org/persons/68536 (дата обращения: 02.03.2023 г.).

7. Иванец, Г.И., Калинский, И.В., Червонюк, В.И. Конституционное право России [Текст]: Энциклопедический словарь / Г.И. Иванец, И.В. Калинский, В.И. Червонюк. – М., 2002. – 348 с.

8. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2007. – 200 с.

9. Рахмон, Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Рахмон Дилшод Сафарбек. – Душанбе, 2019. – 479 с.

10. Петрова, И.В. Конституционный суд – орган конституционного контроля в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Петрова Ирина Владимировна. – М., 2004. – 194 с.

НАҚШИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ҲАЛЛИ БАҲСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

Калидвожаҳо: Суди конститутсионӣ; баҳси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ; Конститутсия; волоияти Конститутсия; давлатдории ҳуқуқӣ; мурофиаи конститутсионӣ; шохаҳои ҳокимият.

Аннотатсия: Дар мақола моҳияти баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва нақши Суди конститутсионӣ дар ҳаллу фасли онҳо дар шароити ташаккули давлатдории ҳуқуқӣ таҳлил шудааст. Муаллиф ба таври муфассал ҷойгоҳ ва аҳаммияти Суди конститутсиониро дар ҳифзи волоияти Конститутсия, таъмини ҳамкории самараноки шохаҳои ҳокимият ва таҳкими пояҳои демократӣ нишон медиҳад. Ҳамзамон, шаклҳои асосии ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва ҷойгоҳи мурофиаи конститутсионӣ ҳамчун механизми муассири таъмини волоияти Конститутсия баррасӣ мегардад.

Муродзода Умед Уктам – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тел.:** (+992) 908-88-81-11.

THE ROLE OF THE CONSTITUTIONAL COURT IN RESOLVING CONSTITUTIONAL-LEGAL DISPUTES IN A RULE-OF-LAW STATE

Keywords: Constitutional Court; constitutional-legal dispute; Constitution; supremacy of the Constitution; rule of law; constitutional procedure; branches of power.

Annotation: The article examines the nature of constitutional-legal disputes and the role of the Constitutional Court in their resolution in the context of building a rule-of-law state. The author analyzes in detail the significance of the Constitutional Court in ensuring the supremacy of the Constitution, strengthening

democratic principles, and maintaining effective interaction between branches of state power. Particular attention is paid to judicial constitutional procedure as an effective mechanism for resolving constitutional-legal disputes and guaranteeing the supreme legal force of the Constitution.

Murodzoda Umed Uktam – senior lecturer at the Department of Constitutional and Administrative Law, Faculty of Law, Tajik National University. **Phone:** (+992) 908-88-81-11.

КАРИМЗОДА Манучеҳр Фатҳулло,
сармутахассиси шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният

ТДУ: 342.511

НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМ

Калидвожаҳо: Конститутсия; истиқлолият; муҳокимаи умумиҳалқӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; парламентаризм; қувваи олии ҳуқуқӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур нақши барҷастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оғози марҳилаи ташаккул ва рушди парламентаризми кишвар, рӯйи кор омадааст.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ яке аз вазифаҳои муҳиме, ки дар назди давлати навбунёди мо меистод ин бавуҷуд овардан ва мустаҳкам намудани низоми ҳуқуқии кишвар, ки асоси фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар пояҳои он эъмор мегардад ташкил медод.

Чунки, дар ҷаҳони муосир давлатҳои мавҷударо бе Конститутсия тасаввур кардан номумкин аст ва Конститутсия қонуни асосии давлат ба шумор рафта, дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад, низоми сиёсӣ ва иқтисодии онро муайян намуда, принсипҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва судӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамояд.

Қонуни асосӣ номбурдани Конститутсия дар низоми ҳуқуқии кишвар чунин маъно дорад, ки он асоси қонунгузории давлат мебошад ва тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат бояд тибқи меъёрҳои Конститутсия қабул шаванд ва дар доираи онҳо амал кунанд.[113]

Дар Тоҷикистон то инҷониб панҷ маротиба Конститутсия қабул гардидааст, ки аз он чор маротиба дар замони Шуравӣ ва як маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад.

[113] Ализода З. Қонуни асосии давлат: воситаи таълимӣ // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 54

Бо бадаст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва ташаккул ёфтану дигаргун шудани муносибатҳои ҷамъиятии ҷойдошта зарурарт пеш омад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи нав қабул гардад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ давлати наву мустақили Тоҷикистон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии замони гузашта ба фаъолият шурӯъ кард. Ва дере нагузашта маълум гашт, ки қолаби кӯҳна ба ҷисми нав мувофиқ нест»[114].

Илова бар ин, моро зарур буд то ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем, ки мо давлати худро дар заминаи меъёрҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона таъсис додаем ва ин мақсаду ормони миллати тоҷик дар Конститутсия таҷассум ёфтааст.

Ҳарчанд, масъалаи қабули Конститутсияи нав ҳанӯз дар Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 қайд гардида бошад ҳам, аммо он бо бавуҷуд омадану дигаргун шудани вазъи сиёсӣ дар солҳои 90-ум, ки ба фалаҷ гардидани пояҳои давлатдорӣ оварда расонид ва дар натиҷа миллат ба паркандагӣ ва давлат рӯ ба нестшавӣ ниҳода буд, дигар ба масъалаи қабули Конститутсияи нав умеде боқӣ намонд.

Ҳамин тариқ, моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд иҷлосияи 16-уми таърихии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум баргузор гардид, ки дар он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - роҳбари давлат интихоб гардиданд. Таҳти раёсати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосия XVI як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо ба фаъол намудан ва таҳким додани сохтори ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама ба қабул гардидани Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ асос гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти барҷаста вақте ба майдони сиёсат ворид шуданд, ки миллати тоҷик парешон ва кишвар дар вартаи ҳалокату фано қарор дошт.

Нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи навини Тоҷикистон беназир буда, маҳз бо туфайли хизматҳои шабонрӯзии ин абармарди таърих, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик масъалаи қабули Конститутсия дубора рӯи кор омада, бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи конститутсионӣ кори худро дубора шурӯъ кард.

Зарурат ва аҳаммияти омода ва қабули Конститутсияи нави мамлакат дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 1993 баргузор гардида буд, боз дар суханронии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардид, ки «Имрӯз вақти он

[114] Эмомалӣ Раҳмон. Маърӯза дар иҷлосияи XIX Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2002. Ҷилди 1. – Душанбе, 2002. – С. 123.

расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин, Ман ҳамчун сардори давлат изҳор мекунам, ки асоси эҷоди ин навъи давлатро Сарқонуни нави ҷумҳурӣ мегузорад. Дар ин бобат кори пурмаҳсул дар ҷараён аст ва моҳҳои наздик лоиҳаи Қонуни асосӣ пурра иншо мешавад. Бинобар ин, Ман дар андешаи онам, ки бояд Шурои Олӣ лоиҳаи Қонуни асосии навро баррасӣ карда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Баъд аз хатми муҳокима, таҳрири ниҳоии лоиҳаи Сарқонун ва гузаронидани раъйпурсии умумии он қабул шавад»[115].

Дар натиҷа бо заҳматҳои зиёд ва талошҳои пайвастаи Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи конститутсионӣ фаъолияти худро ба таври муътадил ба роҳ монда, охиран лоиҳаи Конститутсияро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуд.

Дар ҷараёни муҳокимаи умумихалқӣ зиёда аз ҳашт ҳазор пешниҳодҳо оид ба лоиҳа ирсол гардиданд. Дар натиҷа 6 ноябри соли 1994 бо иштироки 94,4 фоизи овоздиҳандагон, ки он зиёда аз 2,5 миллион нафарро ташкил медод ва бо тарафдории 87,6 фоизи иштирокдорони раъйпурсӣ Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул гардид[116].

Бо ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар ислоҳоти конститутсионӣ идома ёфта, 26 сентябри соли 1999 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи тағйиру иловаҳои Конститутсия ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Лоиҳаи мазкур бо мақсади амалӣ намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, собитқадамона амалӣ намудани ислоҳоти сиёсӣ, таъмини давомот ва фаъолияти самарабахши ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ пешниҳод гардида, маҳз бо туфайли он Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки якпалата буд, ба парламенти дупалата Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон бори аввал дар сатҳи Конститутсия пеш аз ҳама дар моддаи 48 боби се қайд гардид, ки Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он аз ду маҷлис Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст[117].

Аз ҳамон лаҳза даврони ташаккул ва рушди парламентаризми кишвар оғоз гардид, ки он ба хизматҳои шоён ва бесобиқаи Пешвои миллат

[115] Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. Ҷилди 1. – Душанбе, 2002. – С. 214.
[116] Ализода З. Қонуни асосии давлат. Воситаи таълимӣ // С. 45.
[117] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 10.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ бо ҳидоят ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат, ки зимни ироаи ҳар як паёмашон ба Маҷлиси Олӣ таъкид мегарданд рушд намуда, баҳри таҳия ва қабули қонунҳои барои пешрафт ва ташаккули ҷомеа созгор мусоидат ва дар ин замина дар гулгулшукуфоии кишвари азизамон саҳми арзанда гузоштааст.

Шаҳодати ин гуфтаҳо маҳз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми охирин, ки ба Маҷлиси Олӣ ироа гардид мебошад, ки чунин қайд намуданд: «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад.

Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшиши худро ба ин самт равона созанд.

Зимнан, хотирнишон менамоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат мебошад.

Ба шумо – аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон мурочиат карда, ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем»[118].

Бо такя ба ин қайд менамоям, ки нақши Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди парламентаризми кишвар беҳамто буда, 22 июни соли 2023, таҳти рақами 1973 ба имзо расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ки тибқи он минбаъд ҳамасола дар кишвар 26-уми сентябр ҳамчун «Рӯзи Маҷлиси Олӣ– парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо як шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад, давоми мантиқии гуфтаҳои болост[119].

Ҳамин тариқ, дар охир иброз медорам, ки Конститутсияи соли 1994 санади олии ҳуқуқиест, ки тамоми дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он

[118] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/ (санаи мурочиат: 21.11.2025).

[119] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011, №753 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 21.11.2025).

сарчашма мегиранд ва он дар миёни дигар Конститутсияҳои ҷаҳон беназир аст. Чуноне, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Халки Тоҷикистонро бахту саодати бузурге насиб шудааст, ки соҳиби чунин Конститутсияи сазовор мебошад. Чунки агар мавқеи илмӣ ва ҳам шаҳрвандии мутахассисони худиро дар масъалаи арзёбии Конститутсия як сӯ гузорем, ба эътибори коршиносони дақиқсанҷи як қатор давлатҳои пешрафтаву мутамаддини ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз намунаҳои беҳтарини конститутсияҳои демократии ҷаҳонист».

Қайд намудан зарур аст, ки ин ҳама дастовардҳо маҳз бо ташаббусу ибтикор ва талошҳои шабонарӯзии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо мардуми тоҷик мушарраф гардидааст.

Ҳамзамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати санади муқаддас бояд мавриди омӯзиши дақиқи тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеа қарор гирад ва мо насли ҷавонро бояд дар рӯҳияи эҳтиром ба он тарбия намоем.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арҷ гузорем, онро эҳтиром намоем ва ба наслҳои оянда боқӣ гузорем.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Эмомалӣ Раҳмон. Маърӯза дар иҷлосияи XIX Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. Ҷилди 1. – Душанбе, 2002. – 221 с.

3. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2002. Ҷилди 1. – Душанбе, 2002. – 512 с.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/ (санаи мурочиат: 21.11.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011, №753 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 21.11.2025).

6. Ализода, З. Қонуни асосии давлат [Матн]: воситаи таълимӣ / З. Ализода // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 153 с.

РОЛЬ ОСНОВАТЕЛЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА – ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА В РАЗРАБОТКЕ И ПРИНЯТИИ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РАЗВИТИИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМА

Ключевые слова: Конституция; независимость; референдум; нормативные правовые акты; парламентаризм; высшая юридическая сила.

Аннотация В данной статье рассматривается выдающаяся роль Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона в разработке и принятии Конституции периода ее независимости Республики Таджикистан и начале эпохи становления и развития парламентаризма в стране.

Каримзода Манучехр Фатхулло – Главный специалист отдела по обеспечению конституционных основ, прав и свобод человека, гражданина и законности аппарата Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан

THE ROLE OF THE FOUNDER OF PEACE AND NATIONAL UNITY – LEADER OF THE NATION, PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, HONORABLE EMOMALI RAHMON IN THE PREPARE AND ADOPTION OF THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE DEVELOPMENT OF PARLIAMENTARISM

Keywords: Constitution; independence; referendum; normative legal acts; parliamentarism; supreme legal force.

Annotation: This article examines the outstanding role of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon in the prepare and adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan during the period of its independence and the beginning of the era of the formation and development of parliamentarism in the country.

Karimzoda Manuchehr Fatkhullo – Chief Specialist of the Department for Ensuring the Constitutional Foundations, Human Rights and Freedoms, Citizens and the Rule of Law of the Office of the Majlisi Milli of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan.

ШАРИПОВ Маҳмадкарим Маҳмадсалимович,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Тел.: (+992) 907-88-35-88.

ТДУ: 342.56

ОБЪЕКТИ РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ ҲАМЧУН УНСУРИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТ

Калидвожаҳо: объект; ҷиноят; тиҷорат; ришвадиҳӣ; пора; корхонаи тиҷоратӣ; ташкилот.

Аннотатсия: Дар мақола масъалаҳои мубрами вобаста ба масоили объекти ришвадиҳии тиҷоратӣ, мавриди тадқиқот қарор дода шудааст. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба объекти ҷиноят ришвадиҳии тиҷоратӣ фикру андешаҳои гуногун ҷой дорад. Аз ҷумла, вобаста ба масъалаи объекти ҷинояти мазкур ва объекти гирифтани порра. Аз ин рӯ, кушиш ба харҷ дода мешавад, ки ба таври мушаххас таркиби ҷинояти мазкур аз таркибҳои дигари ҳаммонанд, фарқ кунонида шавад.

Ҷавобгарӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ моҳиятан ду таркиби ҷинояти мухталифро фаро мегирад:

- якум, ғайриқонунӣ додани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад, ҳамчунин вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс ғайриқонунӣ расонидани хизмати дорои хусусияти молу мулкӣ ба ӯ барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда;

- дуюм, аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба мақоми ишғол намудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда.

Объекти ришвадиҳии тиҷоратӣ манфиатҳои хизмат дар ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилот мебошад, ки мутобиқи вазифаҳо ва мақсадҳои оинномавии фаъолият амалӣ гардонида мешаванд, кори ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилот, ки аз фаъолияти бовиҷдононаи тамоми хизматчиёни ташкилоти мушаххас вобастагӣ дорад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи ягона дар атрофи мафҳуми «манфиатҳои хизмат» вуҷуд надорад. Баъзе олимон мафҳуми мазкурро бо иҷрои дахлдори функсияҳои худ танҳо аз тарафи кормандони идоракунанда алоқаманд медонанд[120], гуруҳи дигар бошад, мафҳуми ишорашударо васеътар тавзеҳ дода, ба он фаъолияти бовиҷдононаи тамоми хизматчиёни сохтори муайяни ғайридавлатиро дохил менамоянд[121].

Мавқеи охирин дурусттар ба назар мерасад. Ба андешаи мо, дар ин масъала мебояд бо мавқеи Н.А. Лопашенко розӣ шуд, ки манфиатҳои хизматиро ҳамчун «фаъолияти муътадили мутобиқи мақсаду вазифаҳои оинномавӣ амалишаванда, кори ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо» муайян намуда, ишора менамояд, ки субъекти чунин ҷиноятҳо шахсе баромад менамояд, ки чун қоида дорои аломатҳои субъекти махсус аст - шахсе, ки дар ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад[122].

Бевосита дар диспозитсияи моддаи мазкур қонунгузор предмети ин ҷиноятро бо инъикоси номгӯи истисноии он муайян менамояд. Предмети ришвадиҳии тиҷоратиро, тавре аз муқаррароти қисмҳои 1 ва 3 моддаи 279 КҶ ҶТ бармеояд, подошпулии ғайриқонунӣ ташкил медиҳад, ки ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад, вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда, дода мешавад. Ба намудҳои подошпулие, ки дар диспозитсияҳои қисмҳои 1 ва 3 моддаи 279 КҶ ишора шудаанд, пул, қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк, расонидани хизмати дорои хусусияти молу мулкӣ ва пешниҳоди дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ дохил мешавад.

Ҳамин тавр, гирифтани фоидаи хусусияти ғайримолумулкӣ дошта, берун аз доираи предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ қарор гирифтааст. Айни замон кирдорҳое, ки дар онҳо предмети ришвадиҳӣ неъматҳои ғайримоддӣ баромад менамоянд, ҷиноятӣ ҳисобида намешаванд. Дар ин қисмат, қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба Конвенсияи Шӯрои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия мухолифат менамояд. Дар Конвенсияи мазкур ба сифати предметӣ ришвадиҳӣ ҳама гуна афзалияти ғайриқонунӣ пешбинӣ шудааст. Ба назари мо, чунин муносибат дурустар мебошад ва имкон медиҳад ҳам ашхоси

---

[120] Волженкин Б.В. Служебные преступления. – М., 2000. – С. 284; Схожие определения даны: Уголовное право Российской Федерации: Особенная часть / Под ред. Б.В. Здравомыслова. 2-е изд. – С. 239; Уголовное право России: Особенная часть / Под ред. А.И. Рарога. – С. 206; Российское уголовное право: Особенная часть / Под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – С. 219; Горелик А.С., Шишко И.В., Хлупина Г.Н. Преступления в сфере экономической деятельности и против интересов службы в коммерческих и иных организациях. – Красноярск, 1998. – С. 153.

[121] Зубарев С.М. Интересы службы как объект уголовно-правовой охраны // Уголовное право. – 2003. – №4. – С. 26-27.

[122] Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономики: авторский комментарий к уголовному закону. – М., 2007.

пешниҳодкунандаи хизматҳои хусусияти ғайримоддӣ дошта ва ҳам истеъмолкунандагони чунин хизматрасониҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шаванд. Маълумотҳо дар хусуси чунин намуди подошҳо дар корҳои илмии баъзе олимон оварда мешавад[123], ки тибқи онҳо, неъматҳои ғайримоддӣ дар 8% ҳолатҳо ба сифати подоши ғайриқонунии хизматчӣ баромад менамоянд. Дар робита ба ин, мантиқӣ ба назар мерасад, ки неъматҳои ғайримоддӣ ба предмети ҷиноят дохил карда шавад.

Проблемаи дигаре, ки ҳангоми банду басти меъёри мазкур ба миён меояд, айни замон масъалаи андозаи ҳадди ақали подошпулии ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошад. Санадҳои байналмилалӣ нисбати андозаи подошпулии ғайриқонунӣ талаботи иловагӣ пешбинӣ наменамоянд. Аксариати олимон[124] чунин мешуморанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ бояд новобаста аз андозаи подошпулии гирифташаванда ва ё додашаванда ба вуҷуд ояд. Бо чунин нуқтаи назар пурра розӣ шудан ғайриимкон аст. Дар ҳақиқат ҳам, дар ин сурат ҳавола ба моддаи 606 КГ ҶТ ҷой дошта наметавонад, чунки тақдими ҳадя ба анҷом додани амалҳои муайян ба манфиати ҳадякунанда вобастагӣ дорад ва ё туҳфа барои амалҳои қаблан анҷомшуда ҳадя карда мешавад ва дар ин хусус тарафҳо ба мувофиқаи пешакӣ омадаанд.

Ҳамзамон бо ин, ҳангоми ночиз будани андозаи подошпулӣ, мебояд инчунин дар хусуси ночиз будани таъсири он ба муносибатҳои идоракунӣ ва дар ин замина ба объекти ҷиноят ҳарф зад. Ба сифати мисол метавон ҳолатеро қайд намуд, вақте ки ба шахси иҷрокунандаи функсияҳои идоракунӣ дар ташкилоти тиҷоратӣ, шоколад, гӯл ва ё ашёи дигари зебу зинат бо арзиши кам тақдим карда мешавад. Дар робита ба ин, пешниҳод менамоем, ки ришвадиҳии тиҷоратӣ ғайриҷиноятӣ карда шавад, агар арзиши подошпулии гирифташуда ва ё додашуда аз 100 сомонӣ зиёд набошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки тамаъҷӯйии чунин подошпулӣ ҷой дошта бошад ва ё агар подошпулӣ ба шахси мансабдор барои амалҳои (беамалии) ғайриқонунӣ дода шуда бошад.

Ҳамзамон, зарур дониста мешавад, ҳадяи дар моддаи 606 КГ ҶТ пешбинишуда, аз ришвадиҳии тиҷоратӣ ҷудо карда шавад. Барои ин, бояд қасди (мақсади) шахс ҳангоми тақдими туҳфа муқаррар карда шавад, агар чунин туҳфа ба иҷрои амалҳои муайян ва ё худдорӣ аз иҷрои амалҳои муайян аз тарафи идоракунанда алоқамандӣ дошта бошад, ҳатто агар арзиши туҳфа аз

[123] Криминология / Под ред. В.Д. Малкова. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2006.

[124]Ниг.: Волженкин Б.В. «Обычный подарок» или взятка? // Законность. – 1997. – №4; Горелик А.С. Уголовная ответственность за коммерческий подкуп // Юрид. мир. – 1999. – №1-2. – С. 16; Макаров С.Д. Разграничение составов коммерческого подкупа и иных преступлений, связанных с незаконным вознаграждением по УК РФ // Адвокат. практика. – 2000. – №1. – С. 19.

300 сомон зиёд набошад, пас кирдор бояд ҳамчун ришвадиҳии тиҷоратӣ банду баст карда шавад.

Муайяннамоии дақиқи объект ва предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам амалӣ зарур дониста мешавад. Зеро он имкон медиҳад моҳияти ҷинояти баррасишаванда муайян карда шуда, ҳудудҳои амали меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пайдо карда шаванд, дар банду басти дурусти кирдорҳо, инчунин ҷудонамоии онҳо аз таркибҳои омехта мусоидат менамояд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба объекти ҷиноят фикру андешаҳои мухолифатомез ҷой доранд. Аз ҳама паҳншудатарини онҳо дар он ифода меёбад, ки ба сифати объекти ҷиноят ҳама вақт муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ баромад менамоянд[125].

Мавқеи мазкур бештар ба назарияи ҳуқуқи ҷиноятии замони шӯравӣ хос мебошад. Таҳти объекти ҷиноят ҳамчунин он чизе фаҳмида мешавад, ки ба он шахси кирдори ба ҷамъият хавфнокро содирнамуда таҷовуз менамояд ва он чизе, ки дар натиҷаи содири ҷиноят ба он мумкин аст зарар расонида шавад[126].

Ба аҳаммияти муҳими чунин нуқтаҳои назар оид ба объекти ҷиноят, зарурати онҳо барои дуруст муайян намудани моҳияти иҷтимоӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳама гуна таҷовузи ҷиноятӣ нигоҳ накарда, кушишҳо вобаста ба пешниҳоди мафҳуми дигари объекти ҷиноят низ ба назар мерасанд[127]. Чунончӣ, Новоселов Е.П. таҳти объекти ҷиноят шахси алоҳида ва ё гуруҳи ашхосро мефаҳмад, ки муқобили онҳо ҷиноят содир мешавад[128]. Дар ин сурат, ба андешаи мо, омезиши мафҳуми «объекти ҷиноят» ва «ҷабрдида» аз ҷиноят ба амал меояд. Наумов А.В. чунин мешуморад, ки дар як қатор ҳолатҳо (масалан, ҳангоми одамкушӣ) назарияи объекти ҷиноят ҳамчун муносибати ҷиноятӣ «ба кор намеравад»[129].

Объект – яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят мебошад. Тавре маълум аст, ҳама гуна ҷиноят, ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ таъсир расонда, ба объекти ҳифзшавандаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зарар мерасонад ё ин ки таҳдиди чунин зараррасониро ба вуҷуд меорад. Ба сифати унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, тавре В.И. Динека қайд менамояд, инҳо ба ҳисоб мераванд: а) предмети муносибати ҷамъиятӣ, ки дар худ неъмати моддӣ ва ё

[125]Ниг.: Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР. Часть Общая. – М., 1925. – С. 129-150; Трайнин А.Н. Состав преступления по советскому уголовному праву. – М., 1951. – С. 176; Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М., 1960. – С. 3-121; Глистин В.К. Проблема уголовно-правовой охраны общественных отношений. – Л., 1979. – С. 3-18.

[126]Ниг.: Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: курс лекций. – М., 2005. – С. 156.

[127]Ниг.: Коржанский Н. И. Объект посягательства и квалификация преступлений. – Волгоград, 1976. – С. 5-21; Глистин В.К. Проблема уголовно-правовой охраны общественных отношений. – Л., 1979. – С. 3-31; Таций В.Я. Объект и предмет преступления по советскому уголовному праву. – Харьков, 1982. – С. 5-19.

[128]Ниг.: Уголовное право. Общая часть / Под ред. И.Я. Козаченко ва З.А. Незнамовой. – М., 1997. – С. 135.

[129]Ниг.: Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: курс лекций. – М., 2005. – С. 147.

ғайримоддии муайянро мемонад; б) иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, субъектоне, ки байни онҳо алоқаҳои муайян ба миён меоянд; в) алоқаҳои иҷтимоӣ миёни иштирокчиён (субъектон)[130].

Ҷиноят ҳама вақт ба яке аз ин унсурҳо таҷовуз менамояд, ки дар натиҷаи он муносибатҳои муътадили ҷамъиятӣ шакли худро дигар менамоянд ва ё тамоман аз байн мераванд. Объекти ҷиноят – ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ва неъматҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошанд, ки ба онҳо кирдори ба ҷамъият хавфнок таъсир мерасонад ва ба онҳо зарар расонида мешавад ё ин ки таҳдиди воқеии расонидани зарар ба миён меояд.

Қонуни ҷиноятӣ танҳо неъматҳои арзишнок ва муҳими иҷтимоиро ҳифз менамояд. Намудҳои неъматҳои арзишноки иҷтимоӣ, ки объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ба таври умумӣ дар моддаи 2 КҶ ҶТ зикр шудаанд. Инҳо: ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳлӣ, муҳити зист, тартиботи ҷиноятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ. Мутобиқи моддаи 12 Конститутсияи ҶТ асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Ҳамин тавр, Конститутсияи ҶТ муносибатҳои иқтисодии дар давлат ҷойдоштаро махсус қайд ва ҳимоя менамояд. Ҳамзамон бо ин, меъёрҳои конститутсионӣ танҳо принсипҳои умумии иқтисодиётро муайян менамоянд. Кушодан ва мушаххас намудани мазмуни онҳо, инчунин ташаккули механизми амалисозии онҳо – вазифаи санадҳои дигари меъёрӣ мебошад, ки мутобиқи Конститутсияи ҶТ қабул карда мешаванд.

Дар Кодекси ҷиноятӣ фасли 11 – «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» мустаҳкам гардидааст. «Соҳаи иқтисодиёт» фаъолияти иҷтимоиро вобаста ба истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли молҳо, хизматрасониҳо, инчунин ташаккули захираҳои моддӣ дар қаламрави кишвар фаро мегирад.

Айни замон дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибати ягона вобаста ба муайян намудани объекти бевоситаи ришвадиҳии тиҷоратӣ ҷой надорад. Ба чунин сифат фаъолияти идоракунӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо, инчунин манфиатҳои ин ташкилотҳо, ки бо чунин фаъолият алоқаманд мебошад, эътироф карда мешавад[131]. Дар ин ҳол, манфиатҳои он ташкилоте

[130]Ниг.: Уголовное право. Общая часть: учебник / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1997. – С. 164.
[131]Ниг.: Жалинский А.Э. Комментарий к Уголовному кодексу РФ / Под ред. Скуратов Ю.И., Лебедев В.М. – М., 1998. – С. 463.

ном бурда мешавад, ки дар он шахси арзишҳои моддиро[132] бадастоварда функсияҳои идоракуниро иҷро менамояд ё ин ки фаъолияти муътадили дастгоҳи идоракунии ташкилотҳои тиҷоратӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳалӣ, муассисаи давлатӣ ва ё мунитсипиалӣ намебошанд[133].

Баъзе муаллифон қайд менамоянд, ки объекти бевоситаи ришвадиҳии тиҷоратӣ фаъолияти идоракунии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо, инчунин манфиатҳои ин ташкилотҳо ба ҳисоб меравад, ки бо чунин фаъолият алоқаманд мебошад[134].

Таҳлили ҷамъбастии нуқтаҳои назари эътирофшудаву маъмул аз рӯйи масъалаи мазкур имкони чунин хулосабарорӣ намуданро медиҳад, ки объекти бевоситаи ҷинояти баррасишаванда бояд муносибатҳои ҷамъиятии бо меъёрҳои ҳуқуқ мураттабшудае эътироф карда шавад, ки асосҳои фаъолияти иқтисодии ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилотро танзим менамоянд.

Фаъолияти идоракунӣ ба амалигардии манфиатҳои қонунии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо мусоидат менамояд. Манфиатҳое қонунӣ дониста мешаванд, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, анъанаҳои муомилоти корӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва локалии ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилот муайян гардидаанд, ҳамчунин риояи тартиби фаъолияти ташкилоти мазкур аз тарафи тамоми субъектони муносибатҳо бо он; аз ҷумла расмиёти бастани аҳдҳо, пешниҳоди хизматрасонӣ, нигоҳдории интизоми ҳисоббаробаркунӣ, риояи шартҳо ва асосҳои мухталиф, ки рақобатнокии ташкилоти мазкурро муқаррар менамоянд, ба шумор мераванд[135]. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо ҳуқуқ доранд манфиатҳои худро мустақилона дар доираи қонун муқаррар намоянд. Фаъолияти онҳо ба танзими кори ташкилот дар маҷмуъ равона гардида, инчунин бо риояи ҳуқуқҳои шахсии кормандони ташкилот ва дигар шаҳрвандон, манфиатҳои дигари ҷамъият ва давлат алоқаманд мебошад.

С.В. Максимов дар баробари объекти асосӣ ва бевоситаи ришвадиҳии тиҷоратӣ, инчунин ба объекти иловагии бевосита дар намудҳои зерин ишора мекунад: а) муносибати ҷамъиятӣ, ки баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун таъмин менамояд; б) муносибати ҷамъиятӣ, ки баробарии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодиро дар назди қонун таъмин менамояд; в)

---

[132]Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник / Под ред. Ветров Н.И., Ляпунов Ю.И. – М., 1998. – С. 386.

[133]Ниг.: Российское уголовное право. Особенная часты: учебник / Под ред. Журавлев М.П., Никулин С.И. – М., 1998. – С. 214.

[134]Ниг.: Жалинский А.Э. Комментарий к ст. 204 УК РФ // Комментарий к Уголовному кодексу РФ // Под ред. Скуратов Ю.И., Лебедев В.М. – М., 1998. – С. 463; Уголовное право. Особенная часть: учебник // Под ред. Рарога А.И. – М., 1996. – С. 214-215.

[135] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. Скуратов Ю.И., Лебедев В.М. – М., 1996. – С. 452-453.

муносибати ҷамъиятӣ, ки ташаккули дастгоҳи идоракунии корхонаҳои казонии федералиро аз ҳисоби ашхоси ғайриришваситон таъмин менамояд[136].

Дар тақвияти ин масъала, ба сифати объекти иловагии ин ҷиноят – ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ин ки манфиатҳои аз тарафи қонун ҳифзшавандаи ҷамъият ва давлат, инчунин манфиатҳои молумулкӣ ва дигар манфиатҳои қонунии ташкилотҳо фарқ карда мешавад[137]. Инчунин мувофиқ омадани объекти бевосита бо объекти намудӣ қайд мегардад[138].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, муносибатҳои идоракунӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо аз доираи ҳуқуқҳои субъективии ташкилот берун мебарояд ва вобаста ба хусусияти ҳуқуқӣ, аҳаммиятнокии махсус ва фарогирии онҳо дуруст аст, ки ҳамчун объекти ҳифзнамоӣ муайян шудаанд. Ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ на функсияи абстрактии хизматӣ (ташкилӣ-амрдиҳӣ ва ё маъмурӣ-хоҷагидорӣ), балки муносибатҳои дар натиҷаи он бавуҷудоянда зарар мебинанд. Ғайр аз он, набояд институти озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодии ташкилотро ҳамчун озодии фаъолияти идоракунанда ба манфиати ташкилоти худ тавзеҳ дод. Шартномае, ки аз тарафи идоракунанда бар ивази гирифтани подошпулӣ аз номи ташкилот баста мешавад ва оқибатҳои муайянро (ҳуқуқ ва уҳдадорӣ, зиён) ба вуҷуд меорад, асос барои беэътибор донистани аҳд эътироф намешавад, чунки ангезаи бастани шартнома аҳаммияти ҳуқуқӣ-маданӣ надорад.

Ҳамчунин гирифтани подошпулӣ аз тарафи идоракунанда ҳангоми қабул ба кор низ асос барои бекор кардани шартнома шуда наметавонад. Хавфнокии ҷамъиятии амалҳои идоракунандаи ташкилот дар он ифода меёбад, ки ӯ аз номи ташкилот баромад намуда, гӯиё иродаи онро ифода менамояд, вале дар воқеъ барои қонеъ гардонидани манфиатҳои шахсӣ ва тибқи ироддаи худаш амал мекунад. Шахси идоракунанда манфиати худро бар манфиати ташкилот тарҷеҳ дода, онро бехусусият карда, аз мустақилияти объективӣ ва қонуният маҳрум месозад. Дар ҳоле ки таъиноти фаъолдияти идоракунӣ дар ташкилот дар иҷрои қонуният ва тартиботи муқарраршуда ифода меёбад.

Ҳамин тавр, ба сифати унсури асосии объекти бевоситаи ришвадиҳии тиҷоратӣ фаъолияти идоракунӣ баромад менамояд, ки он:

– аз тарафи шахсони махсус ваколатдор аз номи ташкилот ба амал бароварда мешавад;

---

[136]Ниг.: Максимов С.В. Уголовная ответственность за злоупотребление полномочиями лицами, выполняющими управленческие функции в коммерческих и иных организациях, и коммерческий подкуп // Уголовное право. – 1999. – №1. – С. 13-14.

[137]Ниг.: Уголовное право России. Особенная часть: учебник / Отв. ред. Здравомыслов Б.В. – М.: Юристь, 1996. – С. 236.

[138]Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник / Под ред. Ветров Н.И., Ляпунов Ю.И. – М., 1998. – С. 387.

– ба қонеъгардонии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи ташкилот равона гардидааст;

– дар шакли қарорҳои аҳаммияти ҳуқуқидоштаи идоракунӣ роҳандозӣ мегардад, ки муносибатҳои ташкилотро бо дигар субъектони муносибатҳо ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ва қатъ мегардонад;

– дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, объекти бевоситаи ришвадиҳии тиҷоратӣ бояд муносибатҳои ҷамъиятии бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимшавандаи миёни ташкилоти тиҷоратӣ ва ё дигар ташкилот ва хизматчиёни он дониста шавад, ки аз тарафи ин ташкилот барои қабули қарорҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дошта ҳангоми дар муносибатҳо бо дигар ташкилотҳо баромад намудан ва аз ном ва ба манфиати ташкилот амалӣ намудани фаъолият ваколатдор шудаанд, вақте ки чунин қарорҳо ва фаъолият метавонанд муносибатҳои муайянро бо дигар субъектон ба вуҷуд орад, тағйир диҳад ва қатъ гардонад ва ё боиси дигар оқибатҳои барои ташкилот аҳаммиятдошта гардад.

Ба сифати объекти факултативӣ метавонад манфиатҳои дигари ташкилот, давлат ва дигар субъектони ба ин соҳаи фаъолият ҷалбгардида (масалан, эътибори ташкилот, ҳуқуқи ба амал баровардани фаъолият дар шароити рақобати озод ва ғ.) баромад намояд.

АДАБИЁТ:

1. Волженкин, Б.В. «Обычный подарок» или взятка? [Текст] // Законность / Б.В. Волженкин. – 1997. – №4. – С. 36-42.

2. Волженкин, Б.В. Служебные преступления [Текст] / Б.В. Волженкин. – М., 2000. – 198 с.

3. Глистин, В.К. Проблема уголовно-правовой охраны общественных отношений [Текст] / В.К. Глистин. – Л., 1979. – 127 с.

4. Горелик А.С. Уголовная ответственность за коммерческий подкуп [Текст] / А.С. Горелик // Юрид. мир. – 1999. – №1-2. – С. 12-16.

5. Горелик, А.С., Шишко, И.В., Хлупина, Г.Н. Преступления в сфере экономической деятельности и против интересов службы в коммерческих и иных организациях [Текст] / А.С. Горелик, И.В. Шишко, Г.Н. Хлупина. – Красноярск, 1998. – 234 с.

6. Жалинский, А.Э. Комментарий к Уголовному кодексу РФ [Текст] / А.Э. Жалинский / Под ред. Скуратов Ю.И., Лебедев В.М. – М., 1998. – 874 с.

7. Зубарев, С.М. Интересы службы как объект уголовно-правовой охраны [Текст] / С.М. Зубарев // Уголовное право. – 2003. – №4. – С. 26-32.

8. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под ред. Скуратов Ю.И., Лебедев В.М. – М., 1996. – 744 с.

9. Коржанский, Н.И. Объект посягательства и квалификация преступлений [Текст] / Н.И. Коржанский. – Волгоград, 1976. – 226 с.

10. Криминология [Текст] / Под ред. В.Д. Малкова. 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2006. – 356 с.

11. Лопашенко, Н.А. Преступления в сфере экономики: авторский комментарий к уголовному закону [Текст] / Н.А. Лопашенко. – М., 2007. – 248 с.

12. Макаров, С.Д. Разграничение составов коммерческого подкупа и иных преступлений, связанных с незаконным вознаграждением по УК РФ [Текст] / С.Д. Макаров // Адвокат. практика. – 2000. – №1. – С. 16-24.

13. Максимов, С.В. Уголовная ответственность за злоупотребление полномочиями лицами, выполняющими управленческие функции в коммерческих и иных организациях, и коммерческий подкуп [Текст] / С.В. Максимов // Уголовное право. – 1999. – №1. – С. 12-19.

14. Наумов, А.В. Российское уголовное право. Общая часть [Текст]: курс лекций / А.В. Наумов. – М., 2005. – 218 с.

15. Никифоров, Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву [Текст] / Б.С. Никифоров. – М., 1960. – 121 с.

16. Пионтковский, А.А. Уголовное право РСФСР [Текст]: часть общая / А.А. Пионтковский. – М., 1925. – 192 с.

17. Российское уголовное право. Особенная часты [Текст]: учебник / Под ред. Журавлев М.П., Никулин С.И. – М., 1998. – 312 с.

18. Российское уголовное право [Текст]: Особенная часть / Под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – М., 2014. – 256 с.

19. Схожие определения даны: Уголовное право Российской Федерации [Текст]: Особенная часть / Под ред. Б.В. Здравомыслова. 2-е изд. – М., 1988. – 266 с.

20. Таций, В.Я. Объект и предмет преступления по советскому уголовному праву [Текст] / В.Я. Таций. – Харьков, 1982. – 178 с.

21. Трайнин, А.Н. Состав преступления по советскому уголовному праву [Текст] / А.Н. Трайнин. – М., 1951. – 211 с.

22. Уголовное право России. Особенная часть [Текст]: учебник / Отв. ред. Здравомыслов Б.В. – М.: Юристь, 1996. – 418 с.

23. Уголовное право. Общая часть [Текст] / Под ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамовой. – М., 1997. – 244 с.

24. Уголовное право. Общая часть [Текст]: учебник / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1997. – 312 с.

25. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник / Под ред. Ветров Н.И., Ляпунов Ю.И. – М., 1998. – 464 с.

26. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник // Под ред. Рарога А.И. – М., 1996. – 288 с.

ОБЪЕКТ КОММЕРЧЕСКОГО ПОДКУПА КАК СОСТАВНОЙ ЭЛЕМЕНТ ПРЕСТУПЛЕНИЯ

Ключивые слова: объект; преступление; бизнес; взяточничество; взятка; коммерческое предприятие; организация.

Аннотация: В стате анализируется актуальная вопросы, связан с исследованием коммерческого подкупа. В науке уголовного права касательно объекта коммерческого подкупа существует различная подходы. В часности, касательно объекта настояшего преступления и объекта получения взятки. В этой сфере предпринета попытка четкого разграничения состава настоящего преступления от других смежных составов преступления.

Шарипов Махмадкарим Махмадсалимович – старший предподаватель кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук. **Тел.:** (+922) 907-88-35-88.

THE OBJECT OF COMMERCIAL BRIBERY ES A CONSTITUENT ELEMENT OF A CRIME

Keywords: object; crime; business; bribery; bribe; commercial enterprise; organization.

Annotation: The article analyzes current issues related to the study of commercial bribery. In the science of criminal law regarding the object of commercial bribery, there are different approaches. In the above privacy of the object of this crime and the object of receiving a bribe. In this area, an attempt has been made to clearly distinguish the corpus delicti from other related corpus delicti.

Sharipov Makhmadkarim Makhmadsalimovich – senior Lecturer in the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences. **Phone:** (+992) 907-88-35-88.

III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5.1.3); ЧАСТНО-ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.3); PRIVATE LAW (CIVIL) SCIENCES (SPECIALITY: 5.1.3)

ҚУРБОНАЛИЗОДА Нурулло Шамсулло,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918-51-03-02.

РАҲМОН Суман Султон,
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 904-44-44-77.

ТДУ: 347.122

ЭЪТИРОФИ ҲУҚУҚ ЯКЕ АЗ ТАРЗҲОИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

Калидвожаҳо: эътирофи ҳуқуқ; тарзи ҳимоя; ҳуқуқҳои маданӣ; тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ; субъектони ҳуқуқи маданӣ; мақсади эътирофи ҳуқуқ; воситаҳои эътирофи ҳуқуқ.

Аннотатсия: Дар мақола эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ баррасӣ карда шудааст. Мақсади асосии омӯзиш баррасии аҳамияти назариявӣ ва ҳуқуқӣ оид ба эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ мебошад. Муҳаққиқ мафҳум, моҳият ва шаклҳои танзими эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро омӯхта, хусусиятҳои муҳим ва мақсади онро муайян кардааст. Пажӯҳиши таҷрибаи мавҷудаи эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар мақола баррасӣ шудааст. Иброз шудааст, ки яке аз ҳадафҳои таҳлилу омӯзиши эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ин дуруст муайян намудани падидаи мазкур мувофиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ҷойе, ки ҳуқуқ вуҷуд дорад, тарзҳои ҳифзи он низ вуҷуд дорад, яъне ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқи субъективии маданӣ ва тарзҳои ҳифзи он дар як ягонагии ҷудонашаванда вуҷуд доранд: пайдоиши ҳуқуқи маданӣ зарурати ҳифзи онро ба вуҷуд меорад. Ҳуқуқҳои маданӣ набояд аз ҷониби шахсони сеюм вайрон карда шаванд, аммо дар ҷаҳони муосир набудани

мутлақи ҳуқуқвайронкуниҳо ғайриимкон аст. Дар ҳолати вайрон гардидани ҳуқуқҳои маданӣ, субъект баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои худ аз тарзҳои ҳимояи муқаррарнамудаи қонун истифода мебарад.

Тарзи ҳифз аз маҷмуи тадбирҳое иборат мебошад, ки бо мақсади тамини татбиқи озодӣ ҳуқуқҳои субъективӣ истифода мегардад. Ин чораҳои ҳуқуқии моддие мебошанд, ки хусусияти маҷбурнамоӣ дошта, тавассути онҳо ҳуқуқҳои вайронгашта (баҳсшаванда) барқарор (эътироф) мешаванд ва ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонида мешавад.

Ба андешаи В.П. Грибанов ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ ба маънои моддӣ-ҳуқуқӣ он ба мазмуни ҳуқуқи субъективии маданӣ вобаста аст. Ҳуқуқ ба ҳифз яке аз ваколатҳои (унсурҳои мазмуни) ҳуқуқи субъективии маданӣ буда, имконияти аз ҷониби шахси ваколатдор татбиқ намудани ҷораҳои дорои хислати муҳофизатиро ифода менамояд[139].

В.В. Долинская иброз менамояд, ки шартҳо ва ҳудуди ҳифзи ҳуқуқи маданӣ аз мазмуни ҳуқуқи субъективӣ вобастааст, чунки ин ҳуқуқ дар ҳадде муҳофизат карда мешавад, ки дар доираи он эътироф гардидааст. Аммо на ҳама ҳуқуқҳои субъективӣ дори чорчӯбаи мушаххаси бо қонунгузорӣ ва санадҳои инфиродии иродавӣ, ки ба манъкуниҳои умумӣ ва махсус вобастаанд, муайян гардидааст[140].

Ба назари Д.Ш. Сангинзода ҳифзи ҳуқуқи маданӣ дорои объекти махсус дар шакли ҳуқуқи субъективӣ аст, ки дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбати иштирокчиёни муомилоти маданӣ мустаҳкам гардидааст. Яке аз шартҳои асосӣ қонунӣ будани ҳуқуқҳои субективии маданӣ қонунӣ будани асосҳои бавуҷудоии онҳо мебошад. Аммо ҳуқуқи маданӣ дар асоси ҳолатҳои бо қонунгузорӣ муқаррарнагардида низ ба вуҷуд меояд[141]. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва дар байни олимони самти ҳимояи ҳуқуқи маданӣ вобаста ба таснифбандӣ ё ба гурӯҳҳои муайян ҷудо намудан мавҷуданд. Масалан А.А. Редко тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи маданиро ба ду намуд аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа ҷудо менамояд. Ӯ ба тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии аввалиндараҷа субъектони зеринро шомил намудааст:

1) давлат;
2) президент;
3) судҳои марҳилаҳои гуногун;
4) кумитаҳои парлумонӣ;
5) ҳизбҳои сиёсӣ;
6) мақомоти қонунгузор ва иҷроия;

[139] Гирибанов В.П. Осуществление и защита граданских прав. – М.: Статут, 2000. – С. 123.
[140] Долинская В.В. Предпринимательское право. – М.: Академия; Мастерство, 2002. – С. 76.
[141] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор Ш.К. Ғаюров ва н.и.ҳ., дотсент Ф.С. Сулаймонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 202.

7) ҳамаи мақомоти давлатие, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доранд;

8) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.

Ба тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии дуюмдараҷа бошад чунин субъектонро шомил намудааст:

1) муассисаҳои илмӣ;

2) палатаҳои ҷамъиятӣ;

3) ҳама гуна ташкилотҳо, ҳаракатҳо, иттиҳодияҳое, ки ҳадафашон ҳимоя ё ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад;

4) халқ, инчунин шахси алоҳида ё шаҳрвандон;

5) ВАО[142].

А.С. Старовойтова ишора менамояд, ки ҳимояи ҳуқуқ маҷмуи усулҳои ҳуқуқи маданиро дар бар мегирад, ки танҳо дар ҳолатҳои вайрон шудан ё мавриди баҳс қарор гирифтани ҳуқуқҳо татбиқ мегарданд[143].

Дар моддаҳои 12 ва 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[144] ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба қавле «позитивӣ» кунонида шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки ба онҳо шакли амали бевосита дода шудааст ва дар сурати ба миён омадани ягон монеа, бартарӣ ба ин ҳуқуқҳо дода мешавад. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳанд, бинобар сабаби мустақиман амал намуданашон аз ҳама гуна меъёри ҳуқуқии санади дигари меъёрӣ афзалтаранд. Ҳамин тариқ, давомияти мантиқии муқаррароти қисми 3 моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳимояи ҳуқуқи маданӣ ҳамчун василае амал мекунад, ки ба шахс имконияти ҳифзи ҳуқуқҳои доштаашро медиҳад.

Тарзҳои мушаххаси ҳифзи ҳуқуқи маданӣ мутобиқи интихоби шахси ваколатдор метавонад ҳам инфиродӣ (алоҳида) ва ҳам дар якҷоягӣ истифода бурда шавад. Он ҳолатҳое истисно мебошанд, ки агар дар қонун бевосита нишон дода бошад ё бо дарназардошти хусусияти ҳуқуқи вайронгардида (мавриди баҳс) он метавонад танҳо бо тарзи муайян ҳимоя карда шавад[145].

Тарзи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ вобаста аз тартиби татбиқи онҳо метавонад ба се гурӯҳ тақсим карда шавад: 1) онҳое, ки танҳо аз ҷониби суд ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби дигар мақоми ваколатдори давлатӣ истифода бурда

---

[142] Редько А.А. Правозащитная политика и ее место в правовой политике России: теоретико-правовой анализ: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2010. – С. 37-43.

[143] Старовойтова А.С. Признание права как способ защиты гражданских прав: проблемы теории и практики: монография. – Москва: Проспект, 2023. – С. 24.

[144] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 12

[145] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании ҶТ (қисми якум). – Душанбе, 2010. – С. 48.

мешаванд, ки зарурати ба онҳо муроҷиат намуданро дар хусуси ҳифз тавассути усули мушаххас дар назар дорад (эътирофи ҳуқуқ), барқарор намудани вазъе, ки то вайрон кардани ҳуқуқ мавҷуд буд, пешгирии амале, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ва ғайра; 2) онҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мустақиман истифода бурда мешаванд (ҳудҳимоякунии ҳуқуқ, қатъ кардан ё тағйир додани муносибати ҳуқуқӣ); 3) онҳое, ки ҳам бо ёрии мақомоти судӣ ва ҳам мустақил истифода бурда мешаванд (ҷуброни зиён, рӯёнидани ноустуворона ва ғайра).

Инчунин дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ду намуди таснифбандӣ ба назар мерасанд: а) тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи маданӣ; б) тарзҳои ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ. Вобаста ба таснифбандии мазкур назри О.А. Красавчиков чунин аст, ки «ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро аз ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ бояд фарқ кард»[146]. Андешаи муҳаққиқро мо низ ҷонибдорӣ менамоем, зеро ҳимояи ҳуқуқи маданӣ бо маҳакҳои хоси худ аз ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ фарқ дорад.

Қонунгузории маданӣ бо гуногунии тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ тавсиф меёбад. Аз ҷумла, моддаи 11 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[147] доираи васеи тарзҳои ҳимояи ҳуқуқро муқаррар менамояд, ки метавонанд барои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ татбиқ гарданд. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ оварда шудааст, ки вале ин номгӯй ниҳоӣ намебошад, зеро ҳангоми риояи шартҳои пешбининамудаи қонун истифодаи дигар усулҳо низ иҷозат дода мешавад. Эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзҳои қонунан муқарраргардидаи ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ мебошад, ки аз аҳаммият ва нақши баланди ин тарзи ҳимоя шаҳодат медиҳад. Тарзи эътирофи ҳуқуқро ба таҳлилу баррасии муфассал қарор медиҳем.

Д.Н. Латипов ба чунин назар аст, ки мушкилоти набудани таърифи мафҳуми «эътирофи ҳуқуқ» дар қонунгузорӣ ҳолатҳои татбиқи он, мафҳуми шахси манфиатдор, ки ҳуқуқ дорад барои ҳимояи ҳуқуқ муроҷиат намояд, инчунин доираи ҳуқуқҳое, ки нисбат ба онҳо чунин эътироф иҷозат дода мешавад, мавҷуд мебошад[148]. Воқеан, муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки мушкилоти мазкур дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ

[146] Красавчиков О.А. Ответственность, меры защиты и санкции в советском гражданском праве // Проблемы гражданско-правовой ответственности и защиты гражданских прав. Сборник ученых трудов. – Свердловск, 1973. – Вып. 27. – С. 11-12.

[147] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2025).

[148] Латыпов Д. Н. Признание права как способ защиты гражданских прав: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Пермь, 2010. – С. 3.

вуҷуд дорад зеро дар Кодекси маданӣ мафҳуми расмии «эътирофи ҳуқуқ» оварда нашудааст.

Қ.Ш. Қурбонов ва И.Ғ. Ғаффорзода ба чунин назаранд, ки эътирофи ҳуқуқ ба сифати тарзи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ тибқи тартиби судӣ сурат мегирад, зеро суд ҳамчун мақоми юрисдиксионӣ метавонад мавҷудият ё мавҷуд набудани ҳуқуқи мавриди баҳси шахсро тасдиқ намояд (гарчанде аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ихтиёран эътироф намудани ҳуқуқ ҷой дошта метавонад). Эътирофи ҳуқуқ дар ҳолатҳое, ки агар ҳуқуқи субъективии мадании шахс амалан мавҷуд бошад, вале мавҷудияти онро ин ё он шахс рад намояд ва вобаста ба он баҳс ба миён омада бошад ё метавонад ба миён ояд, истифода бурда мешавад[149].

Агар ба таври воқеӣ дар бораи эътирофи ҳуқуқ дар низоми тарзҳои ҳимоя назар кунем, ба он рақами тартибии «якум» ҷудо карда шудааст. Воқеан ҳам, эътирофи ҳуқуқ дар ибтидои рӯйхати тарзҳои ҳимоя қарор дошта, онро оғоз мекунад. Чунин ҷойгиршавии эътирофи ҳуқуқ аз аҳаммияти хосси он дар миёни дигар тарҳои ҳимоя шаҳодат медиҳад, зеро, пеш аз ҳама, ҳадафи тарзи мавриди таҳқиқ эътироф намудани ҳуқуқест, ки субъект ба таври қонунӣ соҳиби он мебошад, аммо бо сабабҳои гуногун аз ҷониби шахсони дигар эътироф намегардад ё мавриди баҳс қарор мегирад ва бо ин роҳ вайрон мешавад.

Инчунин, чунин мавқеи эътирофи ҳуқуқ дар низоми тарзҳои ҳимоя метавонад ба хусусияти универсалӣ доштани он ишора намояд, яъне қобили татбиқ будани он барои ҳифзи ҳар гуна ҳуқуқи субъективии маданӣ. Дар илм мавқеи равшан ва якмаъно ташаккул ёфтааст, ки мувофиқи он эътирофи ҳуқуқ тарзи универсалии ҳимоя ба ҳисоб меравад ва он метавонад барои ҳифзи ҳуқуқҳои моликиятӣ (ашёӣ), корпоративӣ, ҳуқуқҳои зеҳнӣ (молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ) ва ҳатто барои ҳифзи ҳуқуқҳои уҳдадорӣ татбиқ гардад.

Дар аксари ҳолатҳо талабот дар хусуси эътирофи ҳуқуқи вайронгардида ё баҳснок асоси зарурӣ ба ҳисоб меравад, ки иҷрои маҷбурии дигар талаботро таъмин менамояд. Масалан, ба пешниҳоди талабот ҷиҳати бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба молу мули ғайриманқул метавонад ба суд пешниҳод намудаи даъво дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият ба он пешниҳоди талабот дар хусуси аз хона кӯчонидан-пешниҳоди даъво дар хусуси эътирофи ҳуқуқи истифодаи бино сабаб гардад. Ҳамзамон эътирофи ҳуқуқ метавонад инчунин аҳаммияти мустақил дошта бошад, масалан, эътирофи муаллифӣ ба асари бадеӣ, илмӣ, санъат, барои ихтироъ ва ғайра.

Дар амал даъвоҳо барои хориҷ намудани молу мулк аз рӯйхат (дар бораи озод кардан аз ҳабс), ки баррасии он инчунин ҳалли баҳсҳоро дар бораи

[149] Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: Донишварон, 2017. – С. 287.

эътирофи ҳуқуқи моликият ба молу мулк дар назар дорад, ниҳоят васеъ паҳн шудааст. Дар амалияи судӣ моҳияти ҳуқуқии чунин даъвоҳо якзайл муайян карда намешаванд. Баъзе аз судҳо даъво дар хусуси хориҷ намудани молу мулкро аз рӯйхат ҳамчун гуногуншаклии махсуси даъво дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият муайян карда, дигар судҳо ҳамчун талаботи мустақил баррасӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба эътирофи ҳуқуқ ҳамчун яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи маданӣ ба андешаи мо он дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1) Эътирофи ҳуқуқ ба қобилияти субъектҳуқуқӣ вобаста аст, яъне қобилияти ҳуқуқӣ, мақоми муайяни ҳуқуқӣ, ки дараҷаи иштироки субъектҳоро дар татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқӣ аз он вобаста аст. Яъне вазъи ҳуқуқии субъектони мазкур дар натиҷаи адолати иҷтимоӣ, афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳои маданӣ, ҳангоми ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ғайра ба таври назаррас дар ташаккул ва татбиқи эътирофи ҳуқуқӣ дахл дорад;

2) Эътирофи ҳуқуқ ба субъектони ҳуқуқи маданӣ имкон медиҳанд, ки ҳадафҳои муштаракро таҳия кунанд ва ба онҳо мустақиман тавассути кӯшишҳои муштарак ё бо роҳи ҳимоя аз онҳо дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои иҷтимоӣ, суд ва мақомоти давлатӣ ноил шаванд. Ин ниҳодҳо ба субъектони ҳуқуқи маданӣ имкони кафолати қонунии эътирофи ҳуқуқии давлатиро фароҳам меоранд;

3) Эътирофи ҳуқуқ ба ҳалли мушкилоти амалан муҳимми ҳуқуқи маданӣ мусоидат намуда, эътимоднокӣ ва устувории қонун, иқтидори онро дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо баланд мебардорад;

4) Эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи мадании мақсаднок аст.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.10.2025).

3. Маҳмудов, М.А., Тағойназаров, Ш.Т., Бобоҷонов, И.Ҳ., Бадалов, Ш.К. Тафсири Кодекси граждании ҶТ (қисми якум) [Матн] / М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе, 2010. – 1000 с.

4. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании

факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор Ш.К. Ғаюров ва н.и.ҳ., дотсент Ф.С. Сулаймонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 342 с.

5. Қурбонов, Қ.Ш., Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи граждани: қисми 1 [Матн] (китоби дарсӣ) / Қ.Ш. Қурбонов, И.Ғ. Ғаффорзода. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 504 с.

6. Гирибанов, В.П. Осуществление и защита граданских прав [Текст] / В.П. Гирибанов. – М.: Статут, 2000. – 411 с.

7. Долинская, В.В. Предпринимательское право [Текст] / В.В. Долинская. – М.: Академия; Мастерство, 2002. – 192 с.

8. Редько, А.А. Правозащитная политика и ее место в правовой политике России [Текст]: теоретико-правовой анализ: дис. ... канд. юрид. наук / А.А. Редько. – Волгоград, 2010. – 192 с.

9. Старовойтова, А.С. Признание права как способ защиты гражданских прав: проблемы теории и практики [Текст]: монография / А.С. Старовойтова. – Москва: Проспект, 2023. – 160 с.

10. Красавчиков, О.А. Ответственность, меры защиты и санкции в советском гражданском праве [Текст] / О.А. Красавчиков // Проблемы гражданско-правовой ответственности и защиты гражданских прав. Сборник ученых трудов. – Свердловск, 1973. – Вып. 27. – С. 5-16.

11. Латыпов, Д.Н. Признание права как способ защиты гражданских прав [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук / Д.Н. Латыпов. – Пермь, 2010. – 30 с.

ПРИЗНАНИЕ ПРАВ ОДИН ИЗ СПОСОБОВ ЗАЩИТЫ ГРАЖДАНСКИХ ПРАВ

Ключевые слова: признание прав; способов защиты; гражданские права; способов защиты гражданских прав; субъекты гражданских прав; цель признания прав; средства признания прав.

Аннотация: В статье рассматривается признание прав один из способов защиты гражданских прав. Основная цель исследования – изучение теоретического и правового значения признание прав один из способов защиты гражданских прав. Исследователь изучил концепцию, сущность и формы регулирования признание прав один из способов защиты гражданских прав, а также выявил его важные особенности и цели. В статье рассматривается изучение существующего опыта признание прав один из способов защиты гражданских прав. Утверждается, что одной из целей анализа и изучения признание прав один из способов защиты гражданских прав является корректное определение этого явления в соответствии с гражданским законодательством Республики Таджикистан.

Курбонализода Нурулло Шамсулло – доктор юридических наук, профессор кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета. **Тел.:** (+992) 918-51-03-02.

Рахмон Суман Султон – соискатель кафедры гражданского права юридического факультета Таджикский национальный университет. **Тел.:** (+992) 904-44-44-77.

RECOGNITION OF RIGHTS IS ONE OF THE WAYS TO PROTECT CIVIL RIGHTS

Keywords: recognition of rights; methods of protection; civil rights; methods of protection of civil rights; subjects of civil rights; purpose of recognition of rights; means of recognition of rights.

Annotation: This article examines the recognition of rights as a means of protecting civil rights. The primary objective of the study is to explore the theoretical and legal significance of recognition as a means of protecting civil rights. The researcher examined the concept, nature, and forms of regulation of recognition as a means of protecting civil rights, identifying its key features and objectives. The article examines existing practices regarding recognition as a means of protecting civil rights. It is argued that one of the goals of analyzing and studying recognition as a means of protecting civil rights is to accurately define this phenomenon in accordance with the civil legislation of the Republic of Tajikistan.

Qurbonalizoda Nurullo Shamsullo – doctor of Law, Professor of the Department of Civil Law, Faculty of Law, Tajik National University. **Phone:** (+992) 918-51-03-02.

Rahmon Suman Sulton – applicant of the Department of Civil Law, Faculty of Law, Tajik National University. **Phone:** (+992) 904-44-44-77.

ИБРОҲИМЗОДА Иззатулло Аҳматулло,
унвончӯйи Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 929-99-98-83.

ТДУ: 347.453.01

МАФҲУМ, ХУСУСИЯТ ВА ШАКЛҲОИ ТАНЗИМИ ИҶОРА

Калидвожаҳо: иҷора; падидаи иҷора; субъектони иҷора; объекти иҷора; мафҳуми иҷора; хусусиятҳои иҷора; шаклҳои танзими иҷора; намудҳои иҷора.

Аннотатсия: Дар мақола мафҳум, хусусият ва шаклҳои танзими иҷора баррасӣ карда шудааст. Ҳадафи асосии тадқиқот таҳлили муқаррароти назариявӣ ва ҳуқуқӣ оид ба мафҳум, хусусият ва шаклҳои танзими иҷора мебошад. Муаллиф мафҳум, моҳият ва шаклҳои танзими иҷораро омӯхта, хусусиятҳои муҳим ва шаклҳои танзими иҷораро муайян кардааст. Таҳлили таҷрибаи мавҷудаи шаклҳои танзими иҷора баррасӣ шудааст. Қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои таҳлил намудани мафҳум, хусусият ва шаклҳои танзими иҷора ин дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои иҷоравӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар замони муосир муносибатҳои иҷоравӣ қисми муҳимми таркибии ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ нақши асосӣ доранд. Ҳамзамон иҷора воситаи муҳимми қонеъ гардонидани манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Иҷора ҳам хусусиятҳои хоси назария ва амалияи муносибатҳои мадании муосирро ба эътибор гирифта, ба муносибатҳои анъанавӣ-классикӣ такя мекунад.

О.С. Иоффе ба чунин назар аст, ки ба вуҷуд омадани падидаи иҷора бо омилҳои объективӣ тавсиф карда мешавад. Аксар вақт вазъияте ба миён меояд, ки соҳиби молу мулк барои муддати муайян зарурати истифодаи онро дарк намекунад, аммо ин зарурат метавонад баъдан ба миён ояд. Аз ин рӯ, бегона кардани ашё беасос хоҳад буд. Дар баробари ин, субъектоне мавҷуданд, ки соҳиби чунин ашё набуда, давра ба давра ба истифодабарии он ниёз доранд[150]. Дар ин ҳолат барои ҳар ду тараф роҳи ҳалли манфиатнок ин додани ашё барои истифодабарии муваққатӣ мебошад.

Истилоҳи «иҷора» аз калимаи лотинии «arrendare» - иҷора гирифтан, гирифта шуда, чун анъана аз ҷониби як шахс ба шахси дигар додани ҳуқуқи истифодаи молу мулки худ ифода карда мешавад, ки барои иҷорагир зарур

[150]Ниг.: Иоффе О.С. Обязательственное право. – М.: Юрид. лит., 1975. – С. 304.

аст, мустақилона фаъолияти хоҷагидорӣ ва ё дигар фаъолиятро анҷом медиҳанд[151]. Дар баъзе сарчашмаҳои кишварҳои гуногун, метавон таърифи каме дигарро пайдо кунем, аммо моҳият ҳамоно ягона боқӣ мемонад.

Ба андешаи А.Г. Гусаков мукаммалтарин институти иҷораи молу мулк дар Рими қадим ташаккул ёфтааст. Шартномаи locatio-conductio, ки дар Рим пайдо шудааст, се намуди иҷораро (locatio-conductio rei, locatio-conductio operamm, locatioconductio operis) бо худ муттаҳид мекард, вай на танҳо инкишофи амалиявӣ ва танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораро пешакӣ муайян кардааст, балки он асоси бунёдии шартномаи иҷораи муосир мебошад.

Ба аломатҳои шартномаи locatio-conductio баъзе сивилистон хусусияти консенсуалӣ, синаллагматикӣ, истифодаи худи ашёро на ҳамчун эквиваленти пардохти музд, балки истифода ё меҳнати сарфшударо меномиданд[152]. Дигарон аломати умумии гурӯҳи шартномаи locatio-conductio дар он медиданд, ки «як тараф уҳдадор мешавад, ки ба тарафи дигар барои истифода объекти маъмулро пешниҳод намояд ва тарафи дигар барои истифодаи ин объект маблағи муайяни пулиро диҳад»[153]. Гурӯҳи сеюм дар байни гурӯҳи шартномаи locatio-conductio дар истифода набурдан, ки мундариҷаи махсуси иҷораро ташкил медиҳад, балки дар ҷубронпулӣ, дуҷониба, хусусияти фаврӣ ва шакли пулии подошро медиданд[154].

Предмети иҷора бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

1) ашё бояд барои муомилот иҷозат дода шавад (res in coiTimercio);

2) истифодаи ин ашё бояд нисбат ба шахси мушаххас иҷозат дода шавад;

3) ашё бояд истеъмолнашаванда бошад.

Ба ғайр аз ашёи ҷисмонӣ (res corporales) объекти иҷора дар ҳуқуқи римӣ, метавонад баъзе ҳуқуқҳо бошад (res incorporales): узуфрукт, сервитути шахсӣ (ба ғайр аз usus, эмфитевзиса ва суперфитсий). Дар мавриди сервитути предиалӣ, онҳо метавонанд предмети locatio-conductio танҳо бо қитъаи замин бошанд.

Предмети шартномаи иҷора шуда наметавонист:

1) ашёҳое, ки барои ибодати динӣ пешбинӣ шудаанд (res sacrae);

2) ашёе, ки барои истифодаи умум пешбинӣ шудааст (res publici juris);

3) ашёҳои истеъмолшаванда (res fungibiles).

---

[151]Ниг.: Смирнов В.В., Лукина З.П. Аренда недвижимости (зданий, сооружений, нежилых помещений). – М.: Издательство Ось-89, 1998. – 304 с.

[152]Ниг.: Гусаков А.Г. Система римского права. Обязательственное право. По лекциям доцента А.Г, Гусакова, читанным в 1893-1894 гг. – М., 1894. – С. 332-333.

[153] Римское частное право: учебник / Под ред. проф. И.Б. Новицкого, проф. И.С. Перетерского. – М.: Юристъ. 1994. – С. 445.

[154]Ниг.: Умов В.А. Договор найма муществ по римскому праву и новейшим иностранным законолательств. – М.. Университетская типография, 1872. – С. 4-6.

Дар асрҳои миёна дар Аврупо ҳангоми ретсепсияи ҳуқуқи Римӣ иҷорагир ҳимояи ҳуқуқии моликиятро мегирифт, аммо умуман шартномаи иҷора аз ин хусусият усули ба даст овардани ҳуқуқи моликиятро пайдо накардааст. Гузашта аз ин, қонунгузории Аврупо ба асосҳои қатъи шартномаи иҷора баъзе ислоҳотҳо ворид кардааст. Қоидаи римии «харидорӣ иҷораро вайрон мекунад» тағйир ёфт ва соҳиби молу мулк дар муносибатҳои иҷора ҷойи иҷорадеҳро ишғол намуд. Ин вазъият иҷораро ба ҳуқуқи моликият боз ҳам наздиктар кард. Аммо ин қоида, танҳо аз чораи муҳофизатии ашё беш нест ва боиси ба ҳуқуқи моликият табдил додани иҷора намегардад.

Мафҳуми иҷора дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» ба таври зайл омадааст: «Иҷора – таъҷилаи соҳибӣ кардан ва истифодабарии молу мулк ба ивази маблағ (пардохт) аз рӯйи шартнома. Муродифи иҷора иҷораи молу мулк аст»[155]. Тавре ба назар мерасад, иҷора байни субъектони муайян тавассути бастани шартнома сурат мегирад.

Падидаи иҷора дар ҶТ баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, муносибатҳои иҷоравӣ дар заминаи арзишҳои бунёдии иқтисоди бозоргонӣ, ба монанди гуногуншаклии моликият, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ташаккул ёфта, аҳаммияти муҳимми иқтисодию иҷтимоӣ, хусусан иҷораи молу мулки манқул ва ғайриманқул ва дар айни замон инкишофи ҳуқуқӣ пайдо карданд. Ин арзишҳои бунёдии муносибатҳои иҷоравӣ баъди қабули Конститутсияи ҶТ[156] дар моддаҳои 12 ва 32, қонунгузории маданӣ мустаҳкам гардиданд.

Дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ институти иҷора бо Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918[157] ва Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора дар ҶТ» аз 6 декабри соли 1990, №184[158] танзим карда шудааст. Тавре, аз қисми 2 моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора дар ҶТ» бар меояд: «Иҷора дар асоси шартнома ба муҳлати муайян бо подош ихтиёрдорӣ ва истифода кардани замин, дигар захираҳои табиӣ, корхонаҳо (иттиҳодияҳо) ва комплексҳои дигари молу мулк, инчунин дигар хел амволе мебошад, ки ба иҷоракор барои мустақилона пеш бурдани фаъолияти хоҷагӣ ва ё дигар фаъолияташ зарур аст». Тибқи моддаи 671 Кодекси мадании ҶТ «мувофиқи

[155] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 195.

[156] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[157] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2025).

[158] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 декабри соли 1990, №184 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2025).

шартномаи иҷора иҷорадеҳ уҳдадор мешавад молу мулкро бар ивази музд ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ ё ба истифодаи иҷорагир супорад». Чуноне, ки аз таърифи мазкур бар меояд ба шартномаи иҷора хусусиятҳои зерин хос аст:

а) шартномаи мазкур ба гурӯҳи шартномаҳо оид ба таҳвили ашё дохил шуда, ҳуқуқи моликият ба ашё аз ҷониби иҷорагир ба вуҷуд намеояд. Иҷорагир танҳо ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодабариро дорад, ки бо ин хусусияташ шартномаи иҷора аз дигар шартномаҳо, аз қабили шартномаи хариду фурӯш, мубодила ва қарз фарқ мекунад;

б) дар Кодекси мадании ҶТ то андозе ҷанбаҳои асосии шартномаи иҷора дар сатҳи қонун мустаҳкам гарданд. Албатта, чунин ҳолат ҳаргиз маънои онро надорад, ки принсипи диспозитивӣ дар ин шартнома поймол шудааст. Дар бисёр мавридҳо Кодекси мадании ҶТ интихоби тарзи рафторро ба худи иштирокчиёни шартнома ҳавола мекунад;

в) дар Кодекси мадании ҶТ кӯшиши таснифи шартномаи иҷора карда шудааст. Вале бояд қайд намуд, ки ин таснифот аз рӯйи маҳаки ягона нашудааст. Дар ҳар як мавриди мушаххас қонунгузор хусусиятҳои хоси ҳамон навъи иҷораро ба назар гирифтааст.

Дар назарияи илми ҳуқуқи маданӣ ду принсипи умумие мавҷуданд, ки танзими ҳуқуқи мадании масъалаҳои шартномаи иҷора ба онҳо асос ёфтааст. Яъне: 1) ин принсипи озодии шартнома мебошад, ки моҳияташ дар он зоҳир мешавад, ки миқдори меъёрҳои императивӣ ба мазмуни иҷораи молу мулки манқул ва ғайриманқул алоқаманд ниҳоят кам аст. Онҳо асосан ба шакли шартнома ва зарурати бақайдгирии давлатии он марбутанд; 2) принсипи ҳифзнамоӣ, тавре ки дар робита ба иҷораи молу мулки манқул ва ғайриманқул ба амал омадааст, ба принсипи ҳимояи ҳуқуқҳои тарафҳои иҷора бошад дар уҳдадорӣ муттасил татбиқ карда мешавад, ки он метавонад дар вазъияти мушаххас ҳам иҷорадеҳ бошад ва ҳам иҷорагир.

Дар боби 39 Кодекси мадании ҶТ муносибатҳои иҷоравӣ ду шакли танзими худро ёфтаанд, яъне: «Тарзҳои умумӣ ва махсус». Муҳимтарин хусусиятҳои ҳуқуқӣ, принсипу усулҳои бунёдии муносибатҳои иҷоравии муосир дар боби мазкур ифода ёфтаанд. Тавре дар боло оид ба таври умумӣ ва махсус сурат гирифтани танзими муносибатҳои иҷоравӣ ишора намудем дар алоҳидагӣ атрофи шаклҳои танзими умумӣ ва махсус мавқеи худро муайян менамоем.

Танзими умумӣ. Қонунгузории маданӣ низоми умумӣ-ҳуқуқиро барои баъзе унсурҳои шартномаи иҷора муайян кардааст. Аз ҷумла:

1. Муносибатҳои иҷоравӣ дорои як қатор хусусиятҳое мебошанд, ки яке аз онҳо ин доираи васеи иштирокчиёни ин муносибат мебошад. Шакли нисбатан паҳнгардидаи аҳдҳо ин аҳдҳои (шартномаҳои) дутарафа ё

бисёртарафа мебошанд: хариду фурӯш, иҷора, суғурта, паймонкорӣ ва ғайра. Барои анҷон додани чунин аҳдҳо иродаи мувофиқашудаи ду тараф ё бештар аз он зарур аст[159]. Тавре аз табиати ҳуқуқии дутарафа доштани шартномаи иҷора бар меояд, шартномаи мазкур дар байни иҷорадеҳ ва иҷорагир баста мешавад. Дар муносибатҳои иҷоравӣ ҳамаи субъектони ҳуқуқ метавонанд иштирок кунанд. Аз ҷумла, шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ҶТ ва воҳидҳои марзию маъмурии он.

Як нуқтаро бояд қайд кард, ки ба сифати тарафҳои шартномаи иҷора бояд субъектоне баромад намоянд, ки соҳибмулки предмети шартнома бошад.

2. Мавзуи (предмети) иҷора молу мулки манқул ва ғайриманқул шуда метавонад. Ба сифати объекти шартномаи иҷора танҳо ашёи бо нишонаи инфиродӣ муайяншуда баромад карда метавонанд[160]. Ба иҷора метавонанд қитъаи замин, канданиҳои фоиданоки умумӣ ва объектҳои дигари алоҳидаи табиӣ, корхонаҳо ва маҷмуаҳои молу мулк, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ашёи дигаре, ки онҳо дар ҷараёни истифода (ашёи ғайриистеъмолӣ) хосияти аслии худро гум намекунанд, супорида шаванд.

3. Шакли шартномаи иҷора барои муҳлати зиёда аз як сол ва агар яке аз тарафҳои шартнома шахси ҳуқуқӣ бошад, сарфи назар аз муҳлат, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Шартномаи иҷора ҳамеша тариқи хаттӣ баста мешавад ин ба он ҳадаф нигаронида шудааст, ки ҳангоми ба вуҷуд омаданӣ баҳс миёни иҷорадеҳ ва иҷорагир ҳуҷҷати тариқи хаттӣ басташудаи тарфҳо баҳри муайян намудани ҳолати воқеии кор мусоидат мекунад.

4. Пули иҷора барои тамоми молу мулки ба иҷора гирифташуда дар маҷмуъ ё аз рӯйи ҳар як қисми таркибии он алоҳида дар шаклҳои зерин муқаррар карда мешавад: а) маблағи муайяни устувор, ки давра ба давра ё якбора пардохт карда мешавад; б) ҳиссаи муқарраргардидаи самара, маҳсулот ё даромаде, ки дар натиҷаи истифодаи молу мулки ба иҷора гирифташуда ба даст омадаанд; в) аз тарафи иҷорагир пешниҳоди хизматрасонии муайян; г) аз тарафи иҷорагир ба моликияти иҷорадеҳ ё ба иҷора супорида шудани ашёи дар шартнома зикргардида; ғ) ба зиммаи иҷорагир вогузор шудани хароҷоти дар шартнома зикргардида оид ба беҳтар намудани молу мулки ба иҷора гирифташуда.

5. Шартномаи иҷора ба муҳлати дар он муайяннамуда баста мешавад. Агар дар шартнома муҳлати иҷораи молу мулк муайян нашуда бошад, шартнома барои муҳлати номуайян басташуда ба ҳисоб меравад. Дар айни ҳол, ҳар яке аз тарафҳо ҳуқуқ дорад ҳар вақт аз шартнома даст кашад ва дар

[159] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании ҶТ (қисми якум). – Душанбе, 2010. – С. 471.

[160] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор Ш.К. Ғаюров ва н.и.ҳ., дотсент Ф.С. Сулаймонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 72.

ин бобат тарафи дигарро як моҳ пеш ва ҳангоми иҷораи молу мулки ғайриманқул се моҳ пеш огоҳ созад. Дар қонун ё шартнома барои огоҳ кардан аз қатъи шартномаи иҷора, ки барои муҳлати номуайян баста шудааст, мумкин аст муҳлати дигар муқаррар карда шавад.

Танзими махсус. Қонунгузории маданӣ низоми махсуси ҳуқуқиро барои баъзе навъҳои иҷора муайян кардааст (шартномаи иҷораи молу мулк), шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт, шартномаи иҷораи бино ва иншоот, шартномаи иҷораи корхона, шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ, шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ, шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ).

Танзими махсуси муносибатҳои иҷоравӣ ба он равона карда шудааст, ки вобаста ба маҳакҳои хусусиятҳои хоси объекти иҷора, вазъи ҳуқуқии тарафҳои иҷора, талабот вобаста ба масъалаҳои бақайдгирии давлатии иҷора, масъалаҳои доир ба арзиши объекти иҷора, доир ба табиати ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи шартномаи иҷора, масъалаҳо оид ба бастан, тағйир ва қатъи намудҳои алоҳидаи шартномаи иҷора ва масъалаҳои оид ба ҷавобгарии мадании тарафҳои намудҳои алоҳидаи шартномаи иҷора танзими махсусро соҳиб гардидаанд. Инчунин ҷиҳати танзими навъҳои алоҳидаи шартномаи иҷора қонунҳои соҳавӣ низ нақши муҳим доранд.

Ҳамин тариқ, ҳамчун хусусиятҳои рушди падидаи иҷора инҳоро метавон муайян кард: а) бетағйир нигоҳ доштани фаҳмиши умумии иҷора ва муқаррароти асосие, ки онро танзим мекунанд; б) ба вуҷуд омадани тамоюли пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқи иҷорагир ва иҷорадеҳ ба назар мерасад.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд [Матн]. – Душанбе, 2016. – 136 с.

2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2025).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 декабри соли 1990, №184 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2025).

4. Маҳмудов, М.А., Тағойназаров, Ш.Т., Бобоҷонов, И.Ҳ., Бадалов, Ш.К. Тафсири Кодекси граждании ҶТ (қисми якум) [Матн] / М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе, 2010. – 1000 с.

5. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ [Матн] / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профсессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 610 с.

6. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор Ш.К. Ғаюров ва н.и.ҳ., дотсент Ф.С. Сулаймонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 232 с.

7. Римское частное право [Текст]: учебник / Под ред. проф. И.Б. Новицкого, проф. И.С. Перетерского. – М.: Юристъ, 1994. – 560 с.

8. Смирнов, В.В., Лукина, З.П. Аренда недвижимости (зданий, сооружений, нежилых помещений) [Текст] / В.В. Смирнов, З.П. Лукина. – М.: Издательство Ось-89, 1998. – 304 с.

9. Гусаков, А.Г. Система римского права. Обязательственное право [Текст]: по лекциям пр-доцента А.Г, Гусакова, читанным в 1893-1894 гг. / А.Г. Гусаков. – М., 1894. – 418 с.

10. Умов, В.А. Договор найма муществ по римскому праву и новейшим иностранным законолательств [Текст] / В.А. Умов. – М.: Университетская типография, 1872. – 369 с.

11. Иоффе, О.С. Обязательственное право [Текст] / О.С. Иоффе. – М.: Юрид. лит., 1975. – 880 с.

ПОНЯТИЕ, ОСОБЕННОСТИ И ФОРМЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ АРЕНДЫ

Ключевые слова: аренда; арендные отношения; субъекты аренды; объект аренды; понятие аренды; особенности аренды; формы регулирования аренды; виды аренды.

Аннотация: В статье рассматриваются понятие, особенности и формы правового регулирования аренды. Основной целью исследования является анализ теоретических и правовых положений, касающихся понятия, особенностей и форм регулирования арендных отношений. Автором изучены понятие, сущность и формы регулирования аренды, выявлены ее существенные признаки, а также определены основные формы правового регулирования аренды. В работе проанализирована сложившаяся практика применения форм регулирования арендных отношений. Отмечается, что одной из целей анализа понятия, особенностей и форм регулирования аренды является обеспечение надлежащей организации арендных отношений в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Иброхимзода Иззатулло Ахматулло – соискатель Национальный законодательный центр при Президенте Республики Таджикистан. **Тел.:** (+992) 929-99-98-83.

THE CONCEPT, CHARACTERISTICS AND FORMS OF RENT REGULATION

Keywords: Lease; the phenomenon of lease; subjects of lease; lease object; the concept of lease; features of lease; forms of lease regulation; types of lease.

Annotation: The article discusses the concept, features and forms of rent regulation. The main objective of the study is to analyze theoretical and legal provisions on the concept, features and forms of rent regulation. The author has studied the concept, essence and forms of rent regulation, identified important features and forms of rent regulation. An analysis of the existing experience of forms of rent regulation is considered. It is noted that one of the goals of analyzing the concept, features and forms of rent regulation is the correct establishment of rental relations in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

Ibrohimzoda Izzatullo Ahmatullo – applicant of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 929-99-98-83.

РАҲИМ Зафар Ҳаким,
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини директори Маркази ҷумҳуриявии
экспертизаи судӣ ва криминалистии
Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918-85-40-49.

ТДУ: 349.6

ЭКСПЕРТИЗАИ ДАВЛАТИИ СУДӢ-ЭКОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: экспертиза; экспертизаи давлатӣ; экспертизаи давлатии судӣ-экологӣ; фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ; коршиноси судӣ; муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ; хулоса; тадқиқот; қонунгузории мурофиавии Ҷуҳурии Тоҷикистон.

Аннотатсия: дар мақолаи мазкур тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ-экологӣ тибқи қонунгузории амалкунанда мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф дар такя ба санадҳои қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ кӯшиш намудааст, моҳият ва аҳаммияти экспертизаи давлатии судӣ ва экологиро мавриди таҳлили ҳуқуқӣ-илмӣ қарор диҳад.

Экспертиза аз калимаи лотинии «expertus» гирифта шуда, маънояш донанда аз тачриба, ботачриба, озмудашуда ва ё санҷидашуда мебошад, ки дар назария ва амалия барои нишон додани тадқиқоте истифода бурда мешавад, ки донишҳои махсуси касбиро талаб мекунад[161].

Ба андешаи олимони соҳа экспертизаи судӣ - ин намуди махсуси аз дигар экспертизаҳо фарқкунанда буда, мавқеи махсусро ишғол менамояд ва шабоҳати он ба экспертизаҳо дар самтҳои дигари фаъолияти инсонӣ дар он аст, ки вай аслан тадқиқотӣ буда, бо истифодаи донишҳои махсус асоснок карда шудааст[162].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатӣ» қабул гардид. Қонуни мазкур аз 8 боб ва 46 модда иборат буда, асоси ҳуқуқӣ ва вазифаҳои асосии фаъолияти экспертизаи давлатии судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда,

[161]Ниг.: Ерофеев Б.В. Экологическое право: учебник. – 3-е изд., доп. – М.: ИД ФОРУМ: ИНФРА-М, 2006. – С. 150.
[162] Экспертизаи судӣ (воситаи таълимӣ). – Душанбе, 2017. – С. 11.

муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ҳангоми ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ба вуҷуд меояд, танзим менамояд.

Дар моддаи 4 Қонуни мазкур мафҳуми фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ бо чунин мазмун оварда шудааст, ки фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ ин фаъолиятест оид ба ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ аз рӯйи таъиноти суд, қарорҳои судя, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ва дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби муассисаҳои махсус, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода аст, бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ, иқтисодӣ ё маъмурӣ тавассути донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар муқаррар намудани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, мебошад.

Аз мафҳуми додашуда чунин бармеояд, ки: а) ин фаъолият баҳри ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ равона шудааст; б) аз рӯйи таъиноти суд, қарорҳои судя, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузаронида мешавад; в) аз ҷониби муассисаҳои махсус, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро таъсис додааст, анҷом дода мешавад; г) баҳри ҳимояи манфиатҳои қонунии шахс дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ, иқтисодӣ ё маъмурӣ равона шудааст; ғ) бо истифода аз донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар бо мақсади муайян намудани ҳолатҳое равона карда шудааст, ки бояд исбот карда шавад[163].

Таҳлил нишон медиҳад, ки мафҳуми экспертизаи давлатии судие, ки дар Қонуни мазкур оварда шудааст, паҳлуҳои мафҳуми илмию назариявии додашударо дар бар гирифта, нисбатан ба он дақиқтар ва фаҳмо мебошад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки бо сабаби он, ки муассисаҳои экспертӣ тадқиқотро дар соҳаи муайян бо супориши мақомоти давлатӣ мегузаронанд ва хулосаи коршиноси судии муассисаҳои мазкур имконияти дар оянда исбот намудани ҳолатҳоро дар суд доранд, бинобар ин дар мафҳуми фаъолият истилоҳи «экспертизаи давлатии судӣ» истифода бурда мешавад.

Дар қисми 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатӣ» ишора шудааст, ки фаъолияти мазкурро ба ғайр аз Қонуни мазкур инчунин қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд. Албатта ин бесабаб нест, чунки аллакай ба мо маълум аст, ки фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ аз рӯйи таъиноти суд, қарорҳои судя, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Ин маънои онро дорад, ки экспертизаи давлатии судӣ бо

[163] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №228 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

дорхости мақомоти таъинкунандаи экспертиза ва ё бо муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби муассисаҳои экспертӣ гузаронида мешавад. Яъне экспертизаи давлатии судӣ ба таври мурофиавӣ ва ғайри мурофиавӣ таъин ва гузаронида мешавад.

Чун қоида, ҳангоми хусусияти мурофиавӣ доштани масъалаи ҳуқуқӣ, он ҳатман бояд, ки дар қонунгузории мурофиавӣ танзими худро ёбад. Аз сабабе, ки масъалаи экспертизаи давлатии судӣ хусусияти мурофиавӣ дорад, он ба ғайр аз қонуни соҳавӣ дар кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудааст. Дар кодексҳои мурофиавии мазкур тартиби таъин намудани экспертиза, даврaҳои гузаронидани он, ба монанди экспертизаҳои ибтидоӣ, иловагӣ, такрорӣ, комиссионӣ, комплексӣ ва дигар масъалаи экспертиза танзим шудааст.

Масъалаи дигари муҳиме, ки дар фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ дида мешавад, ин аст, ки фаъолияти мазкур бояд аз ҷониби муассисаҳои махсусе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро таъсис додааст, анҷом дода шавад.

Агар қонунгузории соҳаро таҳлил намоем, дар қисми 1 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатӣ» муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки онҳо вобаста ба соҳаҳои мухталиф дар сохторҳои вазорату идораҳои дахлдор фаъолият менамоянд. Масалан, вобаста ба экспертизаи судӣ ва криминалистӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба экспертизаи судии тиббӣ ва судии равонпизишкӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монанди инҳо.

Бояд зикр кард, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021, №334 Оинномаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст. Тибқи Оинномаи мазкур Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи давлатӣ ва муассиси он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, мақоми ваколатдори идоракунандаи он Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мутобиқи банди 29 Оинномаи мазкур Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати гузаронидани экспертизаҳои техникӣ-криминалистии ҳуҷҷатҳо, фототехникӣ, ҳабитологӣ, пайшиносӣ, силоҳшиносӣ ва пайҳои тир, нишонаҳои тамғавӣ, инфиҷорӣ-техникӣ, криминалистии мавод, ашё ва маснуот, хокшиносӣ,

биологӣ, сохтмонӣ-техникӣ, нақлиётӣ, муҳосибӣ, молиявӣ-иқтисодӣ, молшиносӣ, **судӣ-экологӣ** ва судӣ-овозшиносиро дорад[164].

Таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ аз ҷониби мақомоти иҷроия амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, бо вуҷуди он ки масъалаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар доираи илмҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ва ё криминалистика омӯхта мешавад, инчунин онро аз нигоҳи баамалбарории фаъолият ё ин ки идоракунии соҳа, ба ҳуқуқи маъмурӣ ва ё соҳаи идоракунии давлатӣ рабт додан мункин аст. Чунки ин фаъолият тибқи санадҳои қонунгузорӣ аз ҷониби муассисаҳои давлатие, ки хоси мақомоти иҷроия ҳастанд, амалӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, самаранокии фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ ҳангоми ташкил ва гузаронидани он дар таҳия ва пешниҳод намуди хулосаи коршиноси судӣ пайдо мегардад, ки он барои исбот намудани ҳолатҳои кор ниҳоят муҳим аст. Дар ин ҳолат ба соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ тааллуқ доштани экспертизаи давлатии судӣ аз нигоҳи мо боз дар он аст, ки коршиноси судӣ экспертизаи давлатии судиро бо тартиби иҷрои вазифаҳои хидматии худ дар муассисаҳои экспертӣ мегузаронад (м. 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатӣ»).

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти экспертизаи экологӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул гардида, амал менамояд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 16 апрели соли 2012, №818, ки дар он мафҳуми экспертизаи экологӣ бо мазмуни зерин оварда шудааст: «**экспертизаи экологӣ** - муқаррар намудани мутобиқат ё номутобиқатии ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла санадҳои меъёрии техникӣ мебошад.

Экспертизаи давлатии экологӣ дар асоси аризаи фармоишгар бо замимаи ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки бояд аз экспертизаи давлатии экологӣ гузаранд, маводи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки таркиб ва мундариҷаашонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, гузаронида мешавад (м. 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»)[165].

---

[164] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Оинномаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 августи соли 2021, №334 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[165] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 16 апрели соли 2012, №818 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

Ҳамзамон, вобаста ба тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №697 «Тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ» қабул гардидааст. Тибқи он экспертизаи давлатии экологӣ дар асоси аризаи фармоишгар ва ё таҳиягари ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо замимаи мавод оид ба арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист аз ҷониби мутахассисони ваколатдори мақомоти экспертии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад[166].

Ба андешаи М.М. Соҳибзода дар ҳуқуқи экологӣ бошад, эксперт шахси дорои донишҳои махсус ва таҷрибаи кофӣ барои гузаронидани экспертизаи экологӣ зарур, ки бо тартиби муқаррарнамуда, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ ҷалб карда мешавад ва (ё) шахсони мансабдори мақомоти давлатии барои гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ масъул аст[167].

Таҳили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» ва «Тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ» масъалаи ташкил ва гузаронидани экспетизаи давлатии экологӣ танзим шуда, тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ-экологӣ бошад танзим нашудааст.

Бинобар ин, ҳангоми ба миён омадани зарурат оид ба гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ-экологӣ талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021, №334 ва қонунгузории мурофиавӣ ба инобат гирифта шуда, экспертизаи судӣ-экологӣ ҳамчун экспертизаи комплексӣ дар Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаонида мешавад.

АДАБИЁТ:

1. Ерофеев, Б.В. Экологическое право [Текст]: учебник / Б.В. Ерофеев. – 3-е изд., доп. – М.: ИД ФОРУМ: ИНФРА-М, 2006. – 318 с.

2. Экспертизаи судӣ [Матн] (воситаи таълимӣ). – Душанбе, 2017. – 166 с.

[166] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ» аз 3 декабри соли 2012, №697 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

[167] Ниг.: Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми умумӣ: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 393; Соҳибзода М.М. Ҳамбастагии маърифати ҳуқуқӣ ва маърифати экологӣ: ташаббусҳои шоиста ва заминаҳои рушд: монография // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2024. – С. 371.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №228 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Оинномаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 августи соли 2021, №334 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 16 апрели соли 2012, №818 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ» аз 3 декабри соли 2012, №697 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.10.2025).

7. Соҳибзода, М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: қисми умумӣ: нашри аввал / М.М. Соҳибзода // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 584 с.

8. Соҳибзода, М.М. Ҳамбастагии маърифати ҳуқуқӣ ва маърифати экологӣ: ташаббусҳои шоиста ва заминаҳои рушд [Матн]: монография / М.М. Соҳибзода // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2024. – 448 с.

ГОСУДАРСТВЕННАЯ СУДЕБНО-ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ЭКСПЕРТИЗА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: экспертиза; государственная экспертиза; государственная судебно-экологическая экспертиза; деятельность Государственной судебной экспертизы; судебный эксперт; учреждения Государственной судебной экспертизы; заключение; исследование; процессуальное законодательство Республики Таджикистан.

Аннотация: В данной статье анализируется и изучается порядок организации и проведения государственной судебно-экологической

экспертизы в соответствии с действующим законодательством. Автор, опираясь на законодательные акты и научную литературу, пытался подвергнуть правовому и научному анализу сущность и значение Государственной судебной и экологической экспертизы.

Рахим Зафар Хаким – соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, заместитель директора Республиканского центра судебной и криминалистической экспертизы Министерство юстиции Республики Таджикистан. **Тел.:** (+992) 918-85-40-49.

STATE FORENSIC-ECOLOGICAL EXPERTISE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: expertise; state expertise; state forensic environmental expertise; activities of State forensic expertise; judicial expert; institutions of State forensic expertise; conclusion; research; procedural legislation of the Republic of Tajikistan.

Annotation: This article analyzes and examines the procedure for organizing and conducting a state forensic environmental assessment in accordance with current legislation. The author, relying on legislative acts and scientific literature, tried to subject the essence and significance of State judicial and environmental expertise to legal and scientific analysis.

Rahim Zafar Hakim – applicant of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Deputy Director of the Republican Center for Forensic and Criminalistic Expertise, Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 918-85-40-49.

САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКТЫ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ТАЪИНОТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

ш. Душанбе 19 феврали соли 2025

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А., судя-котиб Ҷамшедзода Ҷ.Н., судяҳо: Абдураҳимзода Д.Р., Қувватзода Ф.Ҷ. ва Идрисзода Б.А.

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ – Усмонзода Н.А.,

дар маҷлиси судии Суди конститутсионӣ гузориши судяҳои Суди конститутсионӣ Абдураҳимзода Д.Р. ва Идрисзода Б.А.-ро аз рӯйи дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии Ғоибов Ф.С. – муовини директори департаменти ҳуқуқи Донишгоҳ «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шунида,

м у а й я н к а р д:

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии Ғоибов Ф.С. бо дархост ба Суди конститутсионӣ мурочиат намуда, дар он зикр менамояд, ки он дар асоси Шартномаи байналмилалӣ аз моҳи августи соли 2000-ум байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Имомати Исмоилиён таъсис ёфтааст.

Мурочиаткунанда қайд менамояд, ки бо қарорҳои Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 14 июни соли 2005, №236 ва 18 ноябри соли 2006, №270 ва қарори раиси шаҳри Хоруғ аз 26 декабри соли 2005, №492 аз ҳисоби заминҳои ғайрикишоварзӣ барои сохтмони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар

шаҳри Хоруғ иловатан қитъаи замин ба масоҳати умумии 37,74 га ҷудо карда шуд.

Ҳамчунин муроҷиаткунанда иброз медорад, ки Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо ҳалномаи худ аз 28 июли соли 2023 аризаи даъвогии прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар хусуси беэътибор донистани қарорҳои болозикри раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва раиси шаҳри Хоруғ ва гузаронидани қитъаи замин бо масоҳати умумии 37,74 гектар ба манфиати давлат ба тавозуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро қонеъ гардонда, қарорҳои Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 14 июни соли 2005 №236, аз 18 ноябри соли 2006, №270 ва қарори раиси шаҳри Хоруғ аз 26 декабри соли 2005, №492 беэътибор дониста шуданд.

Ҳамзамон, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо ҳамин ҳалномаи худ сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замини силсилаи А №0149747 ва А №00146370-ро беэътибор дониста, қитъаи замини аз ҳисоби заминҳои ғайрикишоварзии шаҳри Хоруғ бо масоҳати умумии 37,74 гектар барои сохтмони иловагии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҷудошуда ба тавозуни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон гузаронида шуд.

Муроҷиаткунанда қайд менамояд, ки ҳалномаи Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо он асоснок шудааст, ки қарорҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 14 июни соли 2005 № 236 ва аз 18 ноябри соли 2006 № 270 ва қарори раиси шаҳри Хоруғ аз 26 декабри соли 2005, №492 бар хилофи моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд. Зеро мутобиқи моддаи 25-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ қитъаи замин барои истифодаи муҳлатнок ба муҳлати то 50 сол дода мешавад. Мутобиқи ҳалномаи мазкур, ҳангоми қабули қарорҳои Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 14 июни соли 2005, №236 ва аз 18 ноябри соли 2006, №270 ва қарори Раиси шаҳри Хоруғ аз 26 декабри соли 2005, №492 меъёри мазкур ба эътибор гирифта нашудааст.

Ба андешаи муроҷиаткунанда ин талабот бевосита ба шартномаи байналмилалӣ, аз ҷумла ба банди 2.5 моддаи 2 шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Имомати Исмоилия дар бораи таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда шудааст, мухолифат менамояд ва дар асоси ҳамин меъёр сарфи назар аз ҳама гуна маҳдудиятҳо ба ҳуқуқи замин, ки қонунгузории миллии давлатҳои муассис муайян кардааст, ба Донишгоҳ ҳуқуқи истифодаи замине, ки дар он шаҳраки Донишгоҳ ҷойгир аст, дода мешавад.

Дар ин замина, муроҷиаткунанда таъкид дорад, ки бо тасдиқ намудани ҳамин шартномаи байналмилалӣ оид ба ташкили Донишгоҳ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ ва масъулияти худро барои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи илму маориф изҳор намудааст ва барои иҷро намудани ин уҳдадориҳо зарур мешуморад, ки қонунгузории миллӣ ба уҳдадориҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда, амалишавии воқеии он таъмин карда шавад, то ин ки маҳдудиятҳои қонунгузории миллӣ ба амалисозии ҳадафҳои Донишгоҳ монеъ нашаванд.

Муроҷиаткунанда ваҷҳҳои худро бо он асоснок менамояд, ки мутобиқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд. Дар сурати номутобиқатӣ байни қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки эътироф шудаанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал менамоянд.

Бо дарназардошти он, ки шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Имомати Исмоилия дар бораи таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ба тариқи дахлдор бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2001, №219 тасдиқ карда шудааст, дар заминаи талаботи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, меъёри он нисбат ба меъёри Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият дорад.

Бинобар ин, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С., ба Суди конститутсионӣ муроҷиат намуда, талаб дорад, ки дар асос дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз намуда, мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ субъекти муроҷиат ба Суди конститутсионӣ маҳсуб ёбад ҳам, аммо оғоз кардани мурофиаи судии конститутсионӣ нисбат ба дархости мазкур бинобар ошкор нагардидани номуайянӣ дар масъалаи мутобиқати қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рад карда мешавад.

Зеро, мутобиқи қисми 2 моддаи 44 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои баррасии парванда дар Суди конститутсионӣ ошкор гаштани номуайянӣ дар

масъалаи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос мегардад.

Суди конститутсионӣ масъалаи мутобиқати қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайяние ошкор накард, ки он барои баррасии парванда дар Суди конститутсионӣ асос гардад. Моддаи зикршудаи Конститутсия дорои мазмун ва мавзуи танзими ҳуқуқии худ буда, онро ба таври умум нисбати тамоми масъалаҳои ҷузъии пешбининамудаи қонунгузорӣ, бахусус нисбати қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита татбиқ кардан мантиқ надорад.

Зеро, қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбати қонунгузории ҷумҳурӣ афзалият дода, қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон додани қитъаҳои заминро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба истифодаи муҳлатнок ба муҳлати то 50 сол иҷозат додааст, ки меъёрҳои мазкур ба ҳамдигар алоқамандии бевоситаи мавзуӣ ва мазмунӣ надоранд, ва ин ҳолат мантиқан наметавонад боиси таҳлили муқоисавии конститутсионӣ-ҳуқуқии меъёри моддаи баҳсии Кодекси замин ва меъёри зикршудаи Конститутсия гардад.

Ҳамчунин, дар дархост зикр гардидааст, ки қисми якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи шартномаи болозикр, ки шартномаи байналмилалӣ мебошад, мухолиф буда, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бояд дар асоси меъёри шартнома амал мекард. Яъне муроҷиаткунанда татбиқи меъёрро аз ҷониби суди марҳилаи якум зери шубҳа гузошта, санади судии суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ғайриқонунӣ ва беасос меҳисобад.

Дар чунин ҳолат, баррасии қонунӣ ва асоснокии санади суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳти тобеияти Суди конститутсионӣ қарор надошта, салоҳияти Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бинобар ин, Суди конститутсионӣ мутобиқи қисми дуюми моддаи 44 ва сархатҳои якум ва сеюми моддаи 45 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз намудани мурофиаи судии конститутсиониро дар асоси дархости пешниҳодшуда, бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионӣ қарор надоштани дархости мазкур рад менамояд.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, тибқи талаботи моддаҳои 43, 44, 45, 55 ва 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионӣ,

т а ъ и н к а р д:

1. Оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯйи дархости Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар намояндагии шахси ваколатдор Ғоибов Ф.С. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати сархати якуми моддаи 25 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионӣ қарор надоштани дархости пешниҳодшуда рад карда шавад.

2. Боҷи давлатӣ, ки бо расиди №118452448 аз 21 январи соли 2025 ба КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ба маблағи 75 (ҳафтоду панҷ) сомонӣ супорида шудааст, ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ баргардонида шавад.

3. Таъинот қатъӣ буда, нисбат ба он шикоят овардан мумкин нест.

4. Таъинот дар Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

Раиси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода А.А.

Судя-котиби
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшедзода Ҷ.Н.

ТАЪИНОТИ
СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судии конститутсионӣ оид ба дархости Уманская Любов Семёновна «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои бандҳои 41 ва 42 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият» ба моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

ш. Душанбе 07 октябри соли 2025

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда - Раиси Суди конститутсионӣ Ашурзода А.А., муовини Раис Абдураҳимзода Д.Р., судя-котиб Ҷамшедзода Ҷ.Н., судяҳо: Шарифзода А.Н., Қувватзода Ф.Ҷ., Соҳибзода М.М.,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ – Бобоев Ш.Ш.,

дар маҷлиси судӣ гузориши судя-котиби Суди конститутсионӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н. ва судя Абдураҳимзода Д. Р. оид ба дархости Уманская Любов Семёновна «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои бандҳои 41 ва 42 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият» ба моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро шунида,

м у а й я н к а р д:

Уманская Любов Семёновна бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намуда, дар он зикр менамояд, ки талаби бақайдгирӣ (прописка), ки бо бандҳои 41 ва 42 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2014, №406 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2017, №227) тасдиқ шудааст ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият» ғайриконститутсионӣ эътироф карда шавад.

Мурочиаткунанда Уманская Л.С. иброз медорад, ки ӯ зиёда аз 18 сол бо шаҳрванд Дзодзиев Харитон Николаевич дар як манзил воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино бинои 130/6, ҳуҷраи 18 ҳамчун зану

шавҳар зиндагӣ намудаанд. Ба сифати далели истиқоматаш дар суроғаи мазкур маълумотномаи Муассисаи минтақавии «Идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил»-и минтақаи №12 таҳти №09 аз 28.05.2025, маълумотномаи Муассисаи давлатии «Маркази саломатии №2», иқтибос аз корти тиббии дармонгоҳӣ ва маълумотномаи №422 аз 26.05.2025 оид ба таҳти назорати табиби оилавии МСШ № 2 Мадаминова М.А. буданашро манзур намудааст.

Тавре Уманская Л.С. қайд менамояд, бинобар надоштани шиноснома, ақди никоҳи ӯ бо шаҳрванд Дзодзиев Харитон Николаевич расман ба қайд гирифта нашудааст ва аз ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият танҳо гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда дорад.

Ҳамзамон муроҷиаткунанда иброз медорад, ки муносибатҳои хонаводагиашон пойдор буда, Дзодзиев Харитон чанд маротиба ба шуъбаи шиносномадиҳии ШВКД дар ноҳияи Сино бо ариза муроҷиат намудааст, то ин ки ӯро дар манзили истиқоматиаш воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино, бинои 130/6, ҳуҷраи 18 ба қайд гиранд. Аммо кормандони шуъбаи шиносномадиҳӣ аз сабаби надоштани шиноснома ӯро дар қайди хона нагузоштаанд.

Санаи 10 октябри соли 2023 шаҳрванд Дзодзиев Харитон вафот кардааст. Хонаи дар суроғаи воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А.Сино, бинои 130/6, ҳуҷраи 18 ба соҳибмулкии Дзодзиев Харитон тааллуқ дошта муроҷиаткунанда бо розигии ӯ дар хонаи мазкур зиндагӣ мекардаст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе нисбати Уманская Л.С. бо аризаи даъвогӣ ба Суди ноҳияи Синои ш. Душанбе муроҷиат намуда, талаб кардаанд, ки ӯро бинобар надоштани қайди ҷойи зист дар суроғаи номбурда, кучонанд.

Муроҷиаткунанда изҳор менамояд, ки бо сабаби надоштани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, ба расмият даровардани ваколатнома дар идораи нотариалӣ барои иштироки намояндааш дар суд имконнопазир гардидааст ва суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аризаи даъвогиро бе иштироки ӯ баррасӣ намудааст.

Бо ҳалномаи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 4 апрели соли 2024 аризаи даъвогии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе қонеъ карда шудааст. Уманская Л.С. иброз медорад, ки бо сабаби надоштани шиноснома ва қайди зист, сатҳи пасти саводнокӣ, вазъи иқтисодии душвор ва гирифторӣ ба беморii марбут ба синну сол, имкони шикоят кардан нисбати ҳалномаи судии мазкур надоштааст.

Дар асоси варақаи иҷрои №3 – 154/24 аз 04.03.2024 бо тартиб додани санад, иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Уманская Л.С.- ро 16 июли соли 2025 аз манзили истиқоматии воқеъ дар

шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Сино бинои 130/6, ҳуҷраи 18 бе додани манзили дигар кӯчонидаанд.

Вобаста ба ҳолатҳои зикргардида, муроҷиаткунанда иброз медорад, ки набудани шиноснома ва қайд дар ҷойи истиқомат боиси маҳрум шудани ӯ аз ҳуқуқҳои конститутсиониаш ба шаҳрвандӣ, манзил, ҳимояи судӣ, дахлнопазирии шахсӣ ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, ба андешаи ӯ талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба бақайдгирӣ (прописка) хилофи принсипҳои конститутсионӣ буда, боиси поймолшавии ҳуқуқҳояш гардидааст.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, ӯ ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, талаб дорад, ки дар асоси дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз намуда, мутобиқати меъёрҳои бандҳои 41 ва 42 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» ба моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Ҳамчунин муроҷиаткунанда талаб дорад, ки ба Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2014, №406 тасдиқ шудааст, тағйирот ворид намуда, бандҳои 41 ва 42 фасли 5 - уми он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад ва калимаҳои «қайд кардан», «ба қайд мондан» (прописка), бо калимаи «номнависӣ» (регистрация) иваз карда шавад. Инчунин дар қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» низ, калимаи «бақайд гирифта шудан» (прописка) бо калимаи «сабти ном шудан» (регистрация) иваз карда шавад.

Дар робита ба ин, аз рӯйи дархости адвокат Шозодаева Г.Ш., Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарҷумаи расмии калимаҳои русии «прописка» ва «регистрация» чунин маълумотро пешниҳод намудааст: «Калимаи «прописка» дар фарҳангномаҳои муътабар ба маънои «қайд (сабт) кардан(и), қайд (сабт) кунонидан (и), қайд, сабт, ишора» омада, калимаи «регистрация» маънои «қайд, қайдкунӣ, номнавис, номнависӣ»-ро ифода менамояд» (мактуби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2025, №1-3/393).

Суди конститутсионӣ дархости мазкур ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо мавриди омӯзиш қарор дода, оғоз кардани мурофиаи судии конститутсиониро нисбат ба дархости мазкур бо асосҳои зерин рад менамояд:

1. Дар масъалаи мутобиқати меъёрҳои бандҳои 41 ва 42 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои

тасдиққунандаи шахсият» ба моддаи 24 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номуайянӣ ошкор нагардид, ки барои баррасии масъалаи мазкур дар Суди конститутсионӣ асос шавад. Мутобиқи қисми 2 моддаи 44 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои баррасии парванда дар Суди конститутсионӣ ошкор гаштани номуайянӣ дар масъалаи ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос мегардад.

Муқаррароти моддаҳои 24 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мазмун ва мавзуи танзими ҳуқуқии худ буда, ба бандҳои 41 ва 42 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» иртиботи бевосита надорад. Зеро, моддаи 24 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрвандро ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он муқаррар ва кафолат медиҳад. Банди 41 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба доштани қайд дар ҷойи истиқомат ё маҳалли будубоши муваққатӣ муқаррар менамояд ва ҳамзамон шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранд, вазифадор менамоянд, ки худро дар қайди ҷойи истиқомат гузоранд.

Мутобиқи банди 42 Қоидаҳои зикршуда шаҳрвандоне, ки ҷойи истиқомат ё маҳалли будубоши муваққатиро тағйир дода, аз қайди ҷойи истиқомати пештара ё аз ҷойи будубоши муваққатии пештара худро баровардаанд, уҳдадоранд дар давоми 15 рӯз ба воҳидҳои ҳудудии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар қайди ҷойи нави истиқомат гузоштан ё дар маҳалли будубоши муваққатӣ ба қайд гирифта шудан муроҷиат намоянд.

Ҳамчунин, қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият», уҳдадории шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандро, ки ба таври доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд ё муваққатан дар Тоҷикистон қарор доранд, оид ба доштани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият ва дар қайди ҷойи истиқомат будан ё аз рӯйи ҷойи будубош ба қайд гирифта шудан, муқаррар намудааст, ки меъёри мазкур низ ба моддаи 24 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии бевоситаи мавзуӣ ва мазмунӣ надоранд, ва ин ҳолат мантиқан наметавонад боиси таҳлили муқоисавӣ бо меъёрҳои конститутсионӣ гардад. Меъёрҳои санадҳои болозикр тибқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ муқаррар гардидаанд.

2. Талаби муроҷиаткунанда оид ба ворид намудани тағйирот ба бандҳои 41 ва 42 фасли 5 Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият» таҳти тобеияти Суди конститутсионӣ қарор надоранд, зеро мувофиқи қисми 6 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, №1414 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти (шахси мансабдори) ҳуқуқэҷодкунанда, ки онро қабул намудааст, бо роҳи қабул намудани ҳамон намуд санади меъёрии ҳуқуқие, ки ин тағйиру иловаҳо ба он ворид карда мешаванд, сурат мегирад.

Суди конститутсионӣ мутобиқи қисми 4 моддаи 89 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистонро ба Конститутсия муайян менамояд. Инчунин мувофиқи қисми 2 моддаҳои 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионӣ дорои салоҳияти зерин мебошад:

- баррасии парвандаҳо дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшаванда;

- баррасии парвандаҳо дар хусуси муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия;

- баррасии парвандаҳо оид ба ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;

- иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва дигар қонунҳо муайян кардаанд.

Ҳамин тавр, бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надоштани дархости мазкур, мутобиқи сархатҳои якум ва сеюми моддаи 45 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯйи он рад карда мешавад.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, тибқи талаботи моддаҳои 40, 43, 44, 45, 55 ва 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

т а ъ и н к а р д:

1. Оғоз намудани мурофиаи судии конститутсионӣ аз рӯйи дархости Уманская Любов Семёновна «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати меъёрҳои бандҳои 41 ва 42 фасли 5-уми Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 4 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият» ба моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», бинобар набудани асос барои баррасии парванда ва таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надоштани дархости пешниҳодшуда, рад карда шавад.

2. Боҷи давлатӣ, ки бо расиди №19 аз 06 сентябри соли 2025 ба КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ба маблағи 75 (ҳафтоду панҷ) сомонӣ супорида шудааст, ба шаҳрванд Уманская Л.С. баргардонида шавад.

3. Таъинот қатъӣ буда, нисбат ба он шикоят овардан мумкин нест.

4. Таъинот дар Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

Раиси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода А.А.

Судя-котиби
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшедзода Ҷ.Н.

ТАЛАБОТ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БАРОИ НАШР ДАР МАҶАЛЛАИ «АХБОРИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);

4) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);

5) калидвожаҳо (панҷ-ҳафт калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

6) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд. Масалан, ҳамчуноне ки аз ҷониби М.А. Назарзода ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯйи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

1) таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);

2) паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад.

Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйироти вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи

мақалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

ТРЕБОВАНИЯ, ПРЕДЪЯВЛЯЕМЫЕ К СТАТЬЯМ ДЛЯ ПУБЛИКАЦИИ В ЖУРНАЛЕ «ВЕСТНИК КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;

2) фамилия, имя и отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;

3) контактные данные (номер мобильного телефона и адрес электронной почты автора);

4) аннотации на таджикском, русском и английском языках (до 500 знаков каждая, включая пробелы, точки и запятые);

5) ключевые слова (пять-семь основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;

6) нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: как указано М.М. Назарзода, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

1) воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

2) распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала

предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных.

Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

REQUIREMENTS FOR ARTICLES FOR PUBLICATION IN THE JOURNAL «BULLETIN OF THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN»

The minimum submission size is four pages of text, typed in Word format.

Typesetting parameters: 14-point font, Times New Roman, 1.5-point spacing, margins: top and bottom – 2.5 cm each, left – 1.5 cm each, and right – 3.5 cm each.

The following documents are required with the article:

1) the title of the article in Tajik, Russian, and English;

2) the author's last name, first name, and patronymic in Tajik, Russian, and English;

3) contact information (mobile phone number and email address of the author);

4) Abstracts in Tajik, Russian, and English (up to 500 characters each, including spaces, periods, and commas);

5) Keyword lists (five to seven key words of the article, separated by commas, without explanations) in Tajik, Russian, and English;

6) References are numbered using Arabic numerals in the upper corner of the text, for example: as stated by M.M. Nazarzoda, "this effect manifests itself when..."1.

The list of references is listed alphabetically. Pages must be numbered. Articles are accepted in printed and electronic copies (signed by the author).

Articles are subject to mandatory review by members of the journal's Editorial Advisory Board in accordance with the profile of the submitted work and/or by scientists and specialists invited by the editorial board in accordance with the manuscript review procedure. A negative review constitutes grounds for rejection of the work (the author will be notified of this in writing). No fee is paid for the publication of articles. Graduate students have the right to publish articles free of charge. Authors grant the editors the exclusive right to use the work in the following ways:

1) reproduce the article (right of reproduction);

2) distribute copies of the article by any means (right of distribution).

Submission of material received by the editors is an implied act, creating the corresponding rights and obligations. The author's consent to the publication of the material under the specified conditions, as well as to its placement in the electronic version of the journal, is presumed. The editors reserve the right to publish the journal's materials and articles in electronic legal systems and other electronic databases.

The author may notify the editors of their disagreement with such use of their material when submitting the article. In the event of a violation of these editorial requirements, the material may be returned to the author for revision. The author is obligated to notify the editors of the changes made (by email). If the author fails to comply with these requirements, the editors have the right to refuse publication of the submitted material with a reasoned explanation of the refusal.

ИТТИЛООТ ОИД БА МАҶАЛЛА:

Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мусоидат ба инкишофи конститутсионализм, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол на кам аз чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Шакли дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Индекси обуна: 77818

Нархи солонаи обуна: 400 сомонӣ.

Реквизитҳои бонкӣ:

Ташкилоти дастраскунанда: Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бонк: Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

Суратҳисоб: 20204972111010100001.

С/муросилотӣ: 22402972000002.

БИК: 350101800.

РМА: 020009008.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48.

Телефон: (+992 37) 221-61-96.

Веб-сомона: www.constcourt.tj.

Почтаи электронӣ: info@constcourt.tj.

ИНФОРМАЦИЯ О ЖУРНАЛЕ:

Научно-информационный журнал «Вестник Конституционного Суда Республики Таджикистан» издается не реже четырех раз в год в целях содействия развитию конституционализма, государственной системы правовой информации, разъяснения основных положений законодательства, а также предоставления правовых и информационно-аналитических материалов.

Журнал распространяется ограниченным тиражом.

Форма приобретения журнала – подписка.

Подписка на научно-информационный журнал «Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан» осуществляется через подразделения Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

Подписной индекс: 77818

Стоимость годовой подписки: 400 сомони.

Банковские реквизиты:

Организация-эмитент: Конституционный Суд Республики Таджикистан.

Банк: Главное казначейское управление Министерства финансов Республики Таджикистан, г. Душанбе.

Счет: 20204972111010100001.

Номер для корреспонденции: 22402972000002.

БИК: 350101800.

ИНН: 020009008.

Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Бохтар, 48.

Телефон: (+992 37) 221-61-96.

Сайт: www.constcourt.tj.

Электронная почта: info@constcourt.tj.

ABOUT THE JOURNAL:

The scientific and information journal «Bulletin of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan» is published at least four times a year to promote the development of constitutionalism and the state system of legal information, clarify key legislative provisions, and provide legal and informational and analytical materials.

The journal is distributed in a limited edition.

The journal can be purchased by subscription.

Subscriptions to the scientific and information journal «Bulletin of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan» are available through the Communications Service under the Government of the Republic of Tajikistan.

Subscription index: 77818

Annual subscription fee: 400 somoni.

Bank details:

Issuing organization: Constitutional Court of the Republic of Tajikistan.

Bank: Main Treasury Department of the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan, Dushanbe.

Account: 20204972111010100001.

Correspondence number: 22402972000002.

BIC: 350101800.

TIN: 020009008.

Address: 48 Bokhtar Street, Dushanbe, 734025.

Phone: (+992 37) 221-61-96.

Website: www.constcourt.tj.

E-mail: info@constcourt.tj.

Ба чоп __.03.2026 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/8. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 20,5.
Теъдоди нашр _00 нусха. Супориши №___.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com